# Стандарти байнамилалии ҳисоботи молиявӣ 7
# *“Воситаҳои молиявӣ: Ифшо”*

## Мақсад

1 Мақсади Стандарти мазкур аз муқаррар намудани талабот нисбати аз ҷониби корхонаҳо ифшо намудани маълумот дар ҳисоботи молиявӣ иборат мебошад, ки ба истифодабарандагон имкон медиҳад инҳоро арзёбӣ намоянд:

(а) таъсири воситаҳои молиявӣ ба ҳолати молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона; ва

(б) хусусият ва андозаи хавфҳое, ки корхона дар давоми давра ва санаи охири давраи ҳисоботӣ дар робита бо воситаҳои молиявӣ ба он дучор шудааст ва корхона чӣ тавр ин хавфҳоро идора менамояд.

2 Принсипҳои дар Стандарти мазкур зикршуда принсипҳои эътироф, арзёбӣ ва пешниҳоди дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявиро, ки дар СББМ 32 *“Воситаҳои молиявӣ: пешниҳод” ва СБҲМ 9 “Воситаҳои молиявӣ”* муқаррар шудаанд, пурра менамоянд.

## Доираи татбиқ

3 Стандарти мазкур бояд аз ҷониби ҳама корхонаҳо нисбат ба ҳама навъҳои воситаҳои молиявӣ татбиқ карда шавад, ба истиснои:

(а) он ҳиссаи иштирок дар корхонаҳои фаръӣ, иттиҳодияҳо ё корхонаҳои муштарак, ки тибқи СБҲМ 10 *“Ҳисоботи молиявии маҷмуишуда”, СББМ 27 “Ҳисоботи молиявии алоҳида” ё СББМ 28 “Сармоягузориҳо ба иттиҳодияҳо ва корхонаҳои муштарак”* ба эътибор гирифта мешавад. Аммо, дар баъзе маврид СБҲМ 10, СББМ 27 ё СББМ 28 аз корхона талаб менамоянд ё ба онҳо иҷозат медиҳанд, ки баҳисобгирии ҳиссаи иштирокро дар корхонаи фаръӣ, иттиҳодия ё корхонаи муштарак бо истифода аз СБҲМ 9 анҷом диҳанд. Дар чунин ҳолатҳо корхона бояд талаботи Стандарти мазкур ва дар робита бо он ҳиссаҳои иштироке, ки бо арзиши одилона арзёбӣ мегарданд, талаботи СБҲМ 13 *“Арзёбии арзиши одилона”*-ро низ татбиқ намояд. Корхона инчунин бояд Стандарти мазкурро нисбат ба ҳама дериватиҳо, ки ба ҳиссаи иштирок дар корхонаҳои фаръӣ, иттиҳодияҳо ё корхонаҳои муштарак алоқаманд мебошанд, татбиқ намоянд, ба истиснои ин маврид, ҳангоме, ки дериватив ба муқаррароти воситаи ҳиссавӣ, ки дар СББМ 32 оварда шудааст, мувофиқат нанамояд;

(б) ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки дар корфармоён тибқи барномаҳои подошпулӣ ба кормандон ба вуҷуд меояд, ки нисбат ба онҳо СББМ 19 *“Подошпулӣ ба кормандон”* татбиқ мешавад;

(в) [Соқит шудааст]

(г) шартномаҳои суғурта, чӣ тавре, ки дар СБҲМ 17 *“Шартномаҳои суғурта”* ё шартномаҳои сармоягузории дорои шартҳои иштироки мунфасил муқаррар шуда, ба доираи татбиқи СБҲМ 17 дохил мешаванд. Аммо Стандарти мазкур нисбат ба инҳо татбиқ мешавад:

(i) дериватиҳое, ки ба шартномаҳои мансуб ба доираи татбиқи СБҲМ 17 ворид карда шудаанд, агар СБҲМ 9 аз корхона талаб намояд, ки онҳоро дар алоҳидагӣ ба эътибор гирад;

(ii) таркиби сармоягузорие, ки аз шартномаҳои мансуб ба доираи татбиқи СБҲМ 17 ҷудо карда мешаванд, агар СБҲМ 17 чунин ҷудошавиро талаб намояд, ба истиснои мавридҳое, ки таркиби сармоягузории ҷудошуда шартномаи сармоягузории дорои шартҳои иштироки мунфасилиро ифода намояд;

(iii) ҳуқуқ ва уҳдадориҳое, ки дар тарафи содиркунандаи шартномаҳои суғурта ба вуҷуд омада, ба муқаррароти *шартномаи кафолати молиявӣ* мувофиқат менамоянд, агар он СБҲМ 9-ро ҷиҳати эътироф ва арзёбии чунин шартномаҳо татбиқ намояд. Аммо, тарафи содиркунандаи ин шартномаҳо бояд СБҲМ 17-ро татбиқ намояд, агар он тасмим гирад, ки тибқи банди 7(ғ)-и СБҲМ 17 шартномаҳои зеринро дар асоси СБҲМ 17 эътироф ва арзёбӣ менамояд;

(iv) ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корхона, ки воситаҳои молиявии дар асоси шартномаҳои корти қарзӣ ё шартномаҳои ҳаммонанд бавуҷудомадаро ифода намуда, созишномаҳои қарзӣ ё созишнома дар бораи хизматрасонии марбут ба пардохтро таҷассум менамоянд, ки корхона содир менамояд ва онҳо ба муқаррароти шартномаи суғурта мувофиқат менамоянд, агар корхона СБҲМ 9-ро нисбат ба чунин ҳуқуқ ва уҳдадориҳо тибқи банди 7(ё)-и СБҲМ 17 ва банди 2.1(ғ)(iv)-и СБҲМ 9 татбиқ намояд;

(v) ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корхона, ки воситаҳои молиявиеро ифода менамоянд, ки аз рӯйи шартномаҳои суғуртаи аз ҷониби корхона содиркардашуда ба вуҷуд меоянд. Ин шартномаҳо маблағи ҷуброни рӯйдодҳои суғуртавиро бо он маблағе маҳдуд менамоянд, ки эҳтимолан барои танзими уҳдадориҳои дорандаи биманома, ки таввасути ин шартнома эҷод шудааст, талаб карда мешуд, агар корхона тасмим гирад, ки тибқи банди 8А-и СБҲМ 17 нисбат ба чунин шартномаҳо бар ивази СБҲМ 17 - СБҲМ 9-ро татбиқ намояд.

(ғ) воситаҳои молиявӣ, шартномаҳо ва уҳдадориҳо дар доираи амалиёти пардохт дар асоси саҳмияҳо, ки нисбат ба он СБҲМ 2 “Пардохт дар асоси саҳм” татбиқ мешавад. Аммо Стандарти мазкур нисбат ба шартномаҳое татбиқ мешавад, ки дар доираи СБҲМ 9 қарор доранд.

(д) воситаҳое, ки бояд тибқи бандҳои 16А ва 16Б ё бандҳои 16В ва 16Г-и СББМ 32 ҳамчун воситаҳои ҳиссавӣ гурӯҳбандӣ карда шаванд.

4. Стандарти мазкур ҳам нисбат ба воситаҳои молиявии эътирофшуда ва ҳам нисбат ба воситаҳои молиявии эътирофнашуда татбиқ мегардад. Воситаҳои молиявии эътирофшуда дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявиеро дар бар мегиранд, ки дар доираи татбиқи СБҲМ 9 қарор доранд. Воситаҳои молиявии эътирофнашуда баъзе воситаҳои молиявиеро дар бар мегиранд, ки ҳарчанд дар доираи татбиқи СБҲМ 9 қарор надошта бошанд ҳам, лекин дар доираи татбиқи Стандарти мазкур қарор доранд.

5 Стандарти мазкур нисбат ба шартномаҳои марбут ба харид ё фурӯши объекти ғайримолиявӣ татбиқ мешавад, ки дар доираи татбиқи СБҲМ 9 қарор доранд.

5А Талабот вобаста ба ифшои маълумот дар бораи хавфи қарзӣ, ки тибқи бандҳои 35А-35Қ пешбинӣ гардидааст, нисбат ба он ҳуқуқҳое татбиқ мегардад, ки дар асоси СБҲМ 15 *“Даромад аз фурӯш тибқи шартнома бо харидорон”* тибқи СБҲМ 9 бо мақсади эътирофи фоида ё зарар аз бекурбшавӣ ба эътибор гирифта мешаванд. Ҳама гуна дастур ба дороиҳои молиявӣ ё воситаҳои молиявии ин бандҳо бояд чунин ҳуқуқҳоро дар бар гиранд, агар тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

## Гурӯҳҳои воситаҳои молиявӣ ва сатҳи тафсилоти ҷузъии маълумоти ифшошаванда

6 Дар чунин маврид, ҳангоме, ки Стандарти мазкур ифшои маълумоти марбут ба гурӯҳҳои воситаҳои молиявиро талаб менамояд, корхона бояд воситаҳои молиявиро ба гурӯҳҳое гурӯҳбандӣ намояд, ки ба хусусияти маълумоти ифшошаванда мувофиқ бошанд ва хусусиятҳои ин воситаҳои молиявиро ба эътибор гиранд. Корхона бояд маълумотро ба ҳадди кофӣ ифшо намояд, то ин, ки имкон диҳад муқоиса бо моддаҳои дахлдори дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ пешниҳодшуда анҷом дода шавад.

## Таъсири воситаҳои молиявӣ ба ҳолати молиявӣ ва натиҷаҳои молиявӣ

**7 Корхона бояд маълумотеро ифшо намояд, ки ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ имкон фароҳам меорад, то ин ки таъсири воситаҳои молиявиро ба ҳолати молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии худ арзёбӣ намоянд.**

 © Фонди СБҲМ

## Ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ

### Гурӯҳҳои дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявӣ

8 Арзиши тавозунии ҳар яке аз гурӯҳҳои зерин, ки дар СБҲМ 9 зикр шудаанд, бояд ё дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ ё дар тавзеҳот ифшо карда шаванд:

(а) дороиҳои молиявие, ки тибқи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ гардидаанд, бо ҷудо намудани онҳо ба таври зерин нишон дода мешаванд: (i) он дороиҳое, ки ҳангоми эътирофи аввалия ё баъдан тибқи банди 6.7.1 СБҲМ 9 чунин гурӯҳбандӣ шудаанд; (ii) дороиҳое, ки мувофиқи интихоби банди 3.3.5-и СБҲМ 9 чунин арзёбӣ гардидаанд; (iii) дороиҳое, ки мувофиқи интихоби банди 33А-и СББМ 32 чунин арзёбӣ гардидаанд ва (iv) дороиҳое, ки бояд ба таври ҳатмӣ мувофиқи СБҲМ 9 бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ гарданд.

(б) - (г) [Соқит шудаанд]

(ғ) уҳдадориҳои молиявие, ки аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ гардида, бо ҷудо намудани онҳо ба таври зерин нишон дода мешаванд: (i) уҳдадориҳое, ки ҳангоми эътирофи аввалия ё баъдан тибқи банди 6.7.1-и СБҲМ 9 чунин гурӯҳбандӣ шудаанд ва (ii) уҳдадориҳое, ки муқаррароти барои тиҷорат пешбинишударо тибқи СБҲМ 9 қонеъ месозанд;

(д) дороиҳои молиявие, ки бо арзиши истеҳлок арзёбӣ мегарданд;

(е) уҳдадориҳои молиявие, ки бо арзиши истеҳлок арзёбӣ мегарданд;

(ё) дороиҳои молиявие, ки аз рӯйи арзиши одилона тавассути дигар маҷмуи даромад арзёбӣ гардида, бо ҷудо намудани онҳо ба таври зерин нишон дода мешаванд: (i) дороиҳои молиявие, ки тибқи банди 4.1.2А-и СБҲМ 9 бо арзиши одилона тавассути дигар маҷмуи даромад арзёбӣ мегарданд ва (ii) ) сармоягузорӣ дар воситаҳои ҳиссавӣ, ки тибқи банди 5.7.5-и СБҲМ 9 ҳангоми эътирофи аввалия чунин гурӯҳбандӣ шудаанд.

### Дороиҳои молиявӣ ё уҳдадориҳои молиявӣ, ки аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ мегарданд

9 Агар корхона тибқи салоҳдиди худ дороии молиявӣ (ё гурӯҳи дороиҳои молиявӣ)-ро дар гурӯҳи бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбишаванда гурӯҳбандӣ намояд, ки дар акси ҳол бояд бо арзиши одилона тавассути дигар маҷмуи даромад ё арзиши истеҳлок мавриди арзёбӣ қарор мегирифт, корхона бояд маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) дучоршавӣ ба *хавфи қарзӣ* ба ҳадди ниҳоӣ (ба банди 36(а) нигаред) вобаста ба дороии молиявӣ (ё гурӯҳи дороиҳои молиявӣ) дар охири давраи ҳисоботӣ;

(б) маблағе, ки бо он деривативҳои қарзӣ ё воситаҳои ҳаммонанди дороии молиявии мазкур (ё гурӯҳи дороиҳои молиявии мазкур) дучоршавӣ ба хавфи қарзиро ба ҳадди ниҳоӣ кам менамоянд (ба банди 36(б) нигаред);

(в) маблағи тағйирёбии арзиши одилонаи дороии молиявии мазкур (ё гурӯҳи дороиҳои молиявии мазкур), ки дар натиҷаи тағйирот дар сатҳи хавфи қарзии ин дороии молиявӣ ба вуҷуд омада, дар давоми давра ва натиҷаи афзоянда ҳисоб карда мешавад:

  (i) ё ҳамчун маблағи тағйирёбии арзиши одилонаи он, ки ба тағйирёбии шароити бозор, ки боиси бавуҷудоии *хавфи бозорӣ* мегардад, алоқаманд намебошад;

  (ii) ё бо истифода аз усули алтернативӣ, ки имкон медиҳад тибқи хостаи корхона ба таври дақиқтар маблағи тағйирёбии арзиши одилонаи дороии баррасишавандаро, ки ба тағйирот дар хавфи қарзии он марбут мебошад, пешниҳод намояд.

  Тағйирёбии шартҳои бозорӣ, ки боиси хавфи бозорӣ мегардад, тағйироти меъёри фоизноки мушоҳидашаванда (асосӣ), нархи мол, қурби асъор ё шохиси нарх ё меъёрҳоро дар бар мегирад;

(г) маблағи тағйирёбии арзиши одилонаи деривативҳои қарзӣ ё воситаҳои ҳаммонанди марбут ба дороии молиявӣ, ки дар давоми давра ва натиҷаи афзоянда аз лаҳзаи чунин гурӯҳбандӣ шудани дороии молиявӣ тибқи салоҳдиди корхона ба вуҷуд омадааст.

10 Агар тибқи банди 4.2.2 СБҲМ 9 корхона бо салоҳдиди худ уҳдадории молиявиро ҳамчун аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбишаванда гурӯҳбандӣ намуда бошад ва бояд таъсири

тағйирот ба хавфи қарзии ин уҳдадориро дар таркиби дигар маҷмуи даромад пешниҳод намояд (ба банди 5.7.7 СБҲМ 9 нигаред), он бояд маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) маблағи тағйирот бо натиҷаи афзоянда дар арзиши одилонаи уҳдадории молиявии мазкур, ки дар натиҷаи тағйирёбии сатҳи хавфи қарзии ин уҳдадорӣ ба вуҷуд омадааст (ба бандҳои Б5.7.13-Б5.7.20-и СБҲМ 9 нигаред, ки дорои нишондод вобаста ба муқаррар намудани таъсири тағйирот ба хавфи қарзии марбут ба уҳдадорӣ мебошад);

(б) фарқияти байни арзиши тавозунии уҳдадориҳои молиявӣ ва маблағе, ки корхона тибқи шартнома бояд ба қарздиҳандаи ин уҳдадорӣ ҳангоми фарорасии муҳлати он пардохт намояд;

(в) интиқоли маблағи ҷамъшудаи фоида ё зарар дар доираи сармояи хусусӣ дар давоми давра, аз ҷумла, сабабҳои чунин интиқол;

(г) агар дар давоми давра эътирофи уҳдадорӣ қатъ гардад, маблағи (агар чунин мавҷуд бошад) дар таркиби дигар маҷмуи даромад пешниҳодшуда, ки ҳангоми қатъёбии эътироф пардохт шудааст.

10А Агар тибқи банди 4.2.2 СБҲМ 9 корхона бо салоҳдиди худ уҳдадории молиявиро ҳамчун аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбишаванда гурӯҳбандӣ намуда ва бояд тамоми тағйироти арзиши одилонаи ин уҳдадориро дар таркиби фоида ё зарар (аз ҷумла, таъсири тағйирот дар хавфи қарзии уҳдадории мазкур) пешниҳод намояд (ба бандҳои 5.7.7 ва 5.7.8 СБҲМ 9 нигаред), он бояд маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) маблағи тағйирот бо натиҷаи афзоянда дар арзиши одилонаи уҳдадории молиявии мазкур, ки дар натиҷаи тағйирёбии сатҳи хавфи қарзии ин уҳдадорӣ ба вуҷуд омадааст (ба бандҳои Б5.7.13-Б5.7.20-и СБҲМ 9 нигаред, ки дорои нишондод вобаста ба муқаррар намудани таъсири тағйирот дар хавфи қарзии марбут ба уҳдадорӣ мебошад); ва

(б) фарқияти байни арзиши тавозунии уҳдадориҳои молиявӣ ва маблағе, ки корхона тибқи шартнома бояд ба қарздиҳандаи ин уҳдадорӣ ҳангоми фарорасии муҳлати он пардохт намояд.

11 Корхона инчунин бояд ифшо намояд:

(а) тавсифи муфассали усулҳое, ки ҳангоми иҷрои талаботи бандҳои 9(в), 10(а) ва 10А(а) ва банди 5.7.7(а) СБҲМ 9 истифода мешаванд, аз ҷумла, асоснокии мувофиқати усули истифодашуда;

(б) агар корхона итминон дошта бошад, ки маълумоти дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ ё тавзеҳот тибқи банди 9(в), 10(а) ё 10А(а) ё банди 5.7.7(а) СБҲМ 9 ифшошуда имкон намедиҳад инъикоси воқеии тағйирёбии арзиши одилонаи дороии молиявӣ ё уҳдадориҳои молиявиро, ки бо тағйироти хавфи қарзии он қайду шарт шудааст, пешниҳод гардад, пас корхона сабабҳои ба чунин қарор омадан ва омилҳоеро, ки аз нигоҳи корхона дар ҳолати мазкур мувофиқ мебошанд, ифшо менамояд;

(в) тавсифи муфассали равишомӯзӣ (методология) барои муқаррар намудани ин омил, ки оё таъсири тағйирот дар сатҳи хавфи қарз аз рӯйи уҳдадорӣ дар таркиби дигар маҷмуи даромад пешниҳодшаванда боиси ба вуҷуд омадан ё афзоиши таъсир ба фоида ё зарари оқибатҳои номувофиқатии баҳисобгирӣ мегардад ё намегардад (ба бандҳои 5.7.7 ва 5.7.8-и СБҲМ 9 нигаред). Агар корхона уҳдадор бошад таъсири тағйирот дар сатҳи хавфи қарзиро аз рӯйи уҳдадориҳо дар таркиби фоида ё зарар пешниҳод намояд (ба банди 5.7.8 СБҲМ 9 нигаред), пас маълумоти ифшошаванда бояд тавсифи муфассали муносибатҳои мутақобилаи иқтисодии дар банди Б5.7.6 СБҲМ ) 9 тавсифшударо дар бар гирад.

## Сармоягузорӣ ба воситаҳои ҳиссавӣ, ки бо салоҳдиди корхона аз рӯйи арзиши одилона тавассути дигар маҷмуи даромад арзёбӣ мегарданд

11А Агар корхона тибқи салоҳдиди худ сармоягузориро ба воситаҳои саҳҳомӣ ҳамчун арзиши одилона тавассути дигар маҷмуи даромад гурӯҳбандӣ карда бошад, ки тибқи банди 5.7.5 СБҲМ 9 иҷозат дода шудааст, он бояд маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) кадом сармоягузориҳои ҳиссавӣ ҳамчун арзиши одилона тавассути дигар маҷмуи даромад арзёбӣ гардидаанд;

(б) сабабҳо барои истифодаи чунин тарзи пешниҳод;

(в) арзиши одилонаи ҳар як сармоягузорӣ ба санаи охири давраи ҳисоботӣ;

 © Фонди СБҲМ

(г) суди саҳмияҳое, ки дар давраи ҳисоботӣ эътироф шудаанд, ба инҳо тақсим карда мешаванд: суди саҳмияҳои марбут ба сармоягузориҳои дар давраи ҳисоботӣ қатъшуда ва суди саҳмияҳои сармоягузорие, ки дар охири давраи ҳисоботӣ нигоҳ дошта мешаванд;

(ғ) интиқоли бузургиҳои ҷамъшудаи фоида ё зарар дар доираи сармояи хусусӣ дар давоми давра, аз ҷумла, сабабҳои чунин интиқол.

11Б Агар дар давоми як давраи ҳисоботӣ корхона эътирофи сармоягузориро ба воситаҳои ҳиссавӣ, ки бо арзиши одилона тавассути даромади умумӣ арзёбӣ гардидаанд, қатъ намуда бошад, он бояд маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) сабабҳои хориҷшавии сармоягузорӣ;

(б) арзиши одилонаи ин сармоягузориҳо ба санаи қатъи эътироф;

(в) бузургиҳои ҷамъшудаи фоида ё зарар ҳангоми хориҷшавӣ.

### Азавгурӯҳбандӣ

12-12А. [Соқит шудаанд]

12Б Корхона бояд маълумоти дахлдорро ифшо намояд, агар дар давраи ҳисоботии ҷорӣ ё давраҳои қаблӣ ягон гуна дороии молиявиро тибқи банди 4.4.1 СБҲМ 9 азнавгурӯҳбандӣ намуда бошад. Барои ҳар яке аз чунин ҳолатҳо корхона бояд ифшо намояд:

(а) санаи азнавгурӯҳбандӣ;

(б) шарҳи муфассали тағйирот дар тарҳи тиҷорат ва тавсифи ҷанбаҳои сифатии таъсири он ба ҳисоботи молиявии корхона;

(в) маблағи ба ҳар як гурӯҳ азнавгурӯҳбандишуда ва аз онҳо азнавгурӯҳбандигардида.

12В Барои ҳар як давраи ҳисоботие, ки пас аз санаи азнавгурӯҳбандӣ меояд, то қатъёбии эътироф корхона бояд маълумоти зеринро барои дороиҳое, ки аз гурӯҳи тибқи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбишуда азнавгурӯҳбандӣ шудаанд, тавре ифшо намояд, то онҳо аз рӯйи арзиши истеҳлок ё арзиши одилона тавассути дигар маҷмуи даромад тибқи банди 4.4.1 СБҲМ 9 арзёбӣ гарданд:

(а) меъёри фоизноки самарабахше, ки ба санаи азнавгурӯҳбандӣ муқаррар шудааст; ва

(б) фоизи даромад аз фурӯши эътирофшуда.

12Г Агар пас аз санаи ҳисоботии охирин ҳисоботи солона корхона дороиҳои молиявиро аз гурӯҳи тибқи арзиши одилона, тавассути дигар маҷмуи даромад арзёбишаванда тавре мавриди азнавгурӯҳбандӣ қарор диҳад, ки онҳо бо арзиши истеҳлок арзёбӣ шаванд ё аз гурӯҳи тибқи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбишаванда тавре мавриди азнавгурӯҳбандӣ қарор диҳад, ки онҳо бо арзиши истеҳлок ё арзиши одилона тавассути дигар маҷмуи даромад арзёбӣ гарданд, он бояд маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) арзиши одилонаи ин дороиҳои молиявӣ дар охири давраи ҳисоботӣ;

(б) фоида ё зарар аз азнаварзёбии онҳо бо арзиши одилона, ки дар таркиби фоида ё зарар ё дигар маҷмуи даромад дар давраи ҳисоботӣ эътироф карда мешуд, агар дороиҳои молиявӣ мавриди азнавгурӯҳбандӣ қарор намегирифтанд.

13 [Соқит шудаст]

### Ҳисоббаробарии дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявӣ

13А Талаботи марбут ба ифшои маълумот, ки дар бандҳои 13Б-13Ғ зикр шудааст, дигар талаботи ифшои маълумотро, ки Стандарти мазкур пешбинӣ намудааст, пурра менамояд ва барои ҳама воситаҳои молиявии эътирофшуда ҳатмӣ маҳсуб ёфта, тибқи банди 42 СББМ 32 ба эътибор гирифта мешавад. Талаботи мазкур вобаста ба ифшои маълумот, инчунин нисбат ба воситаҳои молиявии эътирофшуда, ки василаи асосии дорои таъминоти ҳифзи ҳуқуқӣ дар бораи созишномаи неттинг ё созишномаи ҳаммонанд мебошанд, новобаста аз он, ки онҳо тибқи банди 42 СББМ 32 ҳисоббаробарӣ мешаванд ё намешаванд, паҳн мегардад.

13Б Корхона бояд маълумотеро ифшо намояд, ки ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявии он имкон медиҳад таъсир ё таъсири эҳтимолии шартномаҳо дар бораи неттинг ба ҳолати молиявиро арзёбӣ намоянд. Сухан дар бораи таъсир ё таъсири эҳтимолии ҳуқуқи баҳисобгирие меравад, ки бо дороиҳои молиявии эътирофшуда ва уҳдадориҳои молиявии эътирофшудаи корхона, ки дар доираи татбиқи банди 13А фаро гирифта шудаанд, алоқаманд мебошанд.

13В Барои ноил гардидан ба ҳадафе, ки дар банди 13Б оварда шудааст, корхона бояд маълумоти миқдории зеринро дар охири давраи ҳисоботӣ дар робита бо дороиҳои молиявии эътирофшуда ва уҳдадориҳои молиявии эътирофшуда, ки ба доираи татбиқи банди 13А ворид мешаванд, дар алоҳидагӣ ифшо намояд:

(а) маблағи умумии дороиҳои молиявии эътирофшуда ва уҳдадориҳои молиявии эътирофшудаи мазкур;

(б) маблағе, ки тибқи меъёрҳои дар банди 42 СББМ 32 нишондодашуда, ҳангоми муқаррар намудани нетто-бузургии дар ҳисоботи ҳолати молиявӣ пешниҳодшуда ба эътибор гирифта шудааст;

(в) нетто-бузургии дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ пешниҳодшуда;

(г) маблағи воситаҳои молиявӣ, ки василаи шартномаи асосии дорои таъмиоти ҳифзи ҳуқуқӣ дар бораи неттинг ё шартномаи ҳаммонанд, ки тибқи банди 13В(б) набояд ифшо гардад, аз ҷумла:

(i) маблағи марбут ба воситаҳои молиявии эътирофшуда, ки баъзе ё ҳама меъёрҳои ҳисоббаробарии банди 42-и СББМ 32-ро қонеъ наменамояд;

(ii) маблағи марбут ба таъминоти молиявӣ (аз ҷумла, таъминоти пулӣ);

(ғ) нетто-бузургие, ки пас аз тарҳ намудани маблағи дар зербанди (г) пешбинишуда аз маблағи аз зербанди (в) боло пешбинишуда ба даст омадааст.

Маълумоте, ки тавассути ин банд талаб карда мешавад, бояд дар шакли ҷадвал барои дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявӣ дар алоҳидагӣ пешниҳод карда шавад, агар шакли дигари мувофиқтари пешниҳод мавҷуд набошад.

13Г Маблағи умумие, ки тибқи банди 13В(г) ар рӯйи восита ифшо карда мешавад, бояд бо маблағе маҳдуд карда шавад, ки тавассути банди 13В(в) нисбат ба ин восита пешбинӣ гардидааст.

13Ғ Корхона бояд ба таркиби маълумоти ифшошаванда тавсифи ҳуқуқҳоро барои баргузор намудани ҳисоббаробарии марбут ба дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявии аз ҷониби корхона эътирофшуда ворид кунад, ки онҳо василаи шартномаҳои асосии қонунан ҳифзшуда дар бораи неттинг ё шартномаҳои ҳаммонанд маҳсуб ёфта, тибқи банди 13В(г), аз ҷумла, тавсифи хусусияти ҳуқуқҳои зикршуда ифшо карда мешаванд.

13Д Агар маълумоте, ки ифшои он тибқи бандҳои 13Б-13Ғ талаб карда шуда, дар якчанд тавзеҳоти ҳисоботи молиявӣ пешниҳод карда мешавад, корхона бояд дар байни ин тавзеҳот истинодҳои иртиботи мутақобиларо истифода намояд.

## Таъминот

14 Корхона бояд ифшо намояд:

(а) арзиши тавозунии дороиҳои молиявӣ, ки он ба сифати таъмини уҳдадориҳо ё уҳдадориҳои шартӣ интиқол намудааст, аз ҷумла, маблағе, ки тибқи банди 3.2.23(а) СБҲМ 9 азнавгурӯҳбандӣ шудааст; ва

(б) муҳлат ва шартҳои чунин таъминот.

15 Дар мавриде, ки корхона дорандаи таъминот (дар шакли дороиҳои молиявӣ ё ғайримолиявӣ) мебошад ва дорои имконияти фурӯш ё такроран ба гарав додани ин таъминотро дошта бошад, ҳатто дар сурати аз ҷониби соҳиби коғазҳои қиматнок иҷро накардани он, ӯ бояд ифшо намояд:

(а) арзиши одилонаи таъминоте, ки нигоҳ дошта шудааст;

(б) арзиши одилонаи таъминоте, ки фурӯхта ё ба гарав гузошта шудааст, инчунин дар корхона мавҷуд будани уҳдадории марбут ба баргардонидани он; ва

(в) муҳлат ва шартҳое, ки бо истифодаи ин таъминот аз ҷониби корхона алоқаманд мебошанд.

## Ҳисоби захираи арзёбишавандаи зарари қарзӣ

16. [Соқит шудааст]

16А Арзиши тавозунии дороиҳои молиявие, ки бо арзиши одилона тавассути дигар маҷмуи даромад арзёбӣ мегарданд, тибқи банди 4.1.2А СБҲМ 9 ба бузургии захираи арзёбишавандаи тахти зарар кам карда намешавад ва корхона набояд захираи арзёбишавандаи тахти зарарро дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ дар алоҳидагӣ ҳамчун камшавии арзиши тавозунии дороии молиявӣ пешниҳод

 © Фонди СБҲМ

намояд. Аммо, корхона бояд захираи арзёбишавандаи тахти зарарро дар тавзеҳоти ҳисоботи молиявӣ ифшо намояд.

### Воситаҳои молиявии таркибӣ бо якчанд деривативҳои омехта

17 Агар корхона воситае бароварда бошад, ки ҳам ҷузъи қарзӣ ва ҳам ҷузъи ҳиссавиро дар як вақт дар бар гирад (ба банди 28 СББМ 32 нигаред) ва ба ин восита якчанд деривативи омехта ҷой дода шуда бошад, ки дорои арзиши ба ҳам вобаста бошанд (масалан, воситаи қарзии истифодашавандаи дорои ҳуқуқи пардохти фаврӣ аз ҷониби эмитент), корхона бояд маълумотро дар бораи мавҷудияти ин хусусиятҳои дар он зикршуда ифшо намояд.

### Муфлисшавӣ ва риоя нагардидани уҳдадориҳо

18 Дар робита ба *қарзҳои ҷалбшудае*, ки дар охири давраи ҳисоботӣ эътироф шудаанд, корхона бояд инҳоро ифшо намояд:

(а) маълумот дар бораи ҳама гуна муфлисшавӣ дар давоми давра нисбат ба қарзи асосӣ, фоизҳо, маблағи ҷудошуда ба фонди пардохт ё шартҳои пардохти ин қарзҳои ҷалбшуда;

(б) арзиши тавозунии қарзҳои ҷалбшудае, ки вобаста ба онҳо дар охири давраи ҳисоботӣ муфлисшавӣ ба амал омадааст; ва

(в) маълумот дар бораи он, ки оё муфлисшавӣ бартараф карда шудааст ё шартҳои ҷалби қарзҳои дахлдор то санаи тасдиқи ҳисоботи молиявӣ барои нашр аз нав дида баромада шудаанд.

19 Агар дар давоми давра риоя нагардидани шартҳои шартномаи қарз, ки аз чунин ҳолати дар банди 18 зикршуда фарқ менамояд, ба амал омада бошад, пас корхона бояд ҳамон маълумотеро, ки тибқи банди 18 талаб карда мешавад, ифшо, намояд, агар чунин қоидавайронкунӣ ба қарздиҳанда имкон диҳад пеш аз муҳлат баргардонидани маблағро талаб намояд (ба истиснои ин маврид, ҳангоме, ки қоидавайронкунии зикршуда бартараф шуда бошад ё шартҳои қарз ба санаи ба охир расидани давраи хисоботӣ ё то ин сана аз нав дида баромада шуда бошанд).

## Ҳисобот дар бораи маҷмуи даромад

### Моддаҳои даромад, хароҷот, фоида ё зарар

20 Корхона дар ҳисобот дар бораи дигар маҷмуи даромад ё дар тавзеҳот бояд моддаҳои зерини даромад, хароҷот, фоида ё зарарро ифшо намояд:

(а) фоида ё зарари соф аз:

(i) дороиҳои молиявӣ ё уҳдадориҳои молиявие, ки аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ гардидаанд, аз рӯйи тақсимот ба инҳо: фоидаи соф ё зарари софи дороиҳои молиявӣ ё уҳдадориҳои молиявӣ, ки ҳангоми эътирофи аввалия ё минбаъд тибқи банди 6.7.1 СБҲМ 9 тибқи салоҳдиди корхона ба ин гурӯҳ гурӯҳбандӣ шудаанд ва фоидаи соф ё зарари софи дороиҳои молиявӣ ё уҳдадориҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар тибқи СБҲМ 9 арзёбӣ гардидаанд (масалан, уҳдадориҳои молиявие, ки тибқи СБҲМ 9 ба муқаррароти барои фурӯш пешбинишуда мутобиқат менамоянд). Вобаста ба уҳдадориҳои молиявие, ки тибқи салоҳдиди корхона ба ин гурӯҳ ҳамчун арзиши одилона тавассути фоида ё зарар гурӯҳбандӣ шудаанд, корхона бояд маблағи фоида ё зарари дар таркиби дигар маҷмуи даромад эътирофшуда ва маблағи дар таркиби фоида ё зарари давра эътирофшударо дар алоҳидагӣ нишон диҳад;

(ii) - (iv) [Соқит шудаанд]

(v) уҳдадориҳои молиявие, ки бо арзиши истеҳлок ҳисоб карда мешаванд;

(vi) дороиҳои молиявие, ки бо арзиши истеҳлок ҳисоб карда мешаванд;

(vii) сармоягузорӣ ба воситаҳои ҳиссавӣ, ки тибқи банди 5.7.5-и СБҲМ 9 бо арзиши одилона тавассути дигар маҷмуи даромад арзёбӣ мегарданд;

(viii) дороиҳои молиявие, ки тибқи банди 4.1.2А СБҲМ 9 аз рӯйи арзиши одилона тавассути дигар маҷмуи даромад арзёбӣ гардидаанд, ки маблағи фоида ё зарари дар таркиби дигар маҷмуи даромад эътирофшударо дар ин давра дар алоҳидагӣ

ифшо менамоянд ва маблағе, ки ҳангоми қатъёбии эътироф аз дигар маҷмуи даромади дар таркиби фоида ё зарар дар давраи ҳисоботӣ ҷамъшуда азнавгурӯҳбандӣ шудааст;

(б) маблағи умумии даромад аз фурӯш ва маблағи умумии фоизноки хароҷот (бо истифода аз усули меъёри фоизноки самарабахш ҳисоб карда мешавад) барои дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши истеҳлок ё бо арзиши одилона тавассути дигар маҷмуи даромад, тибқи банди 4.1.2А СБҲМ 9 арзёбӣ гардидаанд (лозим ба зикр аст, ки чунин маблағ дар алоҳидагӣ нишон дода мешавад) ё уҳдадориҳои молиявие, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ нагардидаанд;

(в) даромад ва хароҷоти ҳаққи хизматрасонӣ (ба истиснои маблағе, ки ба ҳисоббаробарии меъёри фоизноки самарабахш дохил карда шудаанд), ки бо инҳо вобаста мебошанд:

(i) дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ нагардидаанд; ва

(ii) амалиёти боваринок ва дигар амалиёти муътамад, ки дар натиҷаи онҳо дороиҳо нигоҳ дошта мешаванд ё аз номи шахсони воқеӣ, фондҳои боваринок ва нафақавӣ ва дигар институтҳо сармоягузорӣ мешаванд;

(г) [Соқит шудааст];

(ғ) [Соқит шудааст].

20А Корхона бояд таҳлили фоида ё зарарро, ки дар ҳисобот дар бораи маҷмуи даромад эътироф шуда, дар натиҷаи қатъёбии эътирофи дороиҳои молиявии аз рӯйи арзиши истеҳлок арзёбишаванда ба вуҷуд омадаанд, тавассути дар алоҳидагӣ нишон додани фоида ва зарари дар натиҷаи қатъёбии эътирофи ин дороиҳои молиявӣ бавуҷудомада, ифшо намояд. Маълумоти ифшошаванда бояд сабабҳои қатъёбии эътирофи дороиҳои молиявии зикршударо дар бар гирад.

## Ифшои маълумоти дигар

### Сиёсати баҳисобгирӣ

21 Тибқи банди 117-и СББМ 1 *"Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ"* (соли 2007 аз нав дида баромада шудааст) корхона маълумоти муҳимро дар бораи сиёсати баҳисобгирӣ ифшо менамояд. Маълумот дар бораи манбаъ(ҳо)-и арзёбии воситаҳои молиявие, ки ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ истифода мешаванд, эҳтимолан, маълумоти муҳим дар бораи сиёсати баҳисобгирӣ бошад.

### Баҳисобгирии ҳедҷинамоӣ

21А Корхона бояд талаботи марбут ба ифшои маълумоти дар бандҳои 21Б-24Д пешбинишударо нисбат ба он мавқеъҳои хавф татбиқ намояд, ки корхона мавриди ҳедҷинамоӣ қарор медиҳад ва тасмим мегирад, ки нисбат ба онҳо баҳисобгирии ҳедҷинамоиро татбиқ намояд. Вобаста ба баҳисобгирии ҳедҷинамоӣ корхона бояд ифшои маълумоти зеринро анҷом диҳад:

(а) стратегияи корхона вобаста ба идоракунии хавф ва ин омилро, ки чӣ тавр корхона онро барои идоракунии хавф истифода мебарад;

(б) фаъолияти корхона вобаста ба ҳедҷинамоӣ чӣ тавр метавонад ба маблағ, муҳлат ва номуайянии воситаҳои пулии минбаъдаи он таъсир расонад; ва

(в) таъсироте, ки баҳисобгирии ҳедҷинамоӣ ба ҳисоботи корхона дар бораи ҳолати молиявӣ, маҷмуи даромад ва дигар тағйирот дар сармояи хусусӣ гузоштааст.

21Б Корхона бояд маълумоти заруриро дар тавзеҳоти алоҳида ё қисмати алоҳидаи ҳисоботи молиявии худ ифшо намояд. Аммо, корхона набояд маълумоти дар ҷои дигар пешниҳодшударо иловатан бо он шарте такрор намояд, ки чунин маълумот бо роҳи иртиботи мутақобила аз ҳисоботи молиявӣ ба ҳисоботи дигар ворид карда шудааст, ба монанди шарҳи роҳбарият ё ҳисобот дар бораи хавф, ки барои истифодабарандагони ин ҳисоботи молиявӣ бо ҳамон шартҳо ва дар як вақт бо худи ҳисоботи молиявӣ дастрас мебошанд. Бидуни ин гуна маълумот, ки тавассути иртиботи мутақобила ворид карда шудааст, ҳисоботи молиявӣ нопурра арзёбӣ мегардад.

21В Дар ин маврид, агар бандҳои 22А-24Д талаб намоянд, ки корхона маълумоти зеринро дар алоҳидагӣ барои ҳар як гурӯҳи хавф ифшо намояд, корхона бояд ҳар як гурӯҳи хавфро дар асоси мавқеъи хавфе, ки онро барои ҳедҷинамоӣ интихоб менамояд ва нисбат ба онҳо баҳисобгирии ҳедҷинамоӣ татбиқ мешавад, муқаррар менамояд. Корхона бояд пайдарҳамиро, нисбати он, ки чӣ тавр он гурӯҳи


© Фонди СБҲМ

хавфро ба тамоми маълумоти дар бораи баҳисобгирии ҳедҷинамоӣ ифшошаванда муқаррар менамояд, риоя намояд.

21Г Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои дар банди 21А пешбинигардида (ба истисноии ҳолатҳое, ки дар зер нишон дода шудаанд) корхона бояд муқаррар намояд, ки то кадом андоза маълумот бояд дақиқ ифшо гардад, ба ҷанбаҳои гуногуни талаботи ифшо, сатҳи қобили зарури ҳамроҳшавӣ ё тафсилоти ҷузъӣ чӣ қадар таваҷҷӯҳ зоҳир карда шавад, инчунин муқаррар карда шавад, ки оё истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ дар тавзеҳоти иловагӣ барои арзёбии маълумоти миқдории ифшошуда ниёз доранд. Аммо, корхона бояд ҳамон сатҳи қобили зарури ҳамроҳшавӣ ё тафсилоти ҷузъиро, ки барои ифшои маълумоти дахлдор тибқи Стандарти мазкур ва СБҲМ 13 *"Арзёбии арзиши одилона"* истифода мебарад, мавриди татбиқ қарор диҳад.

### *Стратегияи идоракунии хавфҳо*

22 [Соқит шудааст]

22А Корхона бояд стратегияи худро ҷиҳати идоракунии хавфҳо барои ҳар як гурӯҳи хавф шарҳ диҳад, ки мавқеъҳое, ки қарори корхона бояд мавриди ҳедҷинамоӣ қарор гиранд ва он мавқеъҳое, ки нисбати онҳо баҳисобгирии ҳедҷинамоӣ татбиқ мешавад, ба он дучор гаштаанд. Чунин тавзеҳот бояд ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ дар арзёбии инҳо кумак расонад, (масалан):

(а) ҳар як хавф чӣ тавр ба вуҷуд меояд;

(б) корхона ҳар як хавфро чӣ тавр идора менамояд; ин маълумотро дар бар мегирад, ки оё корхона ин ё он объектро ба таври маҷмуӣ аз ҳама гуна хавф муҳофизат менамояд ё он ҷузъи хавф ё (ҷузъҳои хавф)-и марбут ба ягон объект, инчунин сабабҳои ин равишро мавриди ҳедҷинамоӣ қарор медиҳад;

(в) андозаи мавқеъҳои марбут ба хавф, ки аз ҷониби корхона идора карда мешавад.

22Б Барои қонеъ гардонидани талаботи банди 22А ин маълумот бояд тавсифи инҳоро дар бар гирад, вале бо ин маҳдуд намешавад:

(а) воситаҳои ҳедҷинамоӣ, ки барои ҳедҷинамоии мавқеъҳои марбут ба хавф истифода мешаванд (ва ин омил, ки чӣ тавр онҳо барои ин мақсад истифода мешаванд);

(б) корхона чӣ тавр муносибати иқтисодии байни объект ва воситаи ҳедҷинамоиро бо мақсади арзёбии самаранокии ҳедҷинамоӣ муқаррар менамояд; ва

(в) корхона чӣ тавр коэфитсиенти ҳедҷинамоиро муқаррар менамояд ва манбаъҳои бесамарии ҳедҷинамоӣ чӣ гунаанд.

22В Ҳангоме, ки корхона тибқи салоҳдиди худ ҷузъи муайяни хавфро ҳамчун объекти ҳедҷинамоӣ таъин менамояд (ба банди 6.3.7-и СБҲМ 9 нигаред), он ба ғайр аз ифшои маълумот, ки бандҳои 22А ва 22Б талаб менамоянд, бояд маълумоти тавсифӣ ё миқдориро дар бораи инҳо пешниҳод намояд:

(а) корхона чӣ тавр ҷузъи хавферо, ки ҳамчун объекти ҳедҷинамоӣ таъин шудааст, тибқи салоҳдиди худ ҷудо намудааст (аз ҷумла, тавсифи хусусияти муносибати байни ҷузъи хавф ва объект дар маҷмуъ); ва

(б) чӣ тавр ҷузъи хавф ба объекти мазкур дар маҷмуъ алоқаманд мебошад (масалан, дар давраҳои қаблӣ ҷузъи хавфе, ки тибқи салоҳдиди корхона муқаррар гардидааст, ба ҳисоби миёна 80 фоизи тағйирот дар арзиши одилонаи объекти дахлдорро ҳамчун маҷмуи ягона ташкил медод).

### *Маблағ, муҳлат ва номуайянии бавуҷудоии воситаҳои пулии минбаъда*

23 [Соқит шудааст]

23А Агар дар банди 23В тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, пас барои ҳар як гурӯҳи хавф корхона бояд маълумоти миқдориеро ифшо намояд, ки ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ имкон медиҳад шартҳо ва мушаххасоти воситаҳои ҳедҷинамоӣ, инчунин таъсири онҳо ба маблағ, муҳлат ва номуайянии пайдоиши воситаҳои пулии минбаъдаи корхонаро арзёбӣ намоянд.

23Б Барои иҷро намудани талаботи пешбиникардаи банди 23А корхона бояд тақсимоти зеринро пешниҳод намояд, ки дар он инҳо ифшо карда мешаванд:

(а) сохтори мувaққатии арзиши номиналии воситаи ҳедҷинамоӣ; ва

(б) агар имконпазир бошад, нархи миёна ё меъёри (масалан, нархи иҷро ё нархи форвардӣ ва ғайра) воситаи ҳедҷинамоӣ.

23В Дар ҳолатҳое, ки корхона муносибатҳои ҳедҷинамоиро зуд-зуд аз нав дида мебарояд (яъне қатъ менамояд ва боз идома медиҳад), зеро ҳам воситаи ҳедҷинамоӣ ва ҳам объекти ҳедҷинамоӣ зуд-зуд тағйир меёбанд (яъне корхона раванди бисёрамалиеро истифода мебарад, ки дар он ҳам мавқеъ ва ҳам воситаҳо барои идоракунии хавф аз рӯйи ин мавқеъ истифода мешаванд ва дар муддати начандон тӯлонӣ ба мисоли дар банди Б6.5.24(б)-и СБҲМ 9 овардашуда боқӣ мемонанд), корхона:

(а) аз зарурати ифшои маълумоте, ки бандҳои 23А ва 23Б талаб менамоянд, озод карда мешавад;

б) бояд ифшо намояд:

(i) маълумот дар бораи стратегияи ниҳоии идоракунии хавф дар заминаи муносибатҳои муайяншудаи ҳедҷинамоӣ;

(ii) тавсифи он, ки чӣ тавр он стратегияи идоракунии хавфи худро тавассути истифодаи баҳисобгирии ҳедҷинамоӣ инъикос менамояд ва хусусан ин муносибатҳои ҳедҷинамоиро тибқи салоҳдиди худ муқаррар месозад; ва

(iii) маълумот дар бораи ин омил, ки то чӣ андоза зуд-зуд қатъ гардидан ё барқарор гардидани муносибатҳои ҳедҷинамоӣ дар доираи раванди мавриди истфодаи корхона дар заминаи муносибатҳои ҳедҷинамоӣ анҷом мепазиранд.

23Г Корхона бояд барои ҳар як гурӯҳи хавф тавсифи манбаъҳои таъсирнок набудани ҳедҷинамоиро, ки эҳтимолан ба муносибатҳои муайяншудаи ҳедҷинамоӣ дар давоми муҳлати мавҷудияти онҳо таъсир расонанд, ифшо намояд.

23Ғ Агар дар доираи ягон гуна муносибатҳои ҳедҷинамоӣ дигар манбаъҳои таъсирнок набудани ҳедҷинамоӣ ба вуҷуд оянд, корхона бояд ин манбаъҳоро барои ҳар як гурӯҳи хавф ифшо намояд ва таъсирнок набудани ҳедҷинамоиро шарҳ диҳад.

23Д Вобаста ба ҳедҷинамоии маҷмуи пулӣ корхона бояд тавсифи амалиёти пешгӯикунандаро, ки дар робита ба он дар давраи қаблӣ баҳисобгирии ҳедҷинамоӣ истифода шуда, вале дигар ба вуқӯъ наомадааст, ифшо намояд.

### *Таъсири баҳисобгирии ҳедҷинамоӣ ба ҳолати молиявӣ ва натиҷаҳои молиявӣ*

24 [Соқит шудааст]

24А Корхона бояд дар шакли ҷадвал маблағи зеринро, ки ба воситаҳои тибқи салоҳдиди корхона ба сифати воситаҳои ҳедҷианмоӣ муайяншуда мансуб мебошанд, барои ҳар як гурӯҳи хавф дар алоҳидагӣ вобаста ба ҳар як намуди ҳедҷинамоӣ (ҳедҷинамоии арзиши одилона, ҳедҷинамоии маҷмуи пулӣ ё ҳедҷинамоии сармоягузории соф дар бахши хориҷӣ) ифшо намояд:

(а) арзиши тавозунии воситаҳои ҳедҷинамоӣ (дороиҳои молиявӣ аз уҳдадориҳои молиявӣ ба таври алоҳида);

(б) моддаи ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ, ки дар таркиби он воситаи ҳедҷинамоӣ инъикос шудаанд;

(в) тағйирёбии арзиши одилонаи воситаи ҳедҷинамоӣ, ки ба сифати асос барои эътирофи ғайрисамаранокии ҳедҷинамоӣ дар давоми давра истифода мешавад; ва

(г) маблағи номиналии воситаҳои ҳедҷинамоӣ (аз ҷумла, нишондиҳандаҳои миқдорӣ, ба монанди тонна ё метри мукааб).

24Б Корхона бояд маблағи дар зер зикршударо дар шакли ҷадвал, ки ба объектҳои ҳедҷинамоӣ мансубанд, тибқи гурӯҳи хавф дар алоҳидагӣ, вобаста ба намудҳои зерини ҳедҷинамоӣ, ифшо намояд:

(а) нисбат ба ҳедҷинамоии арзиши одилона:

(i) арзиши тавозунии объекти ҳедҷинамоӣ, ки дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ эътироф шудааст (бо пешниҳоди алоҳидаи дороиҳо ва уҳдадориҳо);

(ii) маблағи ҷамъшудаи тасҳеҳоти мавриди ҳедҷинамоии арзиши одилонаи объекти ҳедҷинамоӣ, ки ба арзиши тавозунии ин объекти дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ эътирофшуда дохил карда шудааст (бо пешниҳоди алоҳидаи дороиҳо ва уҳдадориҳо);

(iii) моддаи ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ, ки дар таркиби он объекти ҳедҷинамоӣ инъикос шудааст;

 © Фонди СБҲМ

(iv) тағйирёбии арзиши объекти хедҷинамоӣ, ки ҳамчун асос барои эътирофи ғайрисамаранокии хедҷинамоӣ дар давоми давра истифода мешавад; ва

(v) маблағи ҷамъшудаи тасҳеҳоти арзиши одилонаи мавриди хедҷинамоӣ, ки дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ барои он объектҳои хедҷинамоӣ, ки тибқи банди 6.5.10-и СБҲМ 9 дигар бо бузургии фоида ё зарар аз хедҷинамоӣ тасҳеҳ карда намешаванд, боқӣ мондаанд.

(б) нисбат ба хедҷинамоии маҷмуи пулӣ ва хедҷинамоии сармоягузории соф дар бахши хориҷӣ:

(i) тағйирёбии арзиши объекти хедҷинамоӣ, ки ҳамчун асос барои эътирофи ғайрисамаранокии хедҷинамоӣ дар давра истифода мешавад (яъне, дар ҳолати хедҷинамоии маҷмуи пулӣ-тағйирот дар арзише, ки барои муқаррар намудани ғайрисамаранокии эътирофшудаи хедҷинамоӣ тибқи банди 6.5.11(в) СБҲМ 9) ба эътибор гирифта мешавад;

(ii) бақияи маблағе, ки дар захираи хедҷинамоии маҷмуи пулӣ ва захираи фарқияти ҷамъшудаи қурби асъор барои муносибатҳои пайвастаи хедҷинамоӣ боқӣ монда, тибқи бандҳои 6.5.11 ва 6.5.13(а) СБҲМ 9 ҳисоб карда мешаванд; ва

(iii) бақияи маблағе, ки дар захираи хедҷинамоии маҷмуи пулӣ ва захираи фарқияти ҷамъшудаи қурби асъор аз муносибатҳои қаблии хедҷинамоӣ боқӣ мондаанд, ки нисбат ба онҳо баҳисобгирии хедҷинамоӣ дигар татбиқ намегардад.

24В Корхона бояд дар шакли ҷадвал маблағи зеринро аз рӯйи гурӯҳи хавф барои намудҳои зерини хедҷинамоӣ ифшо намояд:

(а) нисбат ба хедҷинамоии арзиши одилона:

(i) маблағи ғайрисамаранокии хедҷинамоӣ, яъне фарқияти байни фоида ё зарари хедҷинамоӣ, ки аз воситаи хедҷинамоӣ ва объекти хедҷинамоӣ ба вуҷуд омада, дар таркиби фоида ё зарар эътироф шудааст (ё дигар маҷмуи даромад дар ҳолати хедҷинамоии воситаи ҳиссавӣ, ки нисбат ба он корхона пешниҳод намудани тағйирот дар арзиши одилонаро интихоб намудааст) дар дигар маҷмуи даромад тибқи банди 5.7.5 СБҲМ 9 ва

(ii) моддаи ҳисобот дар бораи маҷмуи даромад, ки дар таркиби он ғайрисамаранокии эътирофшудаи хедҷинамоӣ инъикос шудааст.

(б) нисбат ба хедҷинамоии маҷмуи пулӣ ва хедҷинамоии сармоягузории соф дар бахши хориҷӣ:

(i) фоида ё зарари хедҷинамоӣ, ки дар давраи ҳисоботӣ ба вуҷуд омада, дар таркиби дигар маҷмуи даромад эътироф шудаанд;

(ii) маблағи ғайрисамаранокии хедҷинамоӣ, ки дар таркиби фоида ё зарар эътироф шудааст;

(iii) моддаи ҳисобот дар бораи маҷмуи даромад, ки ба он бузургии эътирофшудаи ғайрисамаранокии хедҷинамоӣ ворид мешавад;

(iv) маблағе, ки аз захираи хедҷинамоии маҷмуи пулӣ ё аз захираи фарқияти ҷамъшудаи қурби асъор дар таркиби фоида ё зарар ба сифати тасҳеҳоти азнавгурӯҳбандишуда мавриди гурӯҳбандӣ қарор гирифтааст (ба СББМ 1 нигаред) (бо тақсим намудан ба маблағе, ки қаблан нисбат ба он баҳисобгирии хедҷинамоӣ истифода шуда буд, вале бавуҷудоии воситаҳои пулии минбаъдаи мавриди хедҷинамоӣ нисбат ба он аз эҳтимол дур мебошад, инчунин маблағи интиқолшуда, ки дар робита ба он объекти хедҷинамоӣ ба фоида ё зарар таъсир расонидааст);

(v) моддаи ҳисобот дар бораи маҷмуи даромад, ки ба он тасҳеҳоти азнавгурӯҳбандишудаи мазкур дохил карда шудааст (ба СББМ 1 нигаред); ва

(vi) дар мавриди хедҷинамоии нетто-мавқеъ, фоида ё зарари хедҷинамоӣ, ки ҳамчун моддаи алоҳида дар ҳисобот дар бораи маҷмуи даромад эътироф гардидааст (ба банди 6.6.4-и СБҲМ 9 нигаред).

24Г Ҳангоме, ки ҳаҷми муносибатҳои хедҷинамоӣ, ки нисбат ба он озодкунии дар банди 23В пешбинигардида татбиқ мегардад, барои инъикоси андозаҳои муқаррарӣ дар давоми давраи ҳисоботӣ (яъне андозаи ба санаи ҳисоботӣ мавҷудбуда - андозаҳои ин давраро инъикос наменамояд) омили хос маҳсуб наёбад, корхона бояд чунин далел ва сабаберо, ки чаро чунин андозаҳо омили хос намебошанд, ифшо намояд.

24Ғ Корхона бояд муқоисаи ҳар як ҷузъи сармояи хусусӣ ва таҳлили дигар маҷмуи даромадро тибқи СББМ 1 пешниҳод намояд, ки ҳама дар умум:

(а) ҳадди аққал фарқияти байни маблағеро, ки тибқи бандҳои 24В(б)(i) ва (б)(iv) ба ифшои маълумот тааллуқ доранд ва маблағеро, ки тибқи бандҳои 6.5.11(г)(i) ва (г)(iii) СБҲМ 9 дар мавриди баҳисобгирӣ инъикос шудааст, ҷудо менамоянд;

(б) фарқияти байни маблағеро, ки арзиши муваққатии он опсионҳоро инъикос менамояд, ки бо ёрии онҳо объектҳои марбут ба амалиёти дахлдор мавриди ҳедҷинамоӣ қарор мегиранд ва маблағеро, ки арзиши муваққатии он опсионҳоро инъикос менамояд, ки бо ёрии онҳо объектҳои марбут ба фосилаи муайяни вақт мавриди ҳедҷинамоӣ қарор мегиранд, ҷудо менамоянд, ҳангоме, ки корхона арзиши муваққатии опсионро тибқи банди 6.5.15 СБҲМ 9 ба эътибор мегирад; ва

(в) фарқияти байни маблағеро, ки унсурҳои форвардии шартномаҳои форвардӣ ва спредҳои асоси асъории он воситаҳои молиявиро инъикос менамоянд, ки бо ёрии онҳо объектҳои марбут ба амалиёти дахлдор ҳедҷинамоӣ карда мешаванд ва фарқияти байни маблағеро, ки унсурҳои форвардии шартномаҳои форвардӣ ва спрэдҳои асосии асъории он воситаҳои молиявие, ки марбут ба фосилаи муайяни вақт мебошанд, ҳангоме, ки корхона чунин маблағро тибқи банди 6.5.16 СБҲМ 9 мавриди ҳедҷинамоӣ қарор медиҳад, ҷудо менамояд.

24Д Корхона бояд маълумотеро, ки дар банди 24Ғ талаб карда шудааст, барои ҳар як гурӯҳи хавф дар алоҳидагӣ ифшо намояд. Чунин тақсимоти хавф метавонад дар тавзеҳоти ҳисоботи молиявӣ пешниҳод карда шавад.

### *Имконияти бо салоҳдиди худ гурӯҳбандӣ намудани мавқеи ба хавфи қарзӣ дучоршаванда ҳамчун аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбишаванда*

24Е Агар корхона тибқи салоҳдиди худ воситаи молиявӣ ё як қисми мутаносиби онро ҳамчун арзиши одилона тавассути фоида ё зарар дар робита ба он, ки барои идоракунии хавфи қарзии ин воситаи молиявӣ деривативрo истифода мебарад, гурӯҳбандӣ намуда бошад, пас бояд инҳоро ифшо намояд:

(а) муқоисаи ҳам арзиши номиналӣ ва ҳам арзиши одилона дар аввал ва охири давра нисбат ба деривативҳои қарзӣ, ки барои идоракунии хавфи қарзии воситаҳои молиявӣ истифода гардида, тибқи салоҳдиди корхона ба гурӯҳи аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбишаванда тибқи банди 6.7.1-и СБҲМ 9 мавриди гурӯҳбандӣ қарор гирифтаанд;

(б) фоида ё зараре, ки дар таркиби фоида ё зарари давра, ҳангоми гурӯҳбандии воситаи молиявӣ ё қисми мутаносиби он тибқи салоҳдиди корхона ва банди 6.7.1 СБҲМ 9 ҳамчун аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбишаванда эътироф карда шудаанд; ва

(в) дар сурати қатъ гардидани арзёбии воситаи молиявӣ ё қисми мутаносиби он аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар он маблағи арзиши одилонаи воситаи молиявии мазкур, ки дар гурӯҳи нав тибқи банди 6.7.4 СБҲМ 9 ба арзиши тавозунии он мубаддал мегардад, инчунин маблағи номиналии дахлдор ё маблағи асосии ба он алоқаманд (ба истиснои маълумоти муқоисавӣ, ки тибқи СББМ 1 пешниҳод карда мешаванд, корхона бояд ифшои ин маълумотро дар давраҳои минбаъда идома диҳад).

### *Номуайянии дар натиҷаи ислоҳоти меъёри фоизноки асосӣ бавуҷудомада*

24Ё Вобаста ба робитаҳои ҳедҷинамоӣ, ки корхона нисбати онҳо истисноҳои дар бандҳои 6.8.4-6.8.12 СБҲМ 9 ё бандҳои 102Г-102Қ СББМ 39 зикршударо татбиқ менамояд, корхона бояд маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) меъёрҳои фоизноки асосии назаррас, ки робитаҳои ҳедҷинамоии корхона дар маърази дучоршавӣ ба хавфи тағйироти онҳо қарор доранд;

(б) андозаи мавқеи хавфе, ки аз ҷониби корхона идора гардида, ислоҳоти меъёрҳои фоизноки асосӣ бевосита ба он таъсир мерасонад;

(в) ин омил, ки чӣ тавр корхона раванди гузариш ба меъёрҳои алтернативии асосиро идора менамояд;

(г) тавсифи фарзияҳо ё мулоҳизаҳои муҳиме, ки аз ҷониби корхона дар баробари татбиқи бандҳои мазкур истифода гардидааст (масалан, фарзияҳо ва мулоҳизаҳо дар робита ба он, ки номуайянии дар натиҷаи ислоҳоти меъёрҳои фоизноки асосӣ бавуҷудомада вобаста ба

мӯҳлати пайдоиш ва маблағи маҷмуи воситаҳои пулии бо меъёрҳои фоизноки асосӣ асосёфта кай бартараф мегардад); ва

(ғ) маблағи номиналии воситаҳои ҳедҷинамоӣ дар робитаҳои ҳедҷинамоӣ.

## Ифшои иловагии маълумоти бо ислоҳоти меъёри фоизноки асосӣ алоқаманд

24Ж Барои ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ фароҳам овардани имкони дарки таъсири ислоҳоти меъёри асосии фоизнок ба воситаҳои молиявии корхона ва стратегияи идоракунии хавфи он, корхона бояд маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) хусусият ва андозаи хавфе, ки корхона дар робита ба воситаҳои молиявие, ки ба онҳо ислоҳоти меъёри асосии фоизнок ва чӣ тавр корхона ин хавфҳоро идора менамояд; ва

(б) пешрафти корхона дар татбиқи гузариш ба меъёрҳои асосии алтернативӣ ва ин омил, ки корхона чӣ тавр ин гузаришро идора менамояд.

24З Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои дар банди 24Ж зикршуда корхона бояд маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) ин омил, ки чӣ тавр корхона ба меъёрҳои асосии алтернативӣ мегузарад, пешрафти он ба санаи ҳисоботӣ ва хавфе, ки аз рӯйи воситаҳои молиявӣ ба вуҷуд омада, дар натиҷаи ин гузариш корхона ба он дучор мешавад;

(б) маълумоти ҷудошуда дар бораи воситаҳои молиявӣ, ки барои онҳо дар охири давраи ҳисоботӣ гузаштан ба меъёри асосии алтернативӣ ҳанӯз ба вуқӯъ наомадааст, тавассути тақсим намудан ба меъёрҳои асосии фоизноки назаррас, ки ба онҳо ислоҳоти меъёрҳои асосии фоизнок бо пешниҳоди алоҳидаи инҳо дахолат кардаанд:

(i) дороиҳои молиявии ғайридеривативӣ;

(ii) уҳдадориҳои молиявии ғайридеривативӣ; ва

(iii) дериватившҳо; ва

(в) агар хавфи дар банди 24З(а) зикршуда боиси тағйирёбии стратегияи идоракунии хавфи корхона шуда бошад (ба банди 22А нигаред), тавсифи чунин тағйирот.

## Арзиши одилона

25 Ба истиснои ҳолатҳое, ки дар банди 29 зикр шудаанд, барои ҳар як гурӯҳи дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявӣ (ба банди 6 нигаред) корхона бояд арзиши одилонаи дороиҳо ва уҳдадориҳои ин гурӯҳро тавре ифшо намояд, то муқоиса намудани он бо арзиши тавозунии ин дороиҳо ва уҳдадориҳо имконпазир бошад.

26 Ҳангоми ифшои маълумот дар бораи арзиши одилона корхона бояд дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявиро ба гурӯҳҳо гурӯҳбандӣ намояд, вале ҳисоббаробарии онҳоро танҳо дар он қисмате бояд анҷом диҳад, ки арзиши тавозунии онҳо дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ ба таври мутақобила ба эътибор гирифта шавад.

27–27Б [Соқит шудаанд]

28 Дар баъзе маврид корхона фоида ё зарарро ҳангоми эътирофи аввалияи дороии молиявӣ ё уҳдадориҳои молиявӣ эътироф наменамояд, зеро арзиши одилона бо нархгузорӣ дар бозори фаъол дар робита бо дороӣ ё уҳдадориҳои якхела (яъне маълумоти аввалияи дараҷаи 1) тасдиқ карда намешавад ва барои муқаррар намудани он модели арзёбӣ, ки комилан дар асоси маълумот аз бозорҳои мушоҳидашаванда асос ёфтааст, истифода нашудааст (ба банди Б5.1.2А-и СБҲМ 9 нигаред). Дар чунин ҳолатҳо корхона бояд маълумоти зеринро вобаста ба ҳар як гурӯҳи дороиҳои молиявӣ ё уҳдадориҳои молиявӣ ифшо намояд:

(а) сиёсати баҳисобгирии корхона дар робита бо эътирофи фарқият дар таркиби фоида ё зарар, ки ҳангоми эътирофи аввалия ва нархи қарордоди дахлдор байни арзиши одилона ба вуҷуд меояд, то тағйирот дар омилҳо (аз ҷумла, мӯҳлат), ки иштирокчиёни бозор ҳангоми муқаррар намудани нархи ин дороиҳо ё уҳдадориҳо ба эътибор мегиранд (ба банди Б5.1.2А(б)-и СБҲМ 9 нигаред), инъикос гардад;

(б) маблағи умумии ин фарқият, ки ҳанӯз дар таркиби фоида ё зарар дар аввал ва охири давра эътироф карда мешавад ва муқоисаи тағйироти бақияи маблағи зикршуда;

(в) асос барои хулосаи корхона дар бораи он, ки нархи қарордод беҳтарин далели арзиши одилона ба ҳисоб нарафтааст, аз ҷумла, тавсифи далелҳое, ки арзёбии арзиши одилонаро тасдиқ менамоянд.

29 Ифшои маълумот дар бораи арзиши одилона дар ин маврид талаб карда намешавад:

(а) ҳангоме, ки арзиши тавозунӣ нисбат ба арзиши одилона асоснок наздикшуда ҳисобида шавад, масалан барои чунин воситаҳои молиявӣ, ба монанди қарзи дебиторӣ ва кредитории кутоҳмуддати тиҷоратӣ; ё

(б) [Соқит шудааст]

(в) [Соқит шудааст]

(г) нисбат ба уҳдадориҳои марбут ба иҷора.

30 [Соқит шудааст]

## Хусусият ва андозаи хавфи бо воситаҳои молиявӣ алоқаманд

**31 Корхона бояд маълумотеро ифшо намояд, ки ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявии он имкон медиҳад хусусият ва андозаи хавфи марбут ба воситаҳои молиявиро, ки корхона дар охири давраи ҳисоботӣ ба он дучор мешавад, арзёбӣ намоянд.**

32 Маълумоте, ки ифшои онро бандҳои 33–42 талаб менамоянд, пеш аз ҳама ба он хавфе дахл дорад, ки дар робита ба воситаҳои молиявӣ ва тарзҳои идоракунии ин хавф ба вуҷуд меояд. Хавфҳои зикршуда одатан, хавфи қарзӣ, *хавфи бозоргирӣ* ва хавфи бозориро дар бар мегиранд, вале бо инҳо маҳдуд намешавад.

32A Ифшои маълумоти дорои хусусияти сифатӣ дар заминаи маълумоти миқдорӣ ба истифодабарандагон имкон медиҳад ифшои дахлдорро бо ҳамдигар алоқаманд намоянд ва ба ин васила дар бораи хусусият ва андозаи хавфи марбут ба воситаҳои молиявӣ фаҳмиши умумиро ташаккул диҳанд. Муносибати байни тавсиф ва маълумоти миқдорӣ ба ифшои маълумот тавре мусоидат менамояд, ки ба истифодабарандагон имкон медиҳад ба хавф дучор гардидани корхонаро беҳтар арзёбӣ намоянд.

### Ифшои маълумоти дорои хусусияти сифатӣ

33. Вобаста ба ҳар як намуди хавф, ки дар робита бо воситаҳои молиявӣ ба вуҷуд меояд, корхона бояд маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) дучор шудан ба хавфи дахлдор ва сабабҳои пайдоиши он;

(б) ҳадаф, сиёсат ва равандҳои идоракунии ин хавф ва усулҳое, ки барои арзёбии ин хавф истифода мешаванд; ва

(в) тағйирот дар зербандҳои (а) ё (б) дар муқоиса ба давраи қаблӣ.

### Ифшои маълумоти миқдорӣ

34. Вобаста ба ҳар як намуди хавфе, ки дар робита ба воситаҳои молиявӣ ба вуҷуд меояд, корхона бояд маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) маълумоти ҷамъбастии миқдорӣ дар бораи дучор шудан ба хавфи дахлдор дар охири давраи ҳисоботӣ. Ифшои чунин маълумот бояд ба маълумоти дохилие асос ёбад, ки ба ҳайати калидии кормандон пешниҳод карда мешавад (чӣ тавре, ки ин истилоҳ дар СББМ 24 *"Ифшои маълумот дар бораи тарафҳои алоқаманд"* муқаррар карда шудааст), масалан, шурои директорони корхона ё директори генералии он;

(б) маълумоте, ки дар бандҳои 36-42 талаб карда мешавад, ба он андозае, ки тибқи зербанди (а) то ҳол пешниҳод нашудааст;

(в) маълумот дар бораи консентратсияи хавф, агар ин аз маълумоти тибқи зербандҳои (а) ва (б) ифшогардида аён набошад.

35 Агар маълумоти миқдории ба санаи охири давраи ҳисоботӣ ифшогардида дар робита ба дучоршавии корхона ба хавф дар давоми ин давра нишондиҳанда набошад, корхона бояд маълумоти иловагиеро пешниҳод намояд, ки нишондиҳанда маҳсуб мeёбад.

 © Фонди СБҲМ

## Хавфи қарзӣ

### *Доираи татбиқ ва мақсад*

35А Корхона бояд талаботро нисбат ба ифшои маълумоте татбиқ намояд, ки дар бандҳои 35Д-35Қ дар робита ба воситаҳои молиявӣ пешбинӣ гардида, нисбат ба онҳо талаботи мутаносиб бо баҳисобгирии беқурбшавии дар СБҲМ 9 зикргардида истифода мешавад: Аммо:

(а) дар мавриди қарзи дебитории тиҷоратӣ, дороиҳои марбут ба шартнома ва қарзи дебитории иҷора, банди 35З(а) нисбат ба он қарзи дебитории тиҷоратӣ, дороиҳои марбут ба шартнома ва қарзи дебитории иҷора, ки аз рӯйи онҳо зарари эҳтимолии қарзӣ тибқи банди 5.5.15 СБҲМ 9 барои тамоми муҳлат эътироф карда мешавад, агар чунин дороиҳои молиявӣ дар давоми зиёда аз 30 рӯзи ба охир расидани муҳлат дигаргунсозӣ карда шаванд; ва

(б) банди 35И(б) нисбат ба қарзи дебитории иҷора татбиқ намегардад.

35Б Ифшои маълумот дар бораи хавфи қарзӣ, ки бандҳои 35Д-35Қ талаб менамоянд, бояд ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ имкон диҳад, то таъсири хавфи қарзиро ба маблағ, муҳлат ва номуайянии воситаҳои пулии минбаъда дарк намоянд. Барои ноил гардидан ба ин ҳадаф маълумоти зерин дар бораи хавфи қарзӣ бояд ифшо гардад:

(а) маълумот дар бораи таҷрибаҳои корхона оид ба идоракунии хавфи қарзӣ ва робитаи онҳо бо эътироф ва арзёбии зарари қарзии пешбинишаванда, аз ҷумла, усулҳо, фарзияҳо ва иттилооте, ки барои ҳисоб намудани зарари пешбинишудаи қарз истифода мешаванд;

(б) маълумоти миқдорӣ ва сифатӣ, ки ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ имкон медиҳад маблағи ҳисоботи молиявиро, ки ба зарари қарзии пешбинишаванда мансубанд, аз ҷумла, тағйирот дар маблағи зарари қарзии пешбинишаванда ва сабабҳои чунин тағйирот баҳо диҳанд; ва

(в) маълумот дар бораи дучоршавӣ ба хавфи қарзӣ (яъне, хавфи қарзӣ, ки ба дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои корхона вобаста ба пешниҳоди қарз хос аст), аз ҷумла, ҷамъоварии назарраси хавфи қарзӣ.

35В Корхона бояд маълумоти заруриро дар тавзеҳоти алоҳида ё қисмати алоҳидаи ҳисоботи молиявии худ ифшо намояд. Аммо, корхона набояд маълумоти дар ҷои дигар пешниҳодшударо иловатан бо он шарте такрор намояд, ки чунин маълумот бо роҳи иртиботи мутақобила аз ҳисоботи молиявӣ ба ҳисоботи дигар ворид карда шудааст, ба монанди шарҳи роҳбарият ё ҳисобот дар бораи хавф, ки барои истифодабарандагони ин ҳисоботи молиявӣ бо ҳамон шартҳо ва дар як вақт бо худи ҳисоботи молиявӣ дастрас мебошанд. Бидуни ин гуна маълумот, ки тавассути иртиботи мутақобила ворид карда шудааст, ҳисоботи молиявӣ нопурра арзёбӣ мегардад.

35Г Барои ноил гардидан ба ҳадафҳое, ки дар банди 35Б оварда шудаанд, корхона (ба истиснои ҳолатҳое, ки дорои тартиби дигар мебошанд) бояд муқаррар намояд, ҳамон қадар, ки ифшо муфассал бошад, ҳамон миқдор ҷанбаҳои гуногуни талаботи марбут ба ифшои маълумот, ки ба сатҳи ҳамроҳшавӣ ё тафсилоти ҷузъӣ мувофиқат менамоянд, муҳим хоҳанд буд ва инчунин муқаррар намояд, ки оё барои истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ҷиҳати арзёбии маълумоти миқдории ифшошаванда тавзеҳоти иловагӣ зарур мебошанд.

35Ғ Агар маълумоте, ки тибқи бандҳои 35Д-35Қ ифшо мегардад, барои ноил шудан ба ҳадафҳои дар банди 35Б нокифоя бошад, корхона бояд маълумоти иловагиро барои ноил гардидан ба ин ҳадафҳо ифшо намояд.

### *Таҷрибаи идоракунии хавфи қарзӣ*

35Д Корхона бояд таҷрибаи татбиқкунандаи идоракунии хавфи қарзии худ, инчунин робитаи онро бо эътироф ва арзёбии зарари қарзии интизоршаванда, шарҳ диҳад. Барои ноил гардидан ба ин ҳадаф, корхона бояд маълумотеро ифшо намояд, то ин ки ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ имкон диҳад инҳоро дарк ва арзёбӣ намоянд:

(а) чӣ тавр корхона ин омилро муқаррар намудааст, ки оё хавфи қарзӣ аз лаҳзаи эътирофи аввалия ба таври назаррас афзоиш ёфтааст, аз ҷумла:

(i) бо кадом ҳисоб ва барои чӣ хавфи қарзии воситаҳои молиявӣ тибқи банди 5.5.10 СБҲМ 9, аз ҷумла, гурӯҳҳои воситаҳои молиявӣ, ки ба онҳо ин дахл дорад, паст ҳисобида мешавад; ва

(ii) фарзияи дар банди 5.5.11 СБҲМ 9 зикршуда дар бораи мавҷудияти афзоиши назарраси хавфи қарзӣ, ки аз замони эътирофи аввалия вуҷуд дорад, чӣ тавр рад шудааст, ҳангоме, ки аз муҳлати дороиҳои молиявӣ зиёда аз 30 рӯз гузаштааст;

(б) муқаррароти муфлисшавии аз ҷониби корхона истифодашаванда, аз ҷумла, сабабҳои интихоби чунин муқаррарот;

(в) чӣ тавр воситаҳо гурӯҳбандӣ шудаанд, агар зарари эҳтимолии қарз дар асоси гурӯҳҳо арзёбӣ шуда бошад;

(г) чӣ тавр корхона муқаррар намудааст, ки дороиҳои молиявӣ дороиҳои молиявии аз ҳисоби қарз беқурбшуда мебошанд;

(ғ) сиёсати аз эътибор соқит намудан, ки корхона истифода мебарад, аз ҷумла, аломатҳои мавҷуд набудани эҳтимолияти асосноки ҷуброни арзиши дороӣ ва маълумот дар бораи сиёсати марбут ба дороиҳои молиявие, ки аз эътибор соқит мешаванд, вале дар робита бо онҳо то ҳол расмиёти талаботи ҳатмии воситаҳои мавриди ҳисоб татбиқ мегардад; ва

(д) чӣ тавр талаботи банди 5.5.12-и СБҲМ 9 вобаста дигаргунсозии маҷмуи воситаҳои пулии дороиҳои молиявии тибқи шартнома пешбинигардида татбиқ карда шудаанд, аз ҷумла, чӣ тавр корхона:

(i) муқаррар менамояд, оё хавфи қарзии дороии молиявии дар давоми давра дигаргунсозишуда коҳиш ёфтааст, ҳангоме, ки захираи арзёбишавандаи таҳти зарар аз рӯйи он бо маблағи баробар бо зарари эҳтимолии қарз дар тӯли тамоми муҳлат арзёбӣ гардида, захираи арзёбишавандаи таҳти зарари марбут ба дороии молиявии мазкур ба маблағи баробар ба зарари қарзии 12-моҳаи пешбинишуда тибқи банди 5.5.5 СБҲМ 9 ба арзёбӣ оғоз менамояд; ва

(ii) мониторинги дараҷаро амалӣ менамояд, ки дар он захираи арзёбишавандаи таҳти зарари дороиҳои молиявие, ки ба меъёрҳои зербанди (i) мувофиқат менамоянд, ки баъдан ба маблағи баробар ба зарари эҳтимолии қарз дар тӯли тамоми муҳлат тибқи банди 5.5.3 СБҲМ 9 аз нав арзёбӣ мегарданд.

35Е Корхона бояд маълумоти ибтидоӣ, фарзияҳо ва моделҳои арзёбиро, ки аз ҷониби он барои татбиқи талаботи банди 5.5 СБҲМ 9 истифода мешаванд, шарҳ диҳад. Барои ин мақсад корхона бояд ифшо намояд:

(а) асоси маълумоти ибтидоӣ, фарзияҳо ва моделҳои арзёбӣ, ки барои инҳо истифода мешаванд:

(i) арзёбии зарари эҳтимолии қарз барои 12 моҳ ва тамоми давра;

(ii) муқаррар намудани ин омил, ки оё хавфи қарзии воситаҳои молиявӣ пас аз эътирофи аввалияи онҳо ба таври назаррас зиёд шудааст; ва

(iii) муқаррар намудани ин омил, ки оё дороии молиявӣ дороии молиявии аз ҳисоби қарз беқурбшуда мебошад;

(б) ҳагоми муқаррар намудани зарари эҳтимолии қарз чӣ тавр маълумоти дурнамо, аз ҷумла, истифодаи маълумоти макроиқтисодӣ истифода шудааст; ва

(в) тағйирот дар моделҳои арзёбӣ ё фарзияҳои муҳиме, ки дар давоми давраи ҳисоботӣ истифода шудаанд ва сабабҳои чунин тағйирот.

### *Маълумоти миқдорӣ ва сифатӣ дар бораи маблағи бо зарари эҳтимолии қарзӣ қайду шартшуда*

35Ё Бо мақсади шарҳи тағйироти захираи арзёбишавандаи таҳти зарар ва сабабҳои ба амал омадани чунин тағйирот корхона бояд муқоисаи бақияи захираи арзёбишавандаи таҳти зарари ибтидои давраро бо бақияи интиҳои давра дар шакли ҷадвал, бо нишон додани тағйирот дар давоми давраи ҳисоботӣ дар алоҳидагӣ аз рӯйи чунин мавқеъҳо ифшо намояд:

(а) захираи арзёбишавандаи таҳти зарар, ки бо маблағи баробар ба зарари эҳтимолии қарзи 12 моҳа арзёбӣ мегардад;

(б) захираи арзёбишавандаи таҳти зарар, ки ба маблағи баробар ба зарари эҳтимолии қарз дар тамоми муддати муҳлат барои мавқеъҳои зерин арзёбӣ мегардад:

(i) воситаҳои молиявие, ки хавфи қарзии онҳо аз лаҳзаи эътирофи аввалия ба таври назаррас афзоиш ёфтааст, вале онҳо дороиҳои молиявии аз ҳисоби қарз беқурбшуда намебошанд;

(ii) дороиҳои молиявии аз ҳисоби қарз беқурбшуда ба санаи ҳисоботӣ (вале онҳо ҳамчун аз ҳисоби қарз беқурбшуда ба даст оварда ё сохта нашудаанд); ва

(iii) қарзи дебитории тиҷоратӣ, дороиҳои шартномавӣ ё қарзи дебитории иҷора, ки барои онҳо захираи арзёбишавандаи тахти зарар тибқи банди 5.5.15 СБҲМ 9 арзёбӣ мегардад;

(в) дороиҳои молиявие, ки ҳамчун аз ҳисоби қарз беқурбшуда ба даст оварда ё сохта шудаанд. Иловатан ба муқоиса корхона бояд маблағи умумии зарари эҳтимолии қарзии тахфифнашударо ҳангоми эътирофи аввалия барои дороиҳои молиявие, ки дар давраи ҳисоботӣ дар ибтидо эътироф шудаанд, ифшо намояд.

35Ж Барои кумак расонидан ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ҷиҳати дарки тағйирот дар захираҳои арзёбишавандаи тахти зарар, ки тибқи банди 35Ё ифшо мегарданд, корхона бояд шарҳ диҳад, ки чӣ тавр тағйироти назаррас дар арзиши умумии тавозунии воситаҳои молиявӣ дар давоми давра ба тағйирёбии захираи арзёбишавандаи тахти зарар мусоидат намудааст. Чунин маълумот бояд барои воситаҳои молиявӣ дар алоҳидагӣ ифшо гардад, ки захираи арзёбишавандаи тахти зарар мувофиқи рӯйхати дар банди 35Ё(а)-(в) зикршуда пешниҳод мегардад ва дорои маълумоти дахлдори сифатӣ ва миқдорӣ мебошад. Намунаҳои тағйирот дар арзиши умумии тавозунии воситаҳои молиявӣ, ки ба тағйирот дар захираи арзёбишавандаи тахти зарар мусоидат кардаанд, метавонанд инҳоро дар бар гиранд:

(а) тағйирот дар натиҷаи бароriш ё ба даст овардани воситаҳои молиявӣ дар давоми давраи ҳисоботӣ;

(б) дигаргунсозии маҷмуи воситаҳои пулии тибқи шартнома пешбинишудаи дороиҳои молиявӣ, ки тибқи СБҲМ 9 боиси қатъ гардидани эътирофи ин дороиҳои молиявӣ намегарданд;

(в) тағйирот дар натиҷаи қатъ гардидани эътирофи воситаҳои молиявӣ (аз ҷумла, аз эътибор соқит намудани воситаҳои молиявӣ) дар давоми давраи ҳисоботӣ; ва

(г) тағйироти бо ин омил қайду шартшуда, ки оё захираи арзёбишавандаи тахти зарар ба маблағи баробар ба зарари эҳтимолии қарзи 12-моҳа ё ба маблағе, ки баробар ба зарари эҳтимолии қарз дар тамоми муддати мухлат мебошад, муқаррар карда мешавад.

35З Барои кумак расонидан ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ҷиҳати дарки моҳият ва таъсири дигаргунсозии маҷмуи воситаҳои пулии тибқи шартнома пешбинигардадида аз рӯйи дороиҳои молиявӣ, ки боиси қатъи эътироф нашудаанд, инчунин таъсири чунин дигаргунсозӣ ба арзёбии зарари эҳтимолии қарзӣ, корхона бояд маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) арзиши истеҳлок то дигаргунсозӣ ва фоида ё зарари соф аз модификатсия, ки аз рӯйи дороиҳои молиявӣ эътироф шуда, тибқи онҳо маҷмуи воситаҳои пулии аз рӯйи шартнома пешбинишуда дар давоми давраи ҳисоботӣ дигаргунсозӣ шудааст, ки дар он захираи арзёбишудаи тахти зарар бо маблағи баробар ба зарари эҳтимолии қарзӣ дар тамоми давра арзёбӣ гардидааст; ва

(б) арзиши умумии тавозунӣ дар охири давраи ҳисоботӣ барои дороиҳои молиявӣ, ки аз лаҳзаи эътирофи аввалия дар ҳамон даврае дигаргунсозӣ шудаанд, ки дар он захираи арзёбишавандаи тахти зарар бо маблағи баробар ба зарари эҳтимолии қарзӣ дар тамоми мухлат арзёбӣ гардида буд ва барои онҳо захираи арзёбишавандаи тахти зарар дар муддати давраи ҳисоботӣ ба маблағи баробар ба зарари эҳтимолии қарзии 12-моҳа тағйир ёфтааст.

35И Барои кумак расонидан ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ ҷиҳати дарки таъсири таъминот ва дигар механизмҳои баланд бардоштани сифати қарз ба маблағе, ки бо зарари эҳтимолии қарз қайду шарт шудааст, корхона бояд маълумоти зеринро аз рӯйи гурӯҳҳои воситаҳои молиявӣ ифшо намояд:

(а) маблағе, ки ҳадди ниҳоӣ дучоршавии корхона ба хавфи қарзиро дар охири давраи ҳисоботӣ беҳтар инъикос менамояд, бидуни баҳисобгирии таъминоти нигоҳдоришуда ва дигар механизмҳои баланд бардоштани сифати қарз (масалан, шартнома дар бораи ҳисоббаробарӣ, ки тибқи СББМ 32 меъёри ҳисоббаробаркуниро қонеъ наменамояд);

(б) тавсифи таъминоте, ки ба сифати гарав нигоҳ дошта мешавад ва дигар механизмҳои баланд бардоштани сифати қарз, аз ҷумла:

(i) тавсифи хусусият ва сифати таъминоте, ки нигоҳ дошта мешавад;

(ii) тавзеҳи ҳамагуна тағйироти муҳими сифати чунин таъминот ё механизмҳои баланд бардоштани сифати қарз дар натиҷаи бадшавии хусусиятҳо ё тағйироти

сиёсат, ки дар давраи ҳисоботӣ дар робита бо таъминот аз ҷониби корхона истифода мегардад, ба вуҷуд омадааст; ва

(iii) маълумот дар бораи воситаҳои молиявӣ, ки тибқи он корхона захираи арзёбишавандаи таҳти зарарро бинобар мавҷудияти таъминот эътироф накардааст;

(в) маълумоти миқдорӣ дар бораи таъминоте, ки ба сифати гарав нигоҳ дошта мешавад ва дигар механизмҳои баланд бардоштани сифати қарз (масалан, маълумоти миқдорӣ дар бораи он, ки то кадом андоза таъминот ва дигар механизмҳои баланд бардоштани сифати қарз хавфи қарзиро коҳиш медиҳанд) барои дороиҳои молиявии қарзии беқурбшуда ба санаи ҳисоботӣ.

35Й Корхона бояд маблағи пардохтнашудаи шартномаро барои дороиҳои молиявие, ки дар давраи ҳисоботӣ аз эътибор соқит карда шуда, вале дар робита ба онҳо мисли пешина расмиёти талаботи қонунии воситаҳои пардохтшаванда татбиқ мегардад, ифшо намояд.

### *Дучоршавӣ ба хавфи қарзӣ*

35Й Барои кумак расонидан ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ дар арзёбии дучоршавии корхона ба хавфи қарзӣ ва дарки ҷамъоварии назарраси хавфи қарзи корхона бояд аз рӯйи *сатҳи радабандии хавфи қарзӣ* арзиши умумии дороиҳои молиявӣ ва дучоршавӣ ба хавфи қарзиро тибқи ӯҳдадориҳои шартномавии пешниҳоди қарз ва шартномаҳои кафолати молиявӣ ифшо намояд. Маълумоти мазкур бояд барои воситаҳои молиявӣ дар алоҳидагӣ пешниҳод карда шавад:

(а) захираи арзёбишавандаи таҳти зарар, ки тибқи он ба маблағи баробар ба зарари пешбинишудаи қарзи 12-моҳа арзёбӣ мегардад;

(б) захираи арзёбишавандаи таҳти зарар, ки тибқи он ба маблағи баробар ба зарари пешбинишудаи қарз дар тамоми мӯҳлат арзёбӣ мегардад ва бо мавқеъҳои зерин ифода намуда мешавад:

(i) воситаҳои молиявие, ки хавфи қарзии онҳо аз лаҳзаи эътирофи аввалия ба таври назаррас афзоиш ёфтааст, вале дороиҳои молиявии қарзии беқурбшуда намебошанд;

(ii) дороиҳои молиявиии қарзии беқурбшуда ба санаи ҳисоботӣ (вале ба даст оварда нашудаанд ё бо беқурбшавии қарзӣ эҷод шудаанд); ва

(iii) қарзи дебитории тиҷоратӣ, дороиҳои шартномавӣ ё қарзи дебитории иҷора, ки барои онҳо захираи зарар тибқи банди 5.5.15 СБҲМ 9 арзёбӣ мегардад;

(в) дороиҳои молиявие, ки тавассути дороиҳои молиявии қарзии беқурбшуда ба даст оварда шудаанд ё эҷод гардидаанд.

35К Дар мавриди қарзи дебитории тиҷоратӣ, дороиҳои шартномавӣ ва қарзи дебиторӣ, ки корхона нисбат ба онҳо банди 5.5.15-и СБҲМ 9-ро татбиқ менамояд, дар асоси маълумоти тибқи банди 35К пешниҳодшуда метавонад ба матритсаи захираҳои арзёбишаванда асос ёбад (ба банди Б5.5.35 СБҲМ 9 нигаред).

36 Барои ҳама воситаҳои молиявие, ки ба доираи татбиқи Стандарти мазкур ворид гардида, нисбат ба онҳо талаботи СБҲМ 9 вобаста ба беқурбшавӣ татбиқ намегардад, корхона бояд маълумоти зеринро аз рӯйи гурӯҳҳои воситаҳои молиявӣ ифшо намояд:

(а) маблағе, ки пеш аз ҳама ҳадди аксари дучоршавии корхона ба хавфи қарзиро дар охири давраи ҳисоботӣ, бидуни баҳисобгирии ҳама гуна таъминоти мавҷуда ё дигар воситаҳои баланд бардоштани сифати қарз, ифода менамояд (масалан, шартнома дар бораи неттинг, ки ҷиҳати ҳисоббаробарӣ ба талаботи СББМ 32 ҷавобгӯй намебошад); ифшои ин маълумот дар робита бо воситаҳои молиявие, ки арзиши тавозунии онҳо пеш аз ҳама ҳадди аксари дучоршавии корхона ба хавфи қарзиро ифода менамояд, талаб карда намешавад;

(б) тавсифи таъминот ва дигар воситаи баланд бардоштани сифати қарзи ба сифати гарав гирифташуда ва самараи молиявии онҳо (масалан, муқаррароти миқдорӣ ба он андоза, ки то чӣ ҳад таъминоти гарав ва дигар воситаи баланд бардоштани сифати қарз хавфи қарзро коҳиш медиҳанд) дар робита бо он маблағе, ки пеш аз ҳама ҳадди аксари дучоршавӣ ба хавфи қарзиро ифода менамояд (хоҳ ин маблағ тибқи зербанди (а) ё арзиши тавозунии воситаи молиявӣ ифшо гардида бошад).

(в) [Соқит шудааст]

(г) [Соқит шудааст]


© Фонди СБҲМ

37 [Соқит шудааст]

### *Таъминоти қабулшуда ва дигар механизмҳо барои беҳтар намудани сифати қарз*

38 Агар корхона дар давоми давра дороиҳои молиявӣ ё ғайримолиявиро дар натиҷаи ситонидан аз таъминоти гараве, ки дар ихтиёр дорад ё дар натиҷаи истифодаи механизмҳои дигари баланд бардоштани сифати қарз (масалан, кафолатҳо) ба даст орад ва ин дороиҳо ба меъёрҳои эътирофи дигар СБҲМ мувофиқат намоянд, корхона бояд маълумоти зеринро дар робита ба чунин дороиҳое, ки ба санаи ҳисоботӣ нигоҳ дошта шудаанд, ифшо намояд:

(а) хусусият ва арзиши тавозунии ин дороиҳо; ва

(б) дар ин маврид, агар ин дороиҳо ба таври озод бо воситаҳои пулӣ табдил наёбанд, сиёсати хусусии корхона дар робита бо хориҷшавии чунин дороиҳо ё истифодаи онҳо дар фаъолияти хусусӣ.

## Хавфи бозоргирӣ

39 Корхона бояд маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) таҳлили муҳлати пардохти ғайридеривативҳо (аз ҷумла, шартномаҳои молиявии содиршудаи кафолат), ки нишондиҳандаи муҳлати боқимондаи шартномавии онҳо мебошад.

(б) таҳлили муҳлати пардохти деривативҳо. Таҳлили мазкур бояд маълумот дар бораи муҳлати боқимондаи шартномавии он деривативҳоеро, ки дар робита бо онҳо муҳлати шартномавӣ барои дарки бавуҷудоии дериватив муҳим мебошанд, дар бар гирад (ба банди Б11Б нигаред).

(в) тавсифи ин омил, ки корхона чӣ тавр хавфи бозогирии ба уҳдадориҳои молиявӣ хосро, ки дар зербандҳои (а) ва (б) муқаррар шудаанд, идора менамояд.

## Хавфи бозорӣ

### *Таҳлили ҳассосият*

40 Ба истиснои ин маврид, агар корхона ба шартҳои банди 41 ҷавобгӯ бошад, пас бояд маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) таҳлили ҳассосият барои ҳар як намуди хавфи бозорӣ, ки корхона дар охири давраи ҳисоботӣ ба он дучор мешавад, нишон медиҳад, ки таъсир ба фоида ё зарар ва сармояи хусусӣ, ки дар натиҷаи тағйирёбии тағйирёбандаи хавфи дахлдор, ки ба таври асоснок имконпазир буданд, ба санаи зикршуда ба вуҷуд меоянд;

(б) усулҳо ва фарзияҳое, ки ҳангоми таҳияи таҳлили зерини ҳассосият истифода мешаванд; ва

(в) тағйироте, ки ба усулҳо ва фарзияҳои истифодашуда нисбат ба давраи қаблӣ ворид карда шудаанд ва сабабҳои чунин тағйирот.

41 Агар корхона таҳлили ҳассосиятро таҳия намояд, масалан дар асоси арзёбии хавфи нарх, ки вобастагии мутақобила байни тағйирёбандаҳои хавфро (масалан, меъёрҳои фоизнок ва қурби мубодилаи асъор) инъикос менамояд ва онро барои мақсадҳои идоракунии хавфи молиявӣ истифода намояд, корхона метавонад бар ивази дар банди 40 зикршуда таҳлили мазкури ҳассосиятро истифода намояд. Чунин корхона ҳамзамон бояд ифшо намояд:

(а) тавзеҳи усуле, ки ҳангоми таҳияи чунин таҳлили ҳассосият истифода мешавад, инчунин мушаххасот ва фарзияҳои асосии маълумоти пешниҳодшуда; ва

(б) шарҳи мақсади усули истифодашуда ва маҳдудиятҳое, ки метавонанд боиси пурра инъикос нагардидани арзиши одилонаи дороиҳо ва уҳдадориҳои дахлдор шаванд.

### *Ифшои дигар маълумот дар бораи хавфи бозорӣ*

42 Ҳангоме, ки таҳлили ҳассосияти тибқи бандҳои 40 ё 41 ифшогардида нишондиҳандаи хавфи хоси воситаи молиявӣ набошад (масалан, бо ин сабаб, агар дучоршавӣ ба хавф дар охири сол чунин

ҳолатро дар давоми сол инъикос накунад), корхона бояд чунин далел ва сабабро ифшо намояд, яъне итминон дорад, ки таҳлили мазкури ҳассосият нишондиҳанда ба ҳисоб намеравад.

## Интиқоли дороиҳои молиявӣ

42А Талаботи марбут ба ифшои маълумот, ки дар бандҳои 42Б-42Ё зикр шудааст, ба интиқоли дороиҳои молиявӣ алоқаманд мебошад ва дигар талаботи СБҲМ-и зеринро вобаста ба ифшои маълумот пурра менамояд. Корхона бояд тамоми маълумотеро, ки бандҳои 42Б-42Ё талаб менамоянд, дар як тавзеҳот ҳамчун қисми таркибии ҳисоботи молиявии худ пешниҳод намояд. Корхона бояд маълумоти талабшавандаро вобаста ба ҳама дороиҳои молиявии интиқолшуда, ки аз ҳисоб баровrepresentation нашудаанд ва барои ҳама гуна иштироки пайваста дар дороии интиқолшуда, ки ба санаи ҳисоботӣ мавҷуд мебошад, новобаста аз амалиёти интиқоли дахлдори дороии молиявӣ пешниҳод намояд. Барои мақсадҳои татбиқи талаботи ифшои маълумот, ки дар бандҳои 42Б-42Ё зикр шудааст, корхона ҳама қисмати дороии молиявӣ ё як ҷузъи онро (дорои молиявии интиқолшуда) интиқол намудааст, танҳо дар мавриде, агар он:

(а) ҳуқуқи пешбининамудаи шартномаро барои гирифтани маҷмуи воситаҳои пулӣ аз ин дороии молиявӣ интиқол додааст; ё

(б) ҳуқуқи пешбининамудаи шартномаро вобаста ба гирифтани маҷмуи воситаҳои пулӣ аз ин дороии молиявӣ нигоҳ медорад, аммо уҳдадории тибқи шартнома пешбинишударо вобаста ба пардохти маҷмуи воситаҳои пулии мазкур ба як ё якчанд гирандаи дар шартнома иштироккунанда ба дӯш гирифтааст.

42Б Корхона бояд маълумотеро ифшо намояд, ки ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявии он имкон медиҳад:

(а) муносибати байни дороиҳои молиявии интиқолшуда, ки эътирофи онҳо пурра қатъ карда нашудааст ва уҳдадориҳои дахлдорро дарк намоянд; ва

(б) хусусияти иштироки пайвастаи корхонаро дар дороиҳои молиявие, ки эътирофи онҳо қатъ шудааст ва хавфи марбут ба чунин иштирокро арзёбӣ намоянд.

42В Барои мақсадҳои татбиқи талаботи ифшои маълумот, ки дар бандҳои 42Ғ-42Ё зикр шудааст, корхона бояд иштироки худро дар дороии молиявии интиқолшуда идома диҳад, агар корхона дар доираи шартнома дар боби интиқол ҳама гуна ҳуқуқ ё уҳдадориҳои шартномавиро дар дороии интиқолшуда нигоҳ дорад ё ҳуқуқ ё уҳдадориҳои нави тибқи шартнома пешбинишудаи марбут бо дороии молиявии интиқолшударо ба даст оварад. Бо мақсади татбиқи талаботи ифшои маълумот, ки дар бандҳои 42Ғ-42Ё зикр шудааст, ҳолатҳои зерин мавҷудияти иштироки пайвастаро ифода наменамоянд:

(а) тасдиқот ва кафолатҳои муқаррарии марбут ба интиқоли беинсофона, инчунин мафҳумҳои “оқилона”, “софдилона” ва “поквиҷдон” будан, ки бар асари онҳо интиқоли дороии молиявӣ дар натиҷаи мурофиаи судӣ метавонад беэътибор дониста шавад;

(б) шартномаҳои форвардӣ, опсионӣ ва дигар шартномаҳо вобаста ба аз нав харидорӣ намудани дороии молиявии интиқолшуда, ки дар он нархи шартнома (ё нархи амалӣ) арзиши одилонаи дороии молиявии интиқолшуда ба ҳисоб меравад; ё

(в) шартномае, ки тибқи шартҳои он корхона ҳуқуқҳои шартномавии худро вобаста ба гирифтани маҷмуи воситаҳои пулӣ аз дороии молиявӣ ҳифз менамояд, вале уҳдадории шартномавии худро вобаста ба пардохти онҳо нисбат ба як ё якчанд корхонаҳо ба дӯш мегирад ва дар ин маврид шартҳои банди 3.2.5(а)- (в) СБҲМ 9 риоя карда мешаванд.

### Дороиҳои молиявии интиқолшуда, ки эътирофи онҳо пурра қатъ нагардидааст

42Г Ин ҳолат имконпазир мебошад, ҳангоме, ки корхона дороиҳои молиявиро тавре интиқол медиҳад, ки аксар дороиҳои молиявии интиқолшуда ё баъзе аз онҳо меъёрҳои қатъ намудани эътирофро қонеъ наменамоянд. Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои дар банди 42Б(а) зикршуда корхона бояд маълумоти зеринро дар ҳар як санаи ҳисоботӣ барои ҳар як гурӯҳи дороиҳои молиявии интиқолшуда, ки эътирофи онҳо пурра қатъ карда нашудааст, ифшо намояд:

(а) хусусияти дороиҳои интиқолшуда;

(б) хусусияти хавф ва манфиатҳои марбут ба соҳибмулкӣ ба дороиҳои интиқолшуда, ки корхона ҳифз менамояд;


© Фонди СБҲМ

(в) тавсифи хусусияти муносибати байни дороиҳои интиқолшуда ва уҳдадориҳои дахлдор, аз ҷумла, маҳдудиятҳо оид ба истифодаи дороиҳои интиқолшуда аз ҷониби корхонаи ҳисоботдиҳанда, ки дар натиҷаи интиқол ба вуҷуд меоянд;

(г) ҳангоме, ки контрагент(ҳо) аз рӯйи уҳдадориҳои дахлдор танҳо нисбат ба дороиҳои интиқолшуда дорои ҳуқуқи регресс мебошад, зарур аст ҷадвале пешниҳод гардад, ки дар он арзиши одилонаи дороиҳои интиқолшуда, арзиши одилонаи уҳдадориҳои дахлдор ва нетто-мавқеъ (фарқияти байни арзиши одилонаи дороиҳои додашуда ва уҳдадориҳои ба онҳо мувофиқ) нишон дода шавад;

(ғ) ҳангоме, ки корхона эътирофи тамоми дороиҳои интиқолшударо идома медиҳад, арзиши тавозунии дороиҳои интиқолшуда ва уҳдадориҳои дахлдори онҳо бояд ифшо гардад;

(д) ҳангоме, ки корхона эътирофи дороиҳоро то дараҷаи иштироки пайвастаи худ дар ин дороиҳо идома медиҳад (ба бандҳои 3.2.6(в)(ii) ва 3.2.16 СБҲМ 9 нигаред), зарур аст арзиши тавозунии дороиҳои аввалия бояд то фаро расидани интиқол, арзиши тавозунии дороиҳое, ки корхона эътирофи онро идома медиҳад ва арзиши тавозунии уҳдадориҳои дахлдори онҳо ифшо гардад.

## Дороиҳои молиявии интиқолшуда, ки эътирофи онҳо пурра қатъ гардидааст

42Ғ Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои дар банди 42Б(б) зикршуда корхонае, ки эътирофи дороиҳои молиявии интиқолшударо пурра қатъ менамояд (ба банди 3.2.6(а) ва (в)(i)-и СБҲМ 9 нигаред), аммо иштирокро дар онҳо идома медиҳад, бояд барои ҳар як намуди иштироки пайваста дар ҳар санаи ҳисоботӣ ҳадди аққал маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) арзиши тавозунии дороиҳо ва уҳдадориҳои дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявии корхона эътирофшуда, ки иштироки пайвастаи корхонаро дар дороиҳои молиявии қатъшуда инъикос менамоянд ва инчунин моддаҳои ҳисоботе, ки дар онҳо арзиши тавозунии ин дороиҳо ва уҳдадориҳо эътироф карда мешаванд.

(б) арзиши одилонаи дороиҳо ва уҳдадориҳое, ки иштироки пайвастаи корхонаро дар дороиҳои молиявие, ки аз эътибор соқит шудаанд, ифода менамоянд.

(в) маблағе, ки дучоршавии корхонаро ба хавфи бавуҷудоии зарар аз иштироки пайваста дар дороиҳои молиявие, ки эътирофашон қатъ гардидааст, беҳтар ифода менамояд ва маълумот дар бораи чӣ тавр муқаррар гардидани дучоршавии ҳадди ниҳоӣ ба зарар муқаррар карда мешавад.

(г) маҷмуи пулии тахфифнашуда, ки барои бозхаридани дороиҳои молиявии эътирофашон қатъшуда талаб карда мешавад ё метавонанд талаб карда шаванд (масалан, нархи иҷрои шартномаи опсионӣ) ё дигар маблағе, ки нисбат ба ин дороиҳо ба қабулкунандаи дороиҳои молиявии интиқолёфта пардохт карда мешавад. Агар маблағи хароҷот тағйирёбанда бошад, пас маблағи ифшошуда бояд дар асоси шартҳои ба ҳар як санаи ҳисоботӣ мавҷудбуда муқаррар карда шавад.

(ғ) таҳлили мӯҳлати бавуҷудоии маҷмуи пулии тахфифнашуда, ки барои бозхаридани дороиҳои молиявии эътирофашон қатъшуда ё дигар маблағе, ки бояд ба қабулкунанда нисбат ба ин дороиҳо ба қабулкунандаи дороиҳои молиявии интиқолёфта пардохта шавад, бо нишон мӯҳлати боқимондаи шартҳои боқимондаи шартномавии иштироки пайвастаи корхона дар дороиҳои мазкур талаб карда шудааст ё эҳтимолан талаб карда мешавад.

(д) маълумоти дорои хусусияти сифатӣ, ки маълумоти миқдории тибқи зербандҳои (а)-(д) ифшошударо тавзеҳ ва тасдиқ менамояд.

42Д Агар корхона дорои зиёда аз як намуди иштироки пайваста дар дороии молиявии эътирофаш қатъгардида бошад, пас метавонад маълумоти дар банди 42Ғ талабшударо дар робита бо дороии мазкур ҳамроҳ карда, онро дар доираи як намуди иштироки пайваста пешниҳод намояд.

42Е Илова бар ин, барои ҳар як намуди иштироки пайваста корхона бояд маълумоти зеринро ифшо намояд:

(а) фоида ё зараре, ки ба санаи интиқоли дороиҳои дахлдор эътироф шудааст;

(б) даромад ва хароҷоте, ки ҳам дар давраи ҳисоботӣ ва ҳам ба таври маҷмуӣ дар робита бо иштироки пайваста дар дороиҳои молиявии қатъгардида эътироф карда мешаванд (масалан, тағйирот дар арзиши одилонаи воситаи дериватившҳо);

(в) агар маблағи умумии воридот аз амалиёти марбут ба интиқоли дороиҳо (ки меъёрҳои қатъи эътирофро қонеъ менамоянд), ки дар давраи ҳисоботӣ ворид карда шудааст, дар давоми ин давраи ҳисоботӣ нобаробар тақсим шуда бошад (масалан, агар қисми муҳими ҳаҷми умумии амалиёти марбут ба интиқоли дороиҳо ба санаи охирини давраи ҳисоботӣ рост ояд), зарур аст инҳо нишон дода шаванд:

(i) дар кадом маврид дар доираи давраи ҳисоботӣ ҳаҷми амалиёти марбут ба интиқоли дороиҳо бештар буд (масалан, дар панҷ рӯзи охир то фаро расидани давраи ҳисоботӣ),

(ii) маблағи (масалан, фоида ё зарари дахлдор) дар натиҷаи амалиёти марбут ба интиқоли дороиҳо эътирофшуда, ки дар давоми ин қисмати давраи ҳисоботӣ ба даст оварда шудааст, ва

(iii) маблағи умумии даромад аз амалиёти марбут ба интиқоли дороиҳо дар давраи муайяни давраи ҳисоботӣ.

Корхона бояд ин маълумотро барои ҳар як даврае, ки ҳисобот дар бораи маҷмуи даромад пешниҳод карда мешавад, ифшо намояд.

### Маълумоти иловагӣ

42Ё Корхона бояд маълумоти иловагиеро, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои ифшои маълумоти дар банди 42Б зикршуда зарур мешуморад, ифшо намояд.

## Татбиқи аввалияи СБҲМ 9

42Ж Дар давраи ҳисоботӣ, ки санаи татбиқи аввалияи СБҲМ 9-ро дар бар мегирад, корхона бояд барои ҳар як гурӯҳи дороиҳои молиявӣ ва ухдадориҳои молиявӣ ба санаи татбиқи аввалия инҳоро ифшо намояд:

(а) гурӯҳи ибтидоии арзёбӣ ва арзиши тавозунӣ, ки тибқи СББМ 39 ё нашри қаблии СБҲМ 9 муқаррар шудааст (агар корхона ҷиҳати истифода бурдани СБҲМ 9 бо якчанд санаи татбиқи аввалия барои талаботи гуногун тасмим гирифта бошад);

(б) гурӯҳи нави арзёбӣ ва арзиши тавозунӣ, ки тибқи СБҲМ 9 муқаррар карда шудааст;

(в) маблағи дороиҳои молиявӣ ва ухдадориҳои молиявии дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ мавҷудбуда, ки қаблан тибқи салоҳдиди корхона ҳамчун арзиши одилона тавассути фоида ё зарар муқаррар шуда буданд, вале нисбат ба онҳо гурӯҳбандии зерин, бо тақсим намудан ба дороиҳо ва ухдадориҳои молиявие, ки тибқи СБҲМ 9 бояд аз нав гурӯҳбандӣ шаванд ва дороиҳо ва ухдадориҳои молиявие, ки корхона ба санаи татбиқи аввалия бо салоҳдиди худ мавриди азнавгурӯҳбандӣ қарор медиҳад, дигар татбиқ намегардад.

Тибқи банди 7.2.2 СБҲМ 9, вобаста аз равиши интихобкардаи корхона барои татбиқи СБҲМ 9, гузариш ба истифодаи СБҲМ 9 метавонад якчанд санаи татбиқи аввалияро дар назар дошта бошад. Мутаносибан, ин банд метавонад маълумотро дар бораи якчанд санаҳои татбиқи аввалия ифшо созад. Корхона бояд маълумоти миқдории мазкурро дар шакли ҷадвал ифшо намояд, агар танҳо қолаби дигари дахлдор мавҷуд набошад.

42З Дар давраи ҳисоботӣ, ки санаи татбиқи аввалияи СБҲМ 9-ро дар бар мегирад, корхона бояд маълумоти тавсифиеро ифшо намояд, ки ба истифодабарандагон имкон медиҳад инҳоро дарк намоянд:

(а) чӣ тавр корхона талаботи гурӯҳбандии СБҲМ 9-ро нисбат ба он дороиҳои молиявие, ки дар натиҷаи татбиқи СБҲМ 9 аз нав гурӯҳбандӣ шудаанд, татбиқ намудааст;

(б) сабабҳои гурӯҳбандии дороиҳои молиявӣ ё ухдадориҳои молиявӣ, ки тибқи салоҳдиди корхона ҳамчун аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ мегарданд ё ба санаи татбиқи аввалия бекор намудани чунин гурӯҳбандӣ.

Тибқи банди 7.2.2 СБҲМ 9, вобаста аз равиши интихобкардаи корхона барои татбиқи СБҲМ 9, гузариш ба истифодаи стандарт метавонад якчанд санаи татбиқи аввалияро дар назар дошта бошад. Мутаносибан, ин банд метавонад боиси ифшои маълумот дар боби якчанд санаҳои татбиқи аввалия гардад.

42И Дар ҳамон давраи ҳисоботӣ, ки дар он корхона бори аввал талаботи СБҲМ 9-ро нисбат ба гурӯҳбандӣ ва арзёбии дороиҳои молиявӣ татбиқ менамояд (яъне ҳангоме, ки корхона дар қисмати

дороиҳои молиявӣ аз СББМ 39 ба СБҲМ 9 мегузарад), он бояд маълумоти дар банди 42Й-42Л-и Стандарти мазкур зикршударо, чӣ тавре, ки онро банди 7.2.15 СБҲМ 9 талаб менамояд, ифшо намояд.

42Ӣ Агар инро банди 42И талаб намояд, пас ба санаи татбиқи аввалияи СБҲМ 9 корхона бояд маълумотро дар бораи тағйирот дар гурӯҳбандии дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявӣ бо нишон додани инҳо дар алоҳидагӣ ифшо намояд:

(а) тағйироти арзиши тавозунии дар мутобиқат бо гурӯҳҳои арзёбӣ муқарраргардида, ки нисбат ба онҳо СББМ 39 алоқаманд мебошад (яъне асосҳои арзёбӣ, ки ҳангоми гузариш ба СБҲМ 9 бо тағйирот қайду шарт нашудаанд; ва

(б) тағйироти арзиши тавозунӣ, ки натиҷаи тағйироти асосҳои арзёбӣ ҳангоми гузариш ба СБҲМ 9 мебошад.

Маълумоте, ки ифшои он дар ин банд талаб карда мешавад, эҳтимолан пас аз давраи ҳисоботии солона пешниҳод нагардад, ки дар он корхона бори аввал талаботи марбут ба гурӯҳбандӣ ва арзёбии дороиҳои молиявиро дар СБҲМ 9 татбиқ менамояд.

42Й Агар ин омил тибқи банди 42И талаб карда шавад, корхона бояд маълумоти зеринро дар бораи дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявие, ки аз нав гурӯҳбандӣ шудаанд, ифшо намояд, то ки онҳо дар натиҷаи гузариш ба СБҲМ 9 аз рӯйи арзиши истеҳлок арзёбӣ гарданд ва дар мавриди дороиҳои молиявӣ - дар бобати он дороиҳои молиявие, ки аз гурӯҳи ҳамчун аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбишаванда ҳамчунон аз нав гурӯҳбандӣ шаванд, то онҳо бо арзиши одилона тавассути дигар маҷмуи даромад арзёбӣ гарданд:

(а) арзиши одилонаи ин дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявӣ ба охири давраи ҳисоботӣ; ва

(б) фоида ё зарар аз тағйирот дар арзиши одилона, ки дар таркиби фоида ё зарар ё дигар маҷмуи даромад дар давраи ҳисоботӣ эътироф мешуд, агар дороиҳои молиявӣ ё уҳдадориҳои молиявии мазкур аз нав гурӯҳбандӣ намешуданд.

Ифшои маълумоте, ки банди мазкур талаб менамояд, пас аз давраи ҳисоботии солона, ки дар он корхона бори аввал талаботро дар робита бо азнавгурӯҳбандӣ ва арзёбии дороиҳои молиявӣ дар доираи СБҲМ 9 татбиқ менамояд, пешниҳод карда намешавад.

42К Агар инро банди 42И талаб намояд, пас корхона бояд маълумоти зеринро дар бораи дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявие, ки дар натиҷаи гузариш ба СБҲМ 9 аз гурӯҳи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар азнавгурӯҳбандӣ шудаанд, ифшо намояд:

(а) меъёри фоизноки самарабахш, ки ба санаи татбиқи аввалия муқаррар шудааст; ва

(б) даромад аз фурӯш ё хароҷоти фоизноки эътирофшуда.

Агар корхона арзиши одилонаи дороии молиявӣ ё уҳдадориҳои молиявиро ҳамчун арзиши тавозунии нави он ба санаи татбиқи аввалия баррасӣ намояд (ба банди 7.2.11 СБҲМ 9 нигаред), пас ифшои маълумоте, ки банди мазкур талаб менамояд, бояд барои ҳар як давраи ҳисоботӣ, то ҳадди қатъёбии эътирофи ин дороиҳои молиявӣ ё уҳдадориҳои молиявӣ пешниҳод карда шавад. Дар акси ҳол, маълумоте, ки ифшои онро ин банд талаб мекунан, пас аз давраи ҳисоботӣ, ки дар он корхона бори аввал талаботи гурӯҳбандӣ ва арзёбии дороиҳои молиявиро дар доираи СБҲМ 9 татбиқ менамояд, пешниҳод карда намешавад.

42Қ Агар корхона маълумоти талабнамудаи бандҳои 42И-42Қ-ро ифшо намояд, пас он маълумот ва иттилооте, ки тибқи банди 25-и Стандарти мазкур ифшо шудааст, бояд дар муқоисаи байни инҳо мусоидат намоянд:

(а) гурӯҳҳои арзёбӣ тибқи СББМ 39 ва СБҲМ 9; ва

(б) гурӯҳҳои воситаҳои молиявӣ ба санаи татбиқи аввалия.

42Л Ба санаи татбиқи аввалияи банди 5.5-и СБҲМ 9 корхона бояд маълумотеро ифшо намояд, ки муқоисаи захираҳои арзёбишавандаи таҳти бекурбшавиро тибқи СББМ 39 ва уҳдадориҳои арзёбишавандаро тибқи СББМ 37 дар охири давра бо захираҳои арзёбишавандаи таҳти бекурбшавиии ибтидои давра, ки тибқи СБҲМ 9 муқаррар шудааст, ифшо намояд. Дар мавриди дороиҳои молиявӣ зарур аст чунин маълумот аз рӯйи гурӯҳҳои дахлдори арзёбии дороиҳои молиявӣ тибқи СББМ 39 ва СБҲМ 9 бо инъикоси алоҳидаи таъсири тағйирот дар гурӯҳи арзёбии захираҳои арзбишавандаи таҳти зарар дар ин сана, ифшо гардад.

42М Дар давраи ҳисоботӣ, ки санаи татбиқи аввалияи СБҲМ 9-ро дар бар мегирад, корхона уҳдадор намебошад, ки маблағи моддаҳои ҳисоботиро, ки мувофиқи талаботи гурӯҳбандӣ ва арзёбӣ дар инҳо ба эътибор гирифта мешаванд (аз ҷумла, талабот вобаста ба арзёбии арзиши истеҳлоки дороиҳои молиявӣ ва бекурбшавии бандҳои 5.4 ва 5.5 СБҲМ 9), ифшо намояд:

(а) СБҲМ 9 барои давраҳои қаблӣ; ва

(б) СББМ 39 барои давраи ҷорӣ.

42Н Тибқи банди 7.2.4 СБҲМ 9, агар ба санаи татбиқи аввалия барои корхона арзёбӣ намудани унсури дигаргунсозишуда и арзиши муваққатии пул мувофиқи бандҳои Б4.1.9Б - Б4.1.9Г СБҲМ 9 (чуноне, ки ин истилоҳ дар СББМ 8 муқаррар шудааст), дар асоси далелҳо ва ҳолатҳое, ки ҳангоми эътирофи аввалияи дороии молиявӣ ҷой доштанд, ғайриимкон бошад, корхона бояд хусусиятҳои маҷмуи пули тибқи шартнома пешбинишудаи дороии молиявиро бе назардошти талаботи бандҳои Б4.1.9Б-Б4.1.9Г СБҲМ 9 дар робита ба дигаргунсозии унсури муваққатии арзиши пул арзёбӣ намояд. Корхона бояд арзиши тавозунии он дороиҳои молиявиро ба санаи ҳисоботӣ ифшо намояд, ки хусусиятҳои тибқи шартнома пешбинишудаи маҷмуи пулӣ барои онҳо дар асоси далелҳо ва ҳолатҳое арзёбӣ мегарданд, ки ҳангоми эътирофи аввалияи дороии молиявӣ, бе назардошти талаботи бандҳои Б4.1.9Б-Б4.1.9Г СБҲМ 9 дар робита бо дигаргунсозии унсури арзиши муваққатии пул, то он мавриде, ки эътирофи чунин дороиҳо қатъ нагардида бошад, ҷой доштанд.

42О Дар мутобиқат бо банди 7.2.5-и СБҲМ 9, агар ба санаи татбиқи аввалия барои корхона (чуноне, ки ин муҳлат дар СББМ 8 муқаррар шудааст) арзёбӣ намудани он, ки оё арзиши одилонаи шарти пардохти фаврӣ тибқи банди Б4.1.12(в) СБҲМ 9 дар асоси далелҳо ва ҳолатҳои эътирофи аввалияи дороии молиявӣ амалан ғайриимкон бошад, корхона бояд хусусиятҳои маҷмуи пулии тибқи шартнома пешбинишудаи дороии молиявиро дар асоси далелҳо ва ҳолатҳои эътирофи аввалияи дороии молиявӣ, бидуни ба эътибор гирифтани истиснои шартҳои ҳисоббаробаркуниҳои пеш аз муҳлат, ки дар банди Б4.1.12 СБҲМ 9 зикр шудааст, арзёбӣ намояд. Корхона бояд арзиши тавозуниро ба санаи ҳисоботӣ барои он дороиҳои молиявие, ки хусусиятҳои маҷмуи пулӣ аз рӯйи онҳо дар асоси далелҳо ва ҳолатҳо арзёбӣ гардидаанд, ифшо намояд, ки ҳангоми эътирофи аввалияи дороии молиявӣ, бе назардошти талаботи банди Б4.1.12-и СБҲМ 9, дар робита бо шартҳои пардохти фаврӣ то мавриди қатъ гардидани эътирофи чунин дороиҳо мавҷуд буд.

## Санаи эътибор пайдо намудан ва муқаррароти интиқолӣ

43 Корхона бояд Стандарти мазкурро барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2007 ё пас аз ин сана оғоз мешаванд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона Стандарти мазкурро нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.

44 Агар корхона Стандарти мазкурро барои давраҳои солона, ки то 1 январи соли 2006 оғоз мешаванд, истифода намояд, пас он уҳдадор намебошад маълумоти муқоисавиро вобаста ба маълумот, ки ифшои он тибқи бандҳои 31–42 талаб гардида, хусусият ва дараҷаи хавфи марбут ба воситаҳои молиявиро дар бар мегирад, пешниҳод намояд.

44А Ба СББМ 1 (соли 2007 аз нав дида баромада шудааст), ба қисмати истилоҳоте, ки дар Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ истифода мешаванд, тағйирот ворид карда шудааст. Ба ғайр аз ин, ба бандҳои 20, 21, 23(в) ва (г), 27(в) ва банди Б5 Замимаи Б тағйирот ворид гардидааст. Корхона бояд ин ислоҳотро барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2009 ё пас аз ин сана оғоз мешаванд, татбиқ намояд. Агар корхона СББМ 1-ро (соли 2007 аз нав дида баромада шудааст) нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, ин тағйирот бояд нисбат ба ҳамон давра татбиқ карда шавад.

44Б Аз СБҲМ 3 (соли 2008 аз нав дида баромада шудааст) банди 3(в) хориҷ карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро барои давраҳои солона, ки аз 1 июли соли 2009 ё пас аз ин сана оғоз мегарданд, татбиқ намояд. Агар корхона СБҲМ 3-ро (соли 2008 аз нав дида баромада шудааст) нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, ислоҳот бояд нисбат ба ҳамон давра татбиқ карда шавад. Аммо ин ислоҳот нисбат ба подоши шартие, ки дар доираи муттаҳидсозии тиҷорат ба вуҷуд меояд, татбиқ намегардад, ки санаи ба даст овардани он аз санаи оғози татбиқи СБҲМ 3 (соли 2008 аз нав дида баромада шудааст) пештар мебошад. Бар ивази ин, корхона бояд чунин ҷубронпулиро тибқи бандҳои 65А-65Ғ СБҲМ 3 (соли 2010 аз нав дида баромада шудааст) ба эътибор гирад.

44В Корхона бояд тағйироти дар банди 3 воридгардидаро барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2009 ё пас аз ин сана оғоз мешаванд, истифода намояд. Агар корхона ҳуҷҷати *“Воситаҳои молиявӣ бо ҳуқуқи фурӯши баръакс ва уҳдадориҳое, ки ҳангоми барҳамдиҳӣ ба вуҷуд меоянд”* (тағйирот ба СББМ 32 ва СББМ 1)-ро, ки моҳи феврали соли 2008 интишор шудаанд, нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, пас ислоҳоти дар банди 3 воридшуда нисбат ба чунин давраи пештар татбиқ карда мешавад.

44Г Тавассути ҳуҷҷати *“Беҳтарсозии СБҲМ*, ки моҳи майи соли 2008 интишор шудааст, ба банди 3(а) тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2009 ё пас аз ин сана оғоз мегарданд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона тағйироти мазкурро барои давраи пештар татбиқ намояд, пас бояд чунин

далелро ифшо намояд ва нисбат ба давраи пештар тағйиру иловаҳои моҳи майи соли 2008 ба банди 1-и СББМ 28, банди 1-и СББМ 31 ва банди 4-и СББМ 32 воридгардидаро татбиқ намояд. Ба корхона иҷозат дода мешавад, ки ин тағйиротро ба таври оияндабинӣ истифода намояд.

44Ғ [Соқит шудааст]

44Д [Соқит шудааст]

44Е Тавассути ҳуҷҷати *"Такмилдиҳии маълумоти ифшошаванда дар бораи воситаҳои молиявӣ"* (тағйирот ба СБҲМ 7), ки моҳи марти соли 2009 интишор шудааст, ба бандҳои 27, 39 ва Б11 тағйирот ворид карда шуда, бандҳои 27А, 27Б, Б10А ва Б11А-Б11Д илова гардидаанд. Корхона бояд ин тағйиротро барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2009 ё пас аз ин сана оғоз мешаванд, татбиқ намояд. Корхона уҳдадор нест, ки маълумоти тибқи ин ислоҳот дархостшавандаро дар робита бо инҳо ифшо намояд:

(а) давраи солона ё фосилавӣ, аз ҷумла, ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ, ки дар доираи давраи муқоисавии солона, ки то 31 декабри соли 2009 ба охир мерасад, пешниҳод карда мешавад; ё

(б) ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ ба аввали давраи муқоисавӣ, агар ин сана то 31 декабри соли 2009 фаро расад.

Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона ислоҳотро нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.[1]

44Ё-44З [Соқит шудаанд]

44И Ба банди 44Б тавассути ҳуҷҷати *"Такмилдиҳии СБҲМ"*, ки моҳи майи соли 2010 нашр шудааст, тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро барои давраҳои солона, ки аз 1 июли соли 2010 ё пас аз ин сана оғоз мешаванд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад.

44Ӣ Тавассути ҳуҷҷати *"Такмилдиҳии СБҲМ"*, ки моҳи майи соли 2010 интишор шудааст, ба банди 32А ва бандҳои 34 ва 36–38 тағйирот ворид карда шудааст. Агар корхона ислоҳотро дар давраи пештар татбиқ намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона тағйиру иловаҳоро барои давраи барвақт татбиқ намояд, он бояд ин фактро ошкор намояд.

44Й Тавассути ҳуҷҷати *"Ифшои маълумот - интиқоли дороиҳои молиявӣ"* (тағйирот ба СБҲМ 7), ки моҳи октябри соли 2010 нашр шудааст, банди 13 хориҷ гардида, бандҳои 42А-42Ё ва Б29-Б39 илова карда шудаанд. Корхона бояд ин тағйиротро барои давраҳои солона, ки аз 1 июли соли 2011 ё пас аз ин сана оғоз мегарданд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона татбиқи ин ислоҳотро пештар шурӯъ намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд. Корхона уҳдадор нест, ки маълумоти тибқи ислоҳоти мазкур дархостшударо дар робита бо давраи пешниҳодшуда, ки то санаи татбиқи аввалини ислоҳоти зерин оғоз мешавад, ифшо намояд.

44К [Соқит шудааст]

44Қ Ба СБҲМ 10 ва СБҲМ 11 *"Соҳибкории муштарак"*, ки моҳи майи соли 2011 нашр шудаанд, ба банди 3 тағйирот ворид карда шудаст. Корхона бояд ин ислоҳотро дар баробари татбиқи СБҲМ 10 ва СБҲМ 11 татбиқ намояд.

44Л Ба СБҲМ 13, ки моҳи майи соли 2011 нашр шудааст, ба бандҳои 3, 28 ва 29 ва Замимаи А ислоҳот ворид гардида, бандҳои 27-27Б хориҷ карда шудаанд. Корхона бояд ин тағйиротро дар баробари татбиқи СБҲМ 13 татбиқ намояд.

44М Тавассути ҳуҷҷати *"Пешниҳоди моддаҳои дигар маҷмуи даромад"* (тағйирот ба СББМ 1), ки моҳи июни соли 2011 нашр шудааст, ба банди 27Б тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин ислоҳотро дар баробари татбиқи СББМ 1, бо назардошти ислоҳоти моҳи июни соли 2011 анҷомёфта, татбиқ намояд.

44Н Тавассути ҳуҷҷати *"Ифшои маълумот - ҳисоббаробарии дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявӣ"* (тағйирот ба СБҲМ 7), ки моҳи декабри соли 2011 нашр шудааст, бандҳои 13А-13Д ва Б40-Б53 илова карда шудаанд. Корхона бояд ин тағйиротро барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2013 ё пас аз ин сана оғоз мешаванд, татбиқ намояд. Корхона бояд маълумотеро, ки талаботи ислоҳоти мазкур пешбинӣ менамояд, ба таври оияндабинӣ ифшо намояд.

---

[1] Дар банди 44Е аз натиҷаи нашри ҳуҷҷати *"Озодкунии маҳдуд аз ифшои маълумоти муқоисавӣ тибқи СБҲМ 7 барои корхонаҳое, ки бори аввал СБҲМ-ро татбиқ менамоянд"* (ислоҳот ба СБҲМ 1) моҳи январи соли 2010 тағйирот ворид карда шудааст. Шуро ба банди 44Е бо мақсади равшан намудани хулоса ва тамоюли худ дар робита бо муқаррароти интиқолӣ, ки тавассути ҳуҷҷати *"Такмилдиҳии маълумоти ифшошаванда дар бораи воситаҳои молиявӣ"* (тағйирот ба СБҲМ 7) пешбинӣ гардидааст, тағйирот ворид намудааст.

© Фонди СБҲМ 

44О-44Т [Соқит шудаанд]

44У Тавассути ҳуҷҷати *“Корхонаҳои сармоягузорӣ”* (тағйирот ба СБҲМ 10, СБҲМ 12 ва СББМ 27), ки моҳи октябри соли 2012 нашр шудааст, ба банди 3 тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд ислоҳоти зеринро барои давраҳои солона, ки аз 1 январи сол 2014 ё пас аз ин сана оғоз мешаванд, татбиқ намояд. Татбиқи фаврии *“Корхонаи сармоягузорӣ”* иҷозат дода мешавад. Агар корхона ислоҳоти зикршударо ба таври фаврӣ татбиқ намояд, корхона ҳамзамон ҳамроҳи он бояд ҳама тағйиру иловаҳои ба ҳуҷҷати “Корхонаи сармоягузорӣ” пешбинишударо низ татбиқ намояд.

44Ӯ [Соқит шудааст]

44Ф Ба СБҲМ 9, ки моҳи июли соли 2014 нашр шудааст, ба бандҳои 2-5, 8 -11, 14, 20, 28-30, 36, 42В-42Ғ, Замимаи А ва бандҳои Б1, Б5, Б9, Б10, Б22 ва Б27 тағйирот ворид карда шуда, бандҳои 12, 12А, 16, 22 - 24, 37, 44Ғ, 44Д, 44Ё – 44З, 44Қ, 44П – 44У, 44Ф, Б4 ва Замимаи Г хориҷ карда шуданд, инчунин бандҳои 5А, 10А, 11А, 11Б, 2А, 12Б-12Г, 16А, 20А, 21А – 21Г, 22А – 22В, 23А – 23Д, 24А – 24Е, 35А – 35Қ, 42Ж – 42П, 44ХА ва Б8А - Б8З илова гардиданд. Корхона бояд ин тағйиротро дар баробари татбиқи СБҲМ 9 татбиқ намояд. Тағйироти мазкур набояд нисбат ба маълумоти муқоисавӣ, ки барои давраҳои то санаи татбиқи аввалияи СБҲМ 9 пешниҳод карда мешавад, татбиқ гардад.

44ФА Тибқи банди 7.1.2-и СБҲМ 9, барои давраҳои солонаи ҳисоботӣ, ки то санаи 1 январи соли 2018 оғоз мешаванд, корхона ҳуқуқ дорад дар бораи татбиқи фаврии танҳо талаботи марбут ба пешниҳоди фоида ё зарар аз рӯйи уҳдадориҳои молиявӣ қарор қабул намояд. Уҳдадориҳои молиявии мазкур тибқи салоҳдиди корхона ҳамчун аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарари бо бандҳои 5.7.1(в), 5.7.7-5.7.9, 7.2.14 ва Б5.7.5-Б5.7.20 СБҲМ 9 муқарраршуда арзёбӣ гардида, бидуни татбиқи тамоми талаботи дигари СБҲМ 9 мавриди гурӯҳбандӣ қарор гирифтаанд. Агар корхона танҳо вобаста ба татбиқи ин бандҳои СБҲМ 9 қарор қабул намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд ва маълумоти дахлдорро, ки дар бандҳои 10-11-и Стандарти мазкур (бо назардошти ислоҳоти СБҲМ соли 2010) зикр ёфтааст, ба таври доимӣ ифшо намояд.

44АА Тавассути ҳуҷҷати *“Такмилдиҳии ҳарсолаи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ барои давраи солҳои 2012-2014”*, ки моҳи сентябри соли 2014 нашр шудааст, ба бандҳои 44О ва Б30 тағйирот ворид карда шуда, банди Б30А илова гардидааст. Корхона бояд ин ислоҳотро ба таври ояндабинӣ тибқи СББМ 8 *“Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар арзёбии муҳосибӣ ва хатоҳо”* барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2016 ё пас аз ин сана оғоз мешаванд, татбиқ намояд, ба истиснои ин далел, корхона уҳдадор намебошад, ки тағйиротро нисбат ба бандҳои Б30 ва Б30А дар робита бо ҳама давраи дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳодшаванда татбиқ намояд, ки ин давра то давраи солонае оғоз меёбад, ки корхона ин ислоҳотро бори аввал истифода менамояд. Татбиқи пеш аз мӯҳлати ислоҳот нисбат ба бандҳои 44О, Б30 ва Б30А иҷозат дода мешавад. Агар корхона ислоҳотро нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.

44ББ Тавассути ҳуҷҷати *“Ташаббус дар соҳаи ифшои маълумот”* (тағйирот ба СББМ 1), ки моҳи декабри соли 2014 нашр шудааст, ба бандҳои 21 ва Б5 тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2016 оғоз мешаванд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз мӯҳлати ислоҳоти мазкур иҷозат дода мешавад.

44ВВ Ба СБҲМ 16 *“Иҷора”*, ки моҳи январи соли 2016 нашр шудааст, ба бандҳои 29 ва Б11Г-ро тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро дар баробари татбиқи СБҲМ 16 мавриди татбиқ қарор диҳад.

44ГГ Ба СБҲМ 17, ки моҳи майи соли 2017 нашр шудааст, ба бандҳои 3,8 ва 29 тағйирот ворид карда шуда, банди 30 хориҷ гардидааст. Тавассут ҳуҷҷати *“Тағйирот ба СБҲМ 17”*, ки моҳи июни соли 2020 интишор шудааст, ба банди 3 ислоҳоти иловагӣ ворид карда шудааст. Корхона бояд ин ислоҳотро дар баробари татбиқи СБҲМ 17 мавриди татбиқ қарор диҳад.

44ҒҒ Тавассути ҳуҷҷати *“Ислоҳоти меъёри фоизноки асосӣ”*, ки моҳи сентябри соли 2019 нашр гардида, ба СБҲМ 9, СББМ 39 ва СБҲМ 7 тағйирот ворид намудааст, бандҳои 24Ё ва 44ГД илова карда шудааст. Корхона бояд тағйироти мазкурро дар баробари татбиқи тағйирот ба СБҲМ 9 ё СББМ 39 мавриди татбиқ қарор диҳад.

44ДД Дар давраи ҳисоботие, ки корхона бори аввал ҳуҷҷати *“Ислоҳоти меъёри фоизноки асосӣ”*-ро, ки моҳи сентябри соли 2019 нашр гардидааст, татбиқ менамояд, уҳдадор намебошад, ки маълумоти миқдории талабнамудаи банди 28(д) СБММ 8 *“Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар арзёбии муҳосибӣ ва хатоҳо”*-ро пешниҳод намояд.

44ЕЕ Тавассути ҳуҷҷати *“Ислоҳоти меъёри фоизноки асосӣ - марҳилаи 2”*, ки моҳи августи соли 2020 нашр шудааст, ба СБҲМ 9, СББМ 39, СБҲМ 7, СБҲМ 4 ва СБҲМ 16 тағйирот ворид карда шуда, бандҳои 24Ж – 24З ва 44ЁЁ илова гардидаанд. Корхона бояд ислоҳоти мазкурро дар баробари татбиқи ислоҳот нисбат ба СБҲМ 9, СББМ 39, СБҲМ 4 ё СБҲМ 16 мавриди татбиқ қарор диҳад.


© Фонди СБҲМ

44ЁЁ Дар давраи ҳисоботӣ, ки дар он корхона бори аввал ҳуҷҷати *“Ислоҳоти меъёри фоизноки асосӣ - марҳилаи 2*”-ро татбиқ менамояд, корхона уҳдадор нест, ки маълумоти тибқи банди 28(д)-и СББМ 8 талабшавандаро ифшо намояд.

44ЖЖ Тавассути ҳуҷҷати **“Ифшои маълумот дар бораи сиёсати баҳисобгирӣ”**, ки моҳи феврали соли 2021 нашр шуда, ба СББМ 1 ва Дастури амалии №2 вобаста ба татбиқи СБҲМ *“Ташаккулёбии мулоҳиза дар бораи муҳимият”* ислоҳот ворид гардидааст, ба бандҳои 21 ва Б5 тағйирот ворид карда шудааст. Корхона бояд ин тағйиротро барои давраҳои солона, ки аз 1 январи соли 2023 ё пас аз ин сана оғоз мешаванд, татбиқ намояд. Татбиқи пеш аз муҳлат иҷозат дода мешавад. Агар корхона ислоҳотро нисбат ба давраи пештар татбиқ намояд, пас бояд чунин далелро ифшо намояд.

## Қатъёбии амали СББМ 30

45 Стандарти мазкур СББМ 30 *“Ифшои маълумот дар ҳисоботи молиявии бонкҳо ва институтҳои молиявии ҳаммонанд”*-ро иваз менамояд.

# Замимаи А
# Муқаррароти истилоҳот

*Замимаи мазкур қисми ҷудонашавандаи Стандарти мазкур маҳсуб меёбад.*

| | |
|---|---|
| **Хавфи қарзӣ** | Хавфест, ки яке аз тарафҳои воситаи молиявӣ бинобар иҷро накардани уҳдадориҳои тарафи дигар ба зарари молиявӣ дучор мешавад. |
| **Сатҳи радабандии хавфи қарзӣ** | Радабандии хавфи қарзӣ дар асоси хавфи бавуҷудоии муфлисшавии воситаи молиявӣ |
| **Хавфи асъорӣ** | Хавфест, ки арзиши одилонаи воситаҳои пулии минбаъдаи он бинобар тағйирёбии қурби асъор ба номуназзамӣ дучор мешаванд. |
| **Хавфи фоизӣ** | Хавфест, ки арзиши одилонаи воситаи молиявӣ ё воситаҳои пулии минбаъда вобаста ба тағйирёбии меъёрҳои фоизноки бозорӣ ба номуназзамӣ дучор мешаванд. |
| **Хавфи бозоргирӣ** | Хавфи он, ки дар корхона, ҳангоми иҷрои уҳдадориҳо метавонад мушкилии бо уҳдадориҳои молиявӣ алоқаманд, ки ҳисоббаробариро бо воситаҳои пулӣ ё дигар дороии молиявӣ талаб менамояд, ба вуҷуд ояд. |
| **Қарзи ҷалбшуда** | Қарзи ҷалбшуда - уҳдадориҳои молиявиеро ифода менамояд, ки аз қарзи кредитории кутоҳмуддати тиҷоратӣ, ки тибқи он батаъхиргузории пардохт аз муҳлати муқаррарии қарзи тиҷоратӣ зиёд намебошад, фарқ менамояд. |
| **Хавфи бозорӣ** | Хавфест, ки арзиши одилонаи воситаи молиявӣ ё воситаҳои пулии минбаъдаи он вобаста ба тағйирёбии нархҳои бозорӣ ба номуназзамӣ дучор мешаванд. Хавфи бозорӣ се намуди хавфро дар бар мегирад: **хавфи асъорӣ, хавфи фоизнок** ва дигар **хавфи нарх.** |
| **Дигар хавфи нарх** | Хавфест, ки тағйирёбии арзиши одилонаи воситаҳои пулии минбаъдаи он аз сабаби тағйирёбии нархҳои бозорӣ ба номуназзамӣ дучор мешаванд (ба истиснои он воситаи молиявӣ ё маҷмуи пулӣ, ки ба **хавфи фоизнок ё хавфи асъорӣ** алоқаманд мебошанд), новобаста аз он, ки ин тағйирот тавассути омилҳое, ки танҳо барои як воситаи муайяни молиявӣ ё эмитенти он ё омилҳое, ки ба ҳама воситаҳои молиявии ҳаммонанди дар бозор мавриди гардишбуда хос мебошад, ба вуҷуд омадаанд. |

Муқаррароти истилоҳоти зерин дар банди 11-и СББМ 32, банди 9-и СББМ 39, Замимаи А-и СБҲМ 9 ё Замимаи А-и СБҲМ 13 муқаррар карда шудаанд ва дар Стандарти мазкур бо маънои дар СББМ 32, СББМ 39, СБҲМ 9 ва СБҲМ 13 зикршуда истифода мешаванд:

- арзиши истеҳлоки дороии молиявӣ ё уҳдадории молиявӣ
- дороии шартномавӣ
- дороиҳои молиявии қарзӣ ва беқурбшуда
- қатъи эътироф
- дериватив
- суди саҳмияҳо
- усули меъёри фоизоки самарабахш
- воситаи ҳиссавӣ
- зарари эҳтимолии қарз
- арзиши одилона
- дороии молиявӣ
- шартномаи кафолати молиявӣ
- воситаи молиявӣ
- уҳдадории молиявӣ

 © Фонди СБҲМ

- уҳдадории молиявие, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ мегардад
- амалиёти пешгӯикунанда
- арзиши тавозунии умумии дороии молиявӣ
- воситаи ҳедҷинамоӣ
- барои тиҷорат пешбинишуда
- фоида ё зарар аз беқурбшавӣ
- захираи арзёбишудаи таҳти зарар
- дорои муҳлати гузашта
- дороиҳои молиявии қарзӣ ва беқурбшудаи бунёдшуда ва бадастовардашуда
- санаи азнавгурӯҳбандӣ
- харид ё фурӯш бо шартҳои стандартӣ.

# Замимаи Б
# Дастур барои татбиқ

*Замимаи мазкур қисми ҷудонашавандаи СБҲМ-и зерин маҳсуб меёбад.*

## Гурӯҳҳои воситаҳои молиявӣ ва сатҳи тафсилоти ҷузъии маълумоти ифшошаванда (банди 6)

Б1 Банди 6 талаб менамояд, ки корхона воситаҳои молиявиро мувофиқи хусусияти маълумоти ифшошаванда ва бо назардошти хусусиятҳои ин воситаҳои молиявӣ гурӯҳбандӣ намояд. Гурӯҳҳое, ки дар банди 6 тавсиф шудаанд, аз ҷониби корхона муқаррар гардида, ҳамин тариқ аз гурӯҳҳои воситаҳои молиявӣ, ки дар СБҲМ 9 пешбинӣ гардидаанд, фарқ менамоянд (онҳо муқаррар менамоянд, ки воситаҳои молиявӣ чӣ тавр арзёбӣ мегарданд ва тағйирот дар арзиши одилона дар кадом мавқеъ эътироф карда мешаванд).

Б2 Ҳангоми муқаррар намудани гурӯҳҳои воситаҳои молиявӣ корхона бояд ҳадди аққал:

(а) дар байни воситаҳое, ки бо арзиши истеҳлок арзёбӣ гардидаанд ва воситаҳое, ки бо арзиши одилона арзёбӣ гардидаанд, фарқ гузорад;

(б) он воситаҳои молиявиеро, ки ба доираи татбиқи Стандарти мазкур дохил намешаванд, ҳамчун гурӯҳ ё гурӯҳҳои алоҳида ба эътибор гирад.

Б3 Корхона дар асоси шароити хусусӣ тасмим мегирад, ки ифшои он бояд то чӣ андоза муфассал бошад, то талаботи Стандарти мазкур, дар бораи аҳамияти ҷанбаҳои гуногуни ин талабот ва сатҳи зарурии муттаҳидшудаи маълумот барои нишон додани тасвири умумӣ бидуни муттаҳидсозии иттилооти зерини дорои хусусиятҳои гуногун иҷро гардад. Зарур аст мувозинати байни ҳисоботи молиявии пур аз иттилоот, ки барои истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ муфид намебошанд ва аз ҳад зиёд муттаҳидшудаанд, ки маълумоти муҳимро пинҳон менамоянд, ошкор карда шавад. Масалан, корхона набояд маълумоти муҳимро бо омехта намудани он байни миқдори зиёди тафсилоти ғайримуҳим пинҳон намояд. Ба ҳамин монанд, корхона набояд маълумоти умумиро ифшо намояд, ки он дорои хусусиятҳои муҳим мебошад ва имкон намедиҳад, ки фарқияти зарури байни амалиёти алоҳида ё хавфи бо он алоқаманд дида шавад.

Б4 [Соқит шудааст]

## Ифшои маълумоти дигар – сиёсати баҳисобгирӣ (банди 21)

Б5 Банди 21 ифшои маълумоти муҳимро дар бораи сиёсати баҳисобгирӣ талаб менамояд, ки интизор меравад, маълумот дар бораи манбаъ(ҳо)-и арзёбии воситаҳои молиявии ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ истифодашавандаро дар бар гирад. Барои воситаҳои молиявӣ, чунин ифшо метавонад дар бар мегирад:

(а) барои уҳдадориҳои молиявие, ки тибқи салоҳдиди корхона ҳамчун аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарари арзёбишаванда гурӯҳбандӣ шудаанд:

- (i) маълумот дар бораи хусусияти уҳдадориҳои молиявие, ки корхона тибқи салоҳдиди худ ҳамчун аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарари арзёбишаванда гурӯҳбандӣ намудааст;
- (ii) меъёрҳо барои гурӯҳбандӣ дар гурӯҳи зерини чунин уҳдадориҳои молиявӣ ҳангоми эътирофи аввалия; ва
- (iii) тавсифи он, ки чӣ тавр корхона шартҳои банди 4.2.2 СБҲМ 9-ро дар робита ба чунин гурӯҳбандӣ иҷро намудааст.

(аа) барои дороиҳои молиявие, ки тибқи салоҳдиди корхона ҳамчун аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбишаванда гурӯҳбандӣ шудаанд:

- (i) маълумот дар бораи хусусияти дороиҳои молиявие, ки корхона тибқи салоҳдиди худ ҳамчун аз рӯйи арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбишаванда гурӯҳбандӣ намудааст; ва
- (ii) тавсифи он, ки чӣ тавр корхона шартҳои банди 4.1.5 СБҲМ 9-ро дар робита ба чунин гурӯҳбандӣ иҷро намудааст.

 © Фонди СБҲМ

(б) [Соқит шудааст].

(в) вобаста ба қарордоди хариду фурӯши дороиҳои молиявӣ бо шартҳои стандартӣ, ба санаи бастани қарордод ё санаи иҷрои ҳисоббаробарии онҳо оё тартиби баҳисобгирӣ истифода мешавад (ба банди 3.1.2-и СБҲМ 9 нигаред).

(г) [Соқит шудааст].

(ғ) фоидаи соф ё зарари софи ҳар як гурӯҳи воситаҳои молиявӣ чӣ тавр муқаррар карда мешаванд (ба банди 20(а) нигаред), масалан, оё фоида ё зарари софи моддаҳои бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбишаванда, даромади фоизнок ё даромади суди саҳмияҳо ба ҳисоббаробарӣ ворид карда мешаванд.

(д) [Соқит шудааст]

(е) [Соқит шудааст]

Банди 122-и СББМ 1 (соли 2007 аз нав дида баромада шудааст) инчунин аз корхона талаб менамояд, ки ҳамроҳ бо маълумоти муҳим дар бораи сиёсати баҳисобгирӣ ё дар тавзеҳоти дигар маълумот дар бораи мулоҳизаҳоро ифшо намояд (ба истиснои мулоҳизаҳои пешбиникунандаи арзёбиҳои ҳисоббаробарӣ, ки аз ҷониби роҳбарият дар баробари татбиқи сиёсати баҳисобгирӣ истифода шуда, ба маблағи дар ҳисоботи молиявӣ эътирофшуда таъсири бештар доранд).

## Хусусият ва андозаи хавфи марбут ба воситаҳои молиявӣ (бандҳои 31-42)

Б6 Маълумоте, ки ифшои он дар бандҳои 31-42 талаб карда мешавад, бояд ё дар худи ҳисоботи молиявӣ мавҷуд бошад ё тавассути иртиботи мутақобила аз ҳисоботи молиявӣ ба ҳисоботи дигар дохил карда шаванд, ба монанди шарҳи роҳбарият ё ҳисобот дар бораи хавф, ки барои истифодабарандагони ин ҳисоботи молиявӣ, бо ҳамон шартҳо ва бо ҳамон муҳлати худи ҳисоботи молиявӣ дастрас мебошанд. Бидуни ин гуна маълумот, ки тавассути иртиботи мутақобила ворид карда шудааст, ҳисоботи молиявӣ нопурра мебошад.

### Ифшои маълумоти миқдорӣ (банди 34)

Б7 Банди 34(а) талаб менамояд, ки корхона маълумоти маҷмуии миқдориро дар бораи дучоршавии худ ба хавф дар асоси маълумоти дохилии ба ҳайати калидии корхона пешниҳодшуда ифшо намояд. Ҳангоме, ки корхона баъзе усулҳои идоракунии хавфро истифода мебарад, корхона бояд маълумотро бо истифода аз усул ё усулҳое ифшо намояд, ки маълумоти мувофиқтарин ва боэътимодро таъмин менамоянд. Аҳамиятнокӣ ва эътимоднокӣ дар СББМ 8 *“Сиёсати баҳисобгирӣ, тағйирот дар арзёбии муҳосибӣ ва хатоҳо”* баррасӣ карда мешавад.

Б8 Банди 34(в) ифшои ҷамъоварии хавфро талаб менамояд. Ҷамъоварии хавф бар асари воситаҳои молиявие пайдо мешавад, ки хусусиятхои якхела доранд ва ба тағйирот дар шароити иқтисодӣ ё дигар шароитҳои баробар осебпазир мебошанд. Барои муқаррар намудани ҷамъоварии хавф бо назардошти ҳолатҳои барои корхона хос амалӣ намудани мулоҳиза талаб карда мешавад. Маълумоте, ки бояд дар бораи ҷамъоварии хавф ифшо шавад, инҳоро дар бар мегирад:

(а) тавсифи он, ки чӣ тавр роҳбарият ҷамъовариро муқаррар менамояд;

(б) тавсифи хусусияти мушаххаси умумӣ, ки байни ҳар як ҷамъоварӣфарқ мегузорад (масалан, контрагент, минтақаи ҷуғрофӣ, асъор ё бозор); ва

(в) бузургии дучоршавӣ ба хавф барои ҳамаи воситаҳои молиявие, ки тибқи хусусиятҳои умумии дарҷгардида муттаҳид шудаанд.

#### Таҷрибаи идоракунии хавфи қарзӣ (бандҳои 35Д – 35Е)

Б8А Банди 35Д(б) ифшои он маълумотеро талаб менамояд, ки корхона чӣ тавр муфлисшавиро барои воситаҳои гуногуни молиявӣ муқаррар намудааст ва сабабҳои интихоби чунин муқарраротро талаб карда мешавад. Тибқи банди 5.5.9-и СБҲМ 9 муқаррар намудани зарурати эътирофи зарари эҳтимолии қарзӣ дар муддати тамоми муҳлат ба афзоиши хавфи муфлисшавӣ аз лаҳзаи эътирофи аввал асос меёбад. Маълумот дар бораи муқаррароти муфлисшавӣ, ки аз ҷониби корхона истифода мешавад, ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ дар фаҳмидани ин омил мусоидат менамояд, ки корхона чӣ тавр талаботи зарари эҳтимолии қарзро дар СБҲМ 9 татбиқ намудааст, метавонад инҳоро дар бар гирад:

(а) омилҳои сифатӣ ва миқдорӣ, ки ҳангоми муқаррар намудани муфлисшавӣ ба эътибор гирифта мешаванд;

(б) оё навъҳои гуногуни муқаррарот нисбати гурӯҳҳои гуногуни воситаҳои молиявӣ татбиқ шудаанд ё нашудаанд; ва

(в) фарзияҳо вобаста ба нишондиҳандаи маблағи дар ҳолати муфлисшавӣ баргардонидашуда (яъне миқдори дороиҳои молиявӣ, ки барои худ мақоми воситаҳоеро бармегардонанд, ки ухдадориҳои онҳо аз ҷониби контрагент иҷро карда мешаванд) пас аз фарорасии он аз рӯйи дороии молиявӣ.

Б8Б Барои кумак расондан ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ дар арзёбии сиёсати корхона дар робита ба таҷдиди такрории сохтор ва дигаргунсозии воситаҳои молиявӣ, банди 7.35Д(д)(i) ифшои он маълумотеро талаб менамояд, ки корхона то чӣ андоза захираи арзёбишавандаи тахти зарари дороиҳои молиявиро назорат менамояд ва ин маълумоти қаблан ифшошударо тибқи банди 7.35Д(д)(i) талаб менамояд, ки баъдан ба маблағи баробар ба зарари эҳтимолии қарз дар муддати тамоми мухлат тибқи банди 5.5.3 СБҲМ 9 арзёбӣ мегардад. Маълумоти миқдорӣ, ки ба истифодабарандагон дар фаҳмидани афзоиши минбаъдаи хавфи қарзии дороиҳои молиявии дигаргунсозишуда кумак менамояд, метавонад маълумотеро дар бораи дороиҳои молиявии дигаргунсозишуда дар бар гирад, ки ба меъёрҳои дар банди 7.35Д(д) (i) зикршуда мувофиқат менамоянд, ки барои онҳо захираи арзёбишавандаи тахти зарар ба маблағи баробар бо зарари эҳтимолии қарзӣ дар муддати тамоми мухлат арзёбӣ гардидааст (яъне, нишондиҳандаи бадшавии хусусият).

Б8В Банди 35Е(а) ифшои маълумотро дар бораи асоси маълумоти ибтидоӣ, фарзияҳо ва моделҳои арзёбӣ, ки барои татбиқи талаботи беқурбшавӣ дар СБҲМ 9 истифода мешаванд, талаб менамояд. Фарзияҳо ва маълумоти ибтидоие, ки корхона барои арзёбии зарари эҳтимолии қарз ё муқаррар намудани дараҷаи афзоиши хавфи қарзи аз мавриди эътирофи аввалия истифода мебарад, метавонад маълумоти дохилиро барои давраҳои қаблӣ ё маълумотро аз ҳисобот дар бораи радабандӣ, инчунин фарзияҳоро дар бораи мухлати эҳтимолии амали воситаҳои молиявӣ ва мухлати фурӯши таъминотро дар бар гирад.

## Тағйирёбии захираи арзёбишавандаи тахти зарар (банди 35Ё)

Б8Г Тибқи банди 35Ё корхона бояд сабабҳои тағйирёбии захираи арзёбишавандаи тахти зарарро дар давоми давра шарҳ диҳад. Илова ба бақияи захираи арзёбишавандаи тахти зарар дар ибтидои давра бо бақия дар интиҳои давра метавонад шарҳи тавсифии тағйиротро талаб намояд. Чунин тавзеҳоти тавсифӣ метавонад таҳлили сабабҳои тағйироти захираи арзёбишавандаи тахти зарарро дар давоми давра, аз ҷумла, инҳоро дар бар гирад:

(а) таркиби портфел;

(б) шумораи воситаҳои молиявии бадастовардашуда ё эҷодшуда; ва

(в) хатарнокии зарари эҳтимолии қарз.

Б8Ғ Дар мавриди ухдадориҳои қарз ва шартномаҳои кафолати молиявӣ захираи арзёбишавандаи тахти зарар ҳамчун ухдадории арзёбишаванда эътироф карда мешавад. Корхона бояд маълумот дар бораи тағйирот дар захираи арзёбишавандаи тахти зарари дороиҳои молиявиро аз тағйирот дар захираи арзёбишавандаи тахти зарар барои ухдадориҳои пешниҳоди қарз ва шартномаҳои кафолати молиявӣ дар алоҳидагӣ ифшо намояд. Аммо, агар воситаи молиявӣ ҳам ҷузъи қарз (яъне дороии молиявӣ) ва ҳам ҷузъи қисмати истифоданашудаи ухдадории пешниҳоди қарзро (яъне ухдадории пешниҳоди қарзро) дар бар гирад ва корхона қодир набошад, ки зарари эҳтимолии қарзро вобаста ба ҷузъи ухдадории марбут ба пешниҳоди қарз ва зарари эҳтимолии қарз аз рӯйи ҷузъи "дороии молиявӣ" дар алоҳидагӣ муқаррар намояд, пас зарур аст зарари эҳтимолии қарз вобаста ба ҷузъи ухдадории марбут ба пешниҳоди қарз ҳамроҳ бо захираи арзёбишавандаи тахти зарари дороии молиявӣ эътироф карда шавад. То он дараҷае, ки зарари эҳтимолии қарзии маҷмуӣ аз арзиши тавозуни умумии дороии молиявӣ зиёд бошад, зарари эҳтимолии қарз бояд ҳамчун ухдадории арзёбишаванда эътироф карда шавад.

## Таъминот (банди 35И)

Б8Д Банди 35И ифшои маълумотеро талаб менамояд, ки ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ имкон медиҳад таъсири таъминот ва дигар воситаҳои баланд бардоштани сифати қарзро ба маблағи зарари эҳтимолии қарз дарк намоянд. Корхона ухдадор нест, ки на маълумот дар бораи арзиши одилонаи таъминот ва дигар дигар воситаҳои баланд бардоштани сифати қарз ва на маълумоти миқдорӣ дар бораи арзиши дақиқи таъминотро, ки ҳангоми ҳисоббаробарии зарари эҳтимолии қарз истифода мешавад (яъне зарар дар сурати муфлисшавӣ), ифшо намояд.


© Фонди СБҲМ

Б8Е Тавсифи таъминот ва таъсири он ба маблағи зарари эҳтимолии қарз метавонад маълумоти зеринро фаро гирад:

(а) намудҳои асосии таъминот, ки ба сифати гарав нигоҳ дошта мешаванд ва дигар механизмҳои баланд бардоштани сифати қарз (намунаи дигар механизмҳои баланд бардоштани сифати қарз кафолатҳо, дериватиҳои қарзӣ ва шартномаҳо дар бораи ҳисоббаробарӣ мебошанд, ки тибқи СББМ 32 ҳисоббаробаркуниро қонеъ наменамоянд);

(б) маблағи таъминоте, ки нигоҳ дошта мешавад ва дигар механизмҳои баланд бардоштани сифати қарз ва аҳамияти он дар заминаи захираи арзёбишавандаи таҳти зарар;

(в) сиёсат ва расмиёти арзёбӣ ва идоракунии гарав ва дигар механизмҳои баланд бардоштани сифати қарз;

(г) контрагентҳои асосӣ вобаста ба таъминот ва дигар механизмҳои баланд бардоштани сифати қарз ва қобилияти қарзпардозии онҳо; ва

(ғ) маълумот дар бораи ҷамъоварии хавф дар доираи таъминот ва дигар механизмҳои баланд бардоштани сифати қарз.

### Дучоршавӣ ба хавфи қарзӣ (бандҳои 35К-35Қ)

Б8Ё Банди 35К ифшои маълумоти марбут ба дучоршавии корхона ба хавфи қарзӣ ва ҷамъоварии назарраси хавфи қарзиро ба санаи ҳисоботӣ талаб менамояд. Ҷамъоварии хавфи қарзӣ дар ин маврид ҷой дорад, ҳангоме, ки якчанд контрагент дар як минтақаи ҷуғрофӣ ҷойгир мебошанд ё ба фаъолияти ҳаммонанд машғуланд ва дорои хусусиятҳои шабеҳи иқтисодӣ мебошанд, ки бинобар ин қобилияти онҳо барои иҷрои уҳдадориҳои тибқи шартнома пешбинишуда дар шароити иқтисодӣ ё дигар шароит ба таъсири тағйирот дучор мешавад. Корхона бояд маълумотеро пешниҳод намояд, ки ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ имкон медиҳад дарк намоянд, ки гурӯҳҳо ё портфелҳои воситаҳои молиявӣ бо хусусиятҳои хосе мавҷуданд, ки метавонанд ба қисми зиёди ин гурӯҳи воситаҳои молиявӣ масалан, ҷамъоварии хавфи муайян, таъсир расонанд. Ба ин метавонад, масалан, тақсимот ба гурӯҳҳо дар асоси зарибӣ таъминот, ҷамъоварии ҷуғрофӣ, ҷамъоварии соҳавӣ ё ҷамъоварӣаз рӯйи гурӯҳи эмитентро дохил карда шавад.

Б8Ж Миқдори сатҳи радабандии хавфи қарзӣ, ки барои ифшои маълумоти тибқи банди 35К истифода мешавад, бояд ба ҳамон миқдоре мувофиқат намояд, ки корхона ба ҳайати калидии идоракунӣ бо мақсади идоракунии хавфи қарзӣ хабар медиҳад. Агар маълумот дар бораи пардохтҳои батаъхиргузоштшуда ягона маълумоти мушаххаси қарзгир бошад ва корхона маълумотро дар бораи пардохтҳои батаъхиргузоштшуда барои муқаррар намудани афзоиши назарраси хавфи қарзӣ аз замони эътирофи аввалия тибқи банди 5.5.11 СБҲМ 9 истифода намояд, пас корхона бояд таҳлили қисмати пардохтҳои батаъхиргузоштшудаи чунин дороиҳои молиявиро таъмин намояд.

Б8З Агар корхона зарари эҳтимолии қарзиро дар асоси гурӯҳҳо арзёбӣ намуда бошад, шояд корхона наметавонад арзиши тавозунии умумии дороиҳои молиявии алоҳида ё дучоршавӣ ба хавфи қарзии уҳдадориҳои марбут ба пешниҳоди қарз ва шартномаҳои кафолати молиявиро нисбат ба сатҳи радабандии хавфи қарзӣ, ки барои онҳо зарари эҳтимолии қарзӣ дар тамоми муддати муҳлат вуҷуд дорад, ба эътибор гирад. Дар ин ҳолат, корхона бояд талаботи банди 35К-ро нисбат ба он воситаҳои молиявие татбиқ намояд, ки метавонанд мустақиман ба дараҷаи радабандии хавфи қарзӣ алоқаманд бошанд ва арзиши тавозунии умумии воситаҳои молиявиро, ки зарари эҳтимолии қарз дар тамоми муддати муҳлати онҳо дар асоси гурӯҳ ҳисоб карда шуда буданд, дар алоҳидагӣ ифшо намояд.

## Дучоршавии ҳадди ниҳоӣ ба хавфи қарзӣ (банди 36(а))

Б9 Бандҳои 35И(а) ва 36(а) ифшои маълумотро дар бораи маблағе талаб менамоянд, ки андозаи ҳадди аксари хавфи қарзиро, ки корхона ба он дучор мешавад, беҳтар инъикос менамояд. Барои дороии молиявӣ, ин одатан арзиши тавозунӣ бо тарҳи:

(а) маблағе, ки тибқи СББМ 32 барои ҳисоббаробарӣ қабул шудааст; ва

(б) ҳама гуна захираи арзёбишавандаи таҳти зарар, ки тибқи СБҲМ 9 эътироф шудааст.

Б10 Фаъолияте, ки хавфи қарзиро ба вуҷуд меорад ва ба ҳадди ниҳоии дахлдор дучори хавфи қарзӣ мегардад, амалиёти зеринро дар бар мегирад, вале бо онҳо маҳдуд намешавад:

(а) додани қарз ба мизоҷон ва гузоштани пасандоз дар дигар корхона. Дар чунин ҳолат арзиши тавозунии дороиҳои молиявии дахлдор ҳадди аксари дучоршавӣ ба хавфи қарзиро инъикос менамояд.

(б) бастани шартномаҳое, ки деривативҳоро ташкил медиҳанд, ба монанди шартномаҳои асъорӣ, свопҳои фоизнок ва деривативҳои қарзӣ. Дар чунин маврид, ҳангоме, ки дороии бавуҷудомада бо арзиши одилона арзёбӣ мегардад, ҳадди аксари дучоршавӣ ба хавфи қарзӣ дар охири давраи ҳисоботӣ ба арзиши тавозунии дороии мазкур баробар мешавад;

(в) пешниҳоди кафолатҳои молиявӣ. Дар ин ҳолат, ҳадди аксари дучоршавӣ ба хавфи қарзӣ маблағи ҳадди аксарест, ки корхона бояд дар ҳолати иҷрои кафолат пардохт намояд ва ин маблағ метавонад аз маблағи ҳамчун уҳдадорӣ эътирофшуда ба таври назаррас зиёд бошад;

(г) қабули уҳдадорӣ вобаста ба пешниҳоди қарз, ки дар давоми муҳлати шартнома бозхонда намешавад ё танҳо дар ҳолати тағйироти ҷиддии номусоид бекор карда мешавад. Агар корхонае, ки тибқи шартномаи дахлдор чунин уҳдадориро ба зимма гирифта, онро тавассути воситаҳои пулӣ ё дигар воситаҳои молиявӣ бо нетто-асос ҳисоб карда натавонад, он гоҳ ҳадди аксари дучоршавӣ ба хавфи қарзӣ бо маблағи пурраи уҳдадории мавҷуда вобаста ба пешниҳоди қарз ифода мегардад. Чунин ифода омили он аст, ки номуайянӣ нисбати он, ки оё қисми маблағи талабнашавандаи қарз дар оянда талаб карда мешавад. Маблағи зикршуда метавонад аз маблағе, ки ба сифати уҳдадорӣ эътироф шудааст, ба таври назаррас зиёд бошад.

## Ифшои маълумоти миқдорӣ дар бораи хавфи бозоргирӣ (бандҳои 34(а) ва 39(а) ва (б))

Б10А Корхона маълумоти мухтасари миқдориро дар бораи дучоршавӣ ба хавфи бозоргирӣ, ки бо маълумоти дохилӣ асос ёфта, ба ҳайати калидии идоракунӣ пешниҳод шудааст, тибқи банди 34(а) ифшо намояд. Корхона бояд шарҳ диҳад, ки ин маълумот чӣ тавр муқаррар карда шудааст. Агар хароҷоти воситаҳои пулӣ (ё дигар дороиҳои молиявӣ), ки ба таркиби ин маълумот дохил карда шудаанд, метавонанд ба миён оянд:

(а) ё хеле пештар аз муҳлати дар ин маълумот нишондодашуда,

(б) ё бо маблағи аз маблағи дар маълумот нишондодашуда ба таври назаррас фарққунанда (масалан, агар маълумот дар бораи дериватив ба маълумоти марбут ба фарзияе, ки он дар асоси нетто-асос ҳисоб карда мешавад, дохил карда шуда бошад, аммо контрагенти ин восита ҳуқуқ дорад ҳисоббаробарӣ дар асоси маҷуиро талаб намояд),

корхона бояд ин далелро ифшо намояд ва маълумоти миқдориеро пешниҳод намояд, ки ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявии он имкон диҳад дараҷаи ин хавфро арзёбӣ намоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки ин маълумот аллакай дар таҳлили муҳлатҳои шартномавии пардохт, ки мувофиқи талаботи бандҳои 39(а) ё (б) пешниҳод карда шудааст, дохил гардида бошад.

Б11 Ҳангоми таҳияи таҳлили муҳлати пардохт, ки бандҳои 39(а) ва (б) талаб менамоянд, корхона мулоҳизаи шахсии худро барои муқаррар намудани шумораи мувофиқи фосилаҳои вақт истифода мебарад. Масалан, корхона метавонад муқаррар намояд, ки тақсим намудани фосилаҳои зерини вақт мувофиқ мебошад:

(а) дар давоми як моҳ;

(б) аз як моҳ то се моҳ;

(в) аз се моҳ то як сол; ва

(г) аз як сол то панҷ сол.

Б11А Ҳангоми иҷрои талаботи бандҳои 39(а) ва (б) корхона набояд деривативи омехтаро аз воситаи молиявии гибридӣ (пайвандӣ) ҷудо намояд. Нисбати чунин восита корхона бояд банди 39(а)-ро татбиқ намояд.

Б11Б Банди 39(б) талаб менамояд, ки корхона таҳлили миқдории муҳлати уҳдадориҳои молиявии деривативиро, ки муҳлати боқимондаи шартномавиро нишон медиҳад, ифшо намояд, агар муҳлати шартномавӣ барои фаҳмидани муҳлати бавуҷудоии маҷмуи воситаҳои пулӣ муҳим арзёбӣ гардад. Масалан, ин ҳолат метавонад дар чунин маврид ҷой дошта бошад, агар:

(а) свопи фоизноки дорои муҳлати боқимондаи пардохт, ки панҷ солро ташкил медиҳад, ба ҳедҷинамоии маҷмуи воситаҳои пулӣ аз рӯйи дороии молиявӣ ё уҳдадориҳо бо меъёри фоизноки шинокунанда, дохил карда шудааст;

(б) тамоми уҳдадориҳои эътирофнамуда вобаста ба пешниҳоди қарз.

Б11В Бандҳои 39(а) ва (б) талаб менамоянд, ки корхона таҳлили миқдории муҳлати пардохт аз рӯйи уҳдадориҳои молиявиро ифшо намояд, ки он бояд муҳлати боқимондаи шартномаи уҳдадориҳои молиявии муайянро нишон диҳад. Дар доираи чунин ифшо:

(а) ҳангоме, ки контрагент ҳуқуқи интихоби муҳлати пардохтро дорад, уҳдадории дахлдор ба ҳамон давраи аввалин дахл дорад, ки дар он корхона метавонад уҳдадориҳои пардохтро дошта бошад. Масалан, уҳдадориҳои молиявие, ки корхона метавонад тибқи талабот пардохт намояд (мисол, пасандозҳои то мавриди талаб), ба фосилаи вақт бо муҳлати кутоҳтарин дохил карда мешаванд.

(б) ҳангоме ки корхона уҳдадор мешавад пардохтро бо қисмат анҷом диҳад, ҳар як пардохт ба ҳамон давраи аввалин дахл дорад, ки дар он корхона метавонад уҳдадор шавад ин пардохтро анҷом диҳад. Масалан, уҳдадории марбут ба пешниҳоди қарз то андозае, ки он ба қисми талабнашудаи қарз taаллуқ дорад, ба фосилаи вақте дохил карда мешавад, ки дорои санаи аз ҳама пештар бошад, ки дар он метавонад қисми дахлдори қарз талаб карда шавад.

(в) тибқи шартномаи кафолати молиявие, ки корхона пешниҳод намудааст, маблағи ҳадди аксари кафолат ба ҳамон давраи аввалин, ки дар он ин кафолат метавонад талаб карда шавад, тааллуқ дорад.

Б11Г Маблағи шартномавӣ, ки бояд дар доираи таҳлили муҳлати пардохт тибқи банди 39(а) ва (б) ифшо гардад, маҷмуи воситаҳои пулии ғайритахфифии тибқи шартнома пешбинишударо ифода менамояд, масалан:

(а) бузургии умумии уҳдадориҳои марбут ба иҷора (то мавриди тарҳи хароҷоти молиявӣ);

(б) нархҳое, ки дар шартномаҳои форвардӣ барои хариди дороиҳои молиявӣ бо воситаҳои пулӣ муқаррар шудаанд;

(в) маблағи соф аз рӯйи свопи фоизнок, ки пардохти фоизнокро бо меъёри шинокунанда/қабули пардохти фоизнок бо меъёри собитшуда ва мубодилаи маҷмуи софи воситаҳои пулиро пешбинӣ менамояд;

(г) маблағи тибқи шартнома пешбинишуда, ки тарафҳо бояд бо дериватив мубодила намоянд (масалан, тибқи свопи асъорӣ), агар дар шартнома мубодилаи маҷмуи воситаҳои пулии умумӣ пешбинӣ шуда бошад; ва

(ғ) маблағи умумии уҳдадориҳои вобаста ба пешниҳоди қарз қабулшуда.

Чунин маҷмуи воситаҳои пулии ғайритахфифӣ аз маблағи дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ нишондодашуда фарқ менамояд, зеро маблағи дар ҳисобот нишондодашуда дар асоси маҷмуи воситаҳои пулии тахфифӣ муқаррар карда мешавад. Дар ҳолатҳое, ки маблағи пардохтшаванда собитшуда набошад, маблағи ифшошуда бо назардошти шартҳои дар охири давраи ҳисоботӣ мавҷудбуда муқаррар карда мешавад. Масалан, ҳангоме ки маблағи пардохташаванда бо тағйироти ягон шохис фарқ менамояд, маблағи ифшошуда дар охири давраи ҳисоботӣ метавонад ба сатҳи ин шохис асос гардад.

Б11Ғ Банди 39(в) талаб менамояд, ки корхона ин омилро тавсиф намояд, чӣ тавр хавфи бозоргириро идора намояд ва он ба моддаҳое хос аст, ки маълумоти миқдорӣ тибқи талаботи банди 39(а) ва (б) ифшо мешавад. Корхона бояд таҳлили муҳлати пардохти дороиҳои молиявиро, ки барои идоракунии хавфи бозоргирӣ дар ихтиёр дорад (масалан, дороиҳои молиявии ба зудӣ фурӯхташаванда ё дороиҳои молиявие, ки аз онҳо корхона интизори гирифтани маблағҳои пулиро барои ҷуброн намудани ҷуброни уҳдадориҳои молиявӣ дорад), ифшо менамояд, агар чунин маълумот ба истифодабарандагони ҳисоботи молиявии корхона барои арзёбии хусусият ва дараҷаи хавфи бозоргирӣ зарур бошад.

Б11Д Дигар омилҳоеро дар бар мегирад, ки корхона метавонад дар доираи ифшои маълумоти пешбининамудаи банди 39(в) баррасӣ намояд, вале бо инҳо маҳдуд намегардад:

(а) оё корхона имконияти ҷалби воситаҳои қарзӣ (масалан, имконияти ҷойгиркунии кафолатнок барои коғазҳои қиматноки қарзи кӯтоҳмуддати таъминнашуда) ё дигар хатҳои қарзиро (масалан, механизми қарздиҳии захиравиро), ки метавонад барои нигоҳ доштани бозоргирӣ истифода шаванд, таъмин намудааст;

(б) оё корхона бо мақсади ҳифзи бозоргирӣ дар бонкҳои марказӣ пасандоз нигоҳ медорад;

(в) оё манбаъҳои маблағгузории корхона хеле гуногунанд;

(г) оё корхона дорои ҷамъоварии назарраси хавфи бозоргирӣ дар дороиҳо ё манбаҳои маблағгузорӣ мебошад;

(ғ) оё корхона дорои расмиёти муқарраршудаи назорати дохилӣ ва нақшаи амал дар ҳолатҳои пешбининашуда бо мақсади идоракунии хавфи бозоргирӣ мебошад;

(д) оё корхона дорои воситаҳое мебошад, ки имконияти баргардонидани пеш аз муҳлатро пешбинӣ менамоянд (масалан, дар ҳолати паст шудани радабандии қарзии корхона);

(е) оё корхона дорои воситаҳое мебошад, ки пешниҳоди таъминоти гаравро талаб менамояд (масалан, талаботи ворид намудани маржаи кафолатнок нисбат ба деривативҳо);

(ё) оё корхона дорои воситаҳое мебошад, ки ба ӯ имкон диҳанд тарзи танзими уҳдадориҳои молиявии худро тавассути воситаҳои пулӣ (ё дигар дороии молиявӣ) ё саҳмияҳои хусусӣ интихоб намояд; ё

(і) оё корхона дорои воситаҳое мебошад, ки омили шартномаи асосӣ дар бораи неттинг бошанд.

Б12-Б16 [Соқит шудаанд]

## Хавфи бозорӣ – таҳлили ҳассосият (бандҳои 40-41)

Б17 Банди 40(а) талаб менамояд, ки корхона таҳлили ҳассосиятро барои ҳар як намуди хавфи бозорӣ, ки ба он дучор мешавад, пешниҳод намояд. Тибқи банди Б3 корхона ба таври мустақилона тасмим мегирад, ки чӣ тавр бояд иттилоотро якҷоя намояд, то тасвири умумиро бидуни омезиши маълумоти дорои хусусиятҳои гуногун дар бораи дучоршавӣ ба хавфе, ки дар шароити гуногуни иқтисодӣ ба вуҷуд меояд, ҷамъ оварад. Барои намуна:

(а) корхонае, ки бо фурӯши воситаҳои молиявӣ машғул мебошад, метавонад ин маълумотро барои воситаҳои молиявие, ки барои савдо пешбинӣ мешаванд ва барои воситаҳои барои савдо пешбининашуда дар алоҳидагӣ ифшо намояд;

(б) корхона маълумотро дар бораи дучоршавӣ ба хавфи бозорӣ, ки дар минтақаҳои дорои иқтисодиёти таваррум ба вуҷуд меояд, бо ҳамон хавфи бозорӣ, ки дар минтақаҳои дорои сатҳи хеле пасти таваррум ба вуҷуд меояд, муттаҳид наменамояд.

Агар корхона танҳо ба як намуди хавфи бозорӣ ва танҳо дар як муҳити иқтисодӣ дучор шавад, барои он зарурат вуҷуд надорад, ки маълумоти дорои тафсилоти ҷузъиро инъикос намояд.

Б18 Банди 40(а) талаб менамояд, ки таҳлили ҳассосият он таъсиреро инъикос намояд, ки ба фоида ё зарар ва сармояи хусусӣ ба таври асоснок бо тағйироти имконпазири тағйирёбандаи хавфи дахлдор, метавонад расонида шавад (масалан, меъёрҳои фоизноки бартаридоштаи бозорӣ, қурби мубодилаи асъор, нарх дар воситаҳои ҳиссавӣ ё мол). Бо ин мақсад:

(а) корхона уҳдадор нест муқаррар намояд, ки агар тағйирёбандаҳои дахлдори хавф фарқ мекарданд, нишондиҳандаи фоида ё зарар дар давоми давра чӣ тавр мебуд. Бар ивази ин, корхона он таъсиреро ифшо менамояд, ки тағйирот дар охири давраи ҳисоботӣ ба фоида ё зарар ва сармояи хусусӣ дошт, бо фарзияи он, ки тағйироти ба таври асоснок имконпазир ба тағйирёбандаи хавфи дахлдор дар охири давраи ҳисоботӣ рух додааст ва ҳангоми муқаррар намудани хавфи ба санаи муқаррар мавҷудбуда ҳисоб карда мешавад. Масалан, агар корхона дар охири сол уҳдадориҳои фоизноки шинокунанда дошта бошад, пас ин корхона уҳдадор аст таъсиреро, ки соли ҷорӣ ба фоида ё зарар (яъне хароҷоти фоизнок) расидааст, ифшо намояд, агар меъёрҳои фоизнок бо бузургии асосноки имконпазир тағйир ёфта бошанд.

(б) корхона уҳдадор нест, ки маълумотро дар бораи таъсири ба фоида ё зарар ва сармояи хусусӣ расонидашуда барои ҳар як тағйироти эҳтимолии тағйирёбандаи хавфи дахлдор дар доираи тағйироти ба таври асоснок имконпазири он, ифшо намояд. Танҳо кофӣ аст таъсири он тағйирот, ки дар ҳудуди ин доираи ба таври асоснок имконпазир ҷойгир аст, ифшо гардад.

Б19 Ҳангоми ҳалли ин масъала, ки кадом тағйирот дар тағйирёбандаи хавфи мувофиқ ба таври асоснок имконпазир мебошад, корхона бояд ҷанбаҳои зеринро ба эътибор гирад:

(а) шароити ин ё он муҳити мушаххаси иқтисодие, ки дар он фаъолият менамояд. Тағйироти эҳтимолии асоснок набояд сенарияҳои камэҳтимол ё “бадтарин ҳолат” ё “тести изтиробангез”-ро дар бар гирад. Илова бар ин, агар суръати тағйирёбии тағйирёбандаи хавфи асосӣ доимӣ бошад, пас барои корхона зарурат пеш намеояд, ки тағйироти эҳтимолии ба таври асоснок дар тағйирёбандаи хавф интихобшударо аз нав дида бароял. Масалан, фарз карда шавад, ки меъёри фоизнок 5 фоиз мебошад ва корхона муқаррар менамояд, ки меъёрҳои фоизнок дар ҳудуди +/-50-и бандҳои асоснок тағйир меёбанд. Агар меъёри фоизнок то 4,5 фоиз паст шавад ё то 5,5 фоиз зиёд шавад, корхона таъсиреро, ки ба


© Фонди СБҲМ

фоида ё зарар ва сармояи хусусӣ расонида мешавад, ифшо менамояд. Дар давраи оянда меъёри фоизнок то 5,5 фоиз афзудааст. Корхона ҳамчунон итминон дорад, ки меъёрҳои фоизнок метавонанд то +/-50 банди асосиро тағйир диҳанд (яъне суръати тағйирёбии фоизҳо доимӣ мебошад). Агар меъёри фоизнок то 5 фоиз паст шавад ё то 6 фоиз боло равад, корхона таъсири онро ба фоида ё зарар ва сармояи хусусӣ ифшо менамояд. Корхона набояд арзёбии худро аз нав дида барояд, ки меъёрҳои фоизнок метавонанд ба таври қобили мулоҳиза то +/-50 банди асосиро тағйир диҳанд, ба ин шарт, агар далеле вуҷуд надошта бошад, ки меъёрҳои фоизнок ба таври назаррас ноустувор гардидаанд.

(б) фосилаи вақт, ки нисбати он корхона арзёбиро анҷом медиҳад. Таҳлили ҳассосият бояд таъсири тағйиротро нишон диҳад, ки дар тӯли давра ба таври оқилона имконпазир ҳисобида мешаванд, яъне то он маврид, ки корхона дар навбати минбаъда ифшои минбаъдаи иттилоотро, ки маъмулан дар давраи ҳисоботии солонаи навбатии корхона мавҷуд мебошад, ифшо менамояд.

Б20 Банди 41 ба корхона имкон медиҳад таҳлили ҳассосиятро истифода намояд, ки вобастагии мутақобилан байни тағйирёбандаҳои хавфро инъикос намояд, ба монанди усули арзёбии хавфи нарх, агар корхона ин таҳлилро барои идоракунии хавфи молиявии худ истифода намояд. Ин равиш, ҳатто агар чунин усул имкон диҳад, ки танҳо зарари эҳтимолиро арзёбӣ намояд ва фоидаи эҳтимолиро баҳо надиҳад, татбиқ карда мешавад. Чунин корхона метавонад талаботи мутобиқатии банди 41(а)-ро тавассути ифшои маълумот дар бораи намунаи модели арзёбии хавфи нарх, ки аз он истифода менамояд (масалан, оё он моделсозии Монте-Карлоро истифода мебарад), тавзеҳи принсипҳои кори модел ва фарзияҳои асосиро (барои мисол, давраи соҳибмулкӣ ва сатҳи эътимоднокӣ) таъмин намояд. Корхона инчунин метавонанд маълумот дар бораи давраи таърихии мушоҳидаҳо ва вазнҳоеро, ки нисбат ба мушоҳидаҳо дар ин давра ба эътибор гирифта мешаванд ва шарҳи онро, ки дар ҳисобҳо чӣ тавр опсионҳо ба эътибор гирифта мешаванд ва кадом омилҳои ноустуворӣ ва коррелятсионӣ истифода мешаванд (ё ба сифати алтернативӣ, модели тақсимоти эҳтимолият бо истифода аз усули Монте-Карло), ифшо намоянд.

Б21 Корхона бояд барои тамоми тиҷорати худ таҳлили ҳассосиятро пешниҳод намояд, аммо метавонад барои гурӯҳҳои гуногуни воситаҳои молиявӣ таҳлилҳои ҳассосияти гуногун пешниҳод намояд.

## Хавфи фоизӣ

Б22 *Хавфи фоизӣ* аз воситаҳои молиявиии фоизноке ба вуҷуд меояд, ки дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ эътироф шудаанд (масалан, воситаҳои қарзии харидашуда ё баровардашуда) ва баъзе воситаҳои молиявие (масалан, уҳдадориҳои муайяни қарз), ки дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ эътироф нашудаанд.

## Хавфи асъорӣ

Б23 *Хавфи асъорӣ* (ё хавфи тағйирёбии қурби мубодилавии асъори хориҷӣ) аз воситаҳои молиявие ба вуҷуд меояд, ки бо асъори хориҷӣ ифода ёфтааст, яъне бо асъори фарққунанда аз асъори амалкунанда, ки дар он арзёбӣ мегарданд. Барои мақсадҳои Стандарти мазкур чунин ҳисобида мешавад, ки аз рӯйи воситаҳои молиявие, ки моддаҳои ғайрипулӣ ба ҳисоб меравнд ё воситаҳои молиявие, ки бо асъори амалкунанда ифода шудаанд, хавфи асъорӣ ба вуҷуд намеояд.

Б24 Таҳлили ҳассосият барои ҳар як асъоре, ки дар робита ба он корхона ба хавфи ҷиддӣ дучор мешавад, ифшо карда мешавад.

## Дигар хавфи нархӣ

Б25 *Дигар хавфи нархӣ* аз воситаҳои молиявӣ бинобар тағйирёбии нархҳои мол ё воситаҳои ҳиссавӣ ба вуҷуд меояд. Тибқи банди 40 корхона метавонад маълумотро дар бораи таъсири пастшавии шохиси муайяни бозори фонд, нархи мол ё дигар тағйирёбандаҳои хавф ифшо намояд. Масалан, агар корхона кафолати нархи бозоргириро, ки воситаҳои молиявиро ифода менамоянд, пешниҳод намояд, корхона афзоиш ё камшавии арзиши он дороиҳоеро, ки кафолати дахлдор ба онҳо паҳн мегардад, ифшо менамояд.

Б26 Ду мисоли воситаҳои молиявие, ки хавфи тағйироти нархи воситаҳои ҳиссавӣ ба онҳо марбут мебошанд, инҳоянд: (а) бастаи воситаҳои ҳиссавии корхонаи дигар ва (б) сармоягузорӣ ба фонди идораи боваринок, ки дар навбати худ воситаҳоро ба воситаҳои ҳиссавӣ сармоягузорӣ менамояд. Намунаҳои дигар шартномаҳои форвардӣ ва опсионҳо барои харид ё фурӯши миқдори муайяни воситаҳои ҳиссавӣ, инчунин свопҳо, ки тибқи тағйирёбии нархи саҳмияҳо шохисбандӣ шудаанд, ба ҳисоб мераванд. Арзиши одилонаи чунин воситаҳои молиявӣ аз тағйирёбии нархи бозории воситаҳои асосии ҳиссавӣ вобаста мебошад.

Б27 Тибқи банди 40(а) маълумот дар бораи ҳассосияти фоида ё зарар ба тағйирот (масалан, тағйироте, ки дар робита ба воситаҳои бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбишаванда ба вуҷуд меоянд) аз маълумот дар бораи ҳассосияти дигар маҷмуи даромад ба тағйирот (масалан, тағйироте, ки дар робита бо сармоягузорӣ ба воситаҳои ҳиссавӣ, ки тағйирот дар арзиши одилонаи онҳо дар таркиби дигар маҷмуи даромад пешниҳод карда мешавад) дар алоҳидагӣ ифшо карда мешавад.

Б28 Воситаҳои молиявие, ки корхона ҳамчун воситаҳои ҳиссавӣ гурӯҳбандӣ менамояд, аз нав арзёбӣ карда намешаванд. Хавфи тағйироти нархи воситаҳои ҳиссавӣ, ки бо ин воситаҳои молиявӣ алоқаманд мебошанд, на ба фоида ё зарар ё на сармоя таъсир намерасонад. Аз ин рӯ, таҳлили ҳассосият талаб карда намешавад.

## Қатъи эътироф (бандҳои 42В-42Ё)

### Иштироки давомнок (банди 42В)

Б29 Барои мақсадҳои ифшои маълумоте, ки тибқи бандҳои 42Ғ-42Ё талаб карда мешавад, арзёбии иштироки давомноки корхона дар дороии молиявии интиқолшуда дар сатҳи корхонаи ҳисоботдиҳанда гузаронида мешавад. Масалан, агар корхонаи фаръӣ дороии молиявиеро, ки дар он корхонаи асосии фаръӣ иштироки пайваста дорад, ба тарафи сеюм, ки бо корхона алоқамандӣ надорад, интиқол диҳад, пас корхонаи фаръӣ чунин иштироки корхонаи асосиро ҳангоми арзёбии иштироки пайвастаи он дар дороии додашуда бо мақсади ифшои маълумот дар ҳисоботи молиявии инфиродии он ба эътибор намегирад (яъне, ҳангоме, ки корхонаи фаръии мазкур корхонаи ҳисоботдиҳанда мебошад). Бо вуҷуди ин, корхонаи асосӣ иштироки пайвастаи худро (ё иштироки пайвастаи узви дигари гурӯҳи худ) дар дороии молиявие, ки аз ҷониби корхонаи фаръии он интиқол ёфтааст, ҳангоми муқаррар намудани ин омил, ки оё он дар дороии интиқолшуда дорои иштироки пайваста мебошад, бо мақсади ифшои маълумот дар ҳисоботи молиявии маҷмуишуда (яъне, ҳангоме, ки корхонаи ҳисоботдиҳанда гурӯҳи мазкур мебошад) ба эътибор мегирад.

Б30 Корхона дар дороии молиявии интиқолшуда дорои иштироки пайваста намебошад, агар дар доираи чунин интиқол корхона ягон гуна ҳуқуқ ё ӯҳдадории тибқи шартнома пешбинишуда вобаста ба дороии молиявии интиқолшуда ҳифз накарда бошад, ягон гуна ҳуқуқ ё ӯҳдадории тибқи шартнома пешбинишуда ба даст наоварда бошад. Корхона дар дороии молиявии интиқолшуда дорои иштироки пайваста намебошад, агар он дар даромади ояндаи дороии молиявии интиқолшуда ҳисса надошта бошад ва дар ҳама гуна ҳолат ҷиҳати анҷом додани пардохтҳои минбаъда дар робита ба дороии молиявии интиқолшуда ягон гуна ӯҳдадорӣ надошта бошад. Истилоҳи “пардохт” дар ин замина маҷмуи воситаҳои пулии вобаста дороии молиявии интиқолшуда аз ҷониби корхона қабулгардидаро дар бар намегирад, ки он ӯҳдадор аст ба қабулкунандаи дороии зикршуда супорад.

Б30А Ҳангоми интиқоли дороии молиявӣ корхона метавонад ҳуқуқи хизматрасонии ин дороии молиявиро бар ивази баъзе маблағи пешбинишуда, масалан тавассути шартномаи хизматрасонӣ ҳифз намояд. Корхона шартномаи хизматрасониро тибқи дастури бандҳои 42В ва Б30 арзёбӣ менамояд, то ин, ки мақсади қонеъ намудани талаботи ифшои маълумот, ки оё корхона аз натиҷаи чунин шартномаи хизматрасонӣ дорои иштироки пайваста дар дороии молиявӣ мебошад, қонеъ намояд. Масалан, барои қонеъ гардонидани талаботи ифшои маълумот корхонаи хизматрасон дар дороии молиявии интиқолшуда дорои иштироки пайваста мебошад, агар подошпулӣ барои хизматрасонӣ аз маблағ ё мӯҳлати воридоти маҷмуи воситаҳои пулӣ аз дороии молиявии интиқолшуда вобаста бошад. Ба ҳамин монанд, барои қонеъ намудани талаботи ифшои маълумот чунин ҳисобида шавад, ки корхонаи хизматрасон ба дороии молиявии интиқолшуда иштироки пайваста дорад, агар подошпулии собитшуда дар сурати бенатиҷа будани дороии мазкур ба таври пурра пардохт нашавад. Дар мисолҳои овардашуда корхонаи хизматрасон ба натиҷанокии минбаъдаи дороии молиявии интиқолшуда манфиатдор мебошад. Арзёбии мазкур аз ин омил, ки оё подошпулии мавриди қабул ҷиҳати ҷуброн намудани хизматрасонии аз ҷониби корхона пешниҳодгардида кофӣ мебошад, вобастагӣ надорад.

Б31 Иштироки пайваста дар дороии молиявии интиқолшуда метавонад натиҷаи муқаррароти шартномавӣ дар шартнома дар бораи интиқоли дороиҳо ё шартномаи алоҳида бошад, ки бо қабулкунандаи ин дороиҳо ё бо шахси сеюм дар робита бо интиқол, ба миён меояд.

### Дороиҳои молиявии интиқолшуда, ки эътирофи онҳо ба таври пурра қатъ намегардад

Б32 Банди 42Г дар ин маврид ифшои маълумотро талаб менамояд, ҳангоме, ки ҳама дороии молиявии интиқолшуда ё як қисми он барои қатъ намудани эътироф мувофиқат нанамояд. Чунин маълумот


© Фонди СБҲМ

бояд ҳар санаи ҳисоботӣ, ки дар он корхона эътирофи дороиҳои молиявии интиқолшударо идома медиҳад, новобаста аз он, ки интиқол дар кадом маврид анҷом пазируфтааст, ифшо гардад.

## Намудҳои иштироки пайваста (бандҳои 42Ғ-42Ё)

Б33 Бандҳои 42Ғ-42Ё ифшои маълумоти сифатӣ ва миқдориро дар бораи ҳар як намуди иштироки пайваста дар дороиҳои молиявие, ки эътирофи онҳо қатъ гардидааст, талаб менамоянд. Корхона бояд маълумотро дар бораи иштироки пайвастаи худ аз рӯи намуди муттаҳидшавӣ, ки нишондиҳандаи дучоршавии корхона ба хавф мебошад, ҳамроҳ намояд. Масалан, корхона метавонад иштироки пайвастаи худро аз рӯйи намуди воситаи молиявӣ (масалан, кафолатҳо ё колл-опсионҳо) ё аз рӯйи намуди интиқол (масалан, факторинги қарзи дебиторӣ, қарордоди секюритизатсия ва пешниҳоди коғазҳои қиматнок бо вом) ҳамроҳ намояд.

## Таҳлили муҳлати бавуҷудоии хароҷоти ғайритахфифии воситаҳои пулӣ барои бозхариди дороиҳои интиқолшуда (банди 42Ғ(ғ))

Б34 Тибқи банди 42Ғ(г) корхона бояд таҳлили муҳлати бавуҷудоии хароҷоти ғайритахфифии маҷмуи пулиро барои аз нав харидани дороиҳои молиявие, ки эътирофи онҳо қатъ шудааст ё дигар маблағе, ки бояд ба қабулкунандаи чунин дороиҳои молиявӣ нисбат ба ин дороиҳо бо нишон додани муҳлати боқимондаи шартномавии чунин иштироки пайвастаи корхона пардохта шавад, ифшо намояд. Дар доираи ин таҳлил маҷмуи воситаҳои пулӣ, ки бояд пардохта шаванд (масалан, тибқи шартномаҳои форвардӣ), маҷмуи воситаҳои пулӣ, ки корхона эҳтимолан уҳдадор аст пардохт кунад (масалан, тибқи пут-опсионҳои баровардашуда) ва маҷмуи воситаҳои пулӣ, ки аз ҷониби корхона метавонад дар давоми як сол тибқи интихоби он пардохта шавад (масалан, тибқи пут-опсионҳои харидашуда) мушаххас мегардад.

Б35 Ҳангоми омода намудани таҳлили муҳлат, ки банди 42Ғ(ғ) талаб менамояд, корхона бояд мулоҳизаи худро барои муқаррар намудани шумораи мувофиқи фосилаи вақт истифода намояд. Масалан, корхона метавонад муқаррар намояд, ки тақсим намудани фосилаҳои зерини вақт мувофиқ мебошад:

(а) дар давоми як моҳ;

(б) аз як моҳ то се моҳ;

(в) аз се моҳ то шаш моҳ;

(г) аз шаш моҳ то як сол;

(ғ) аз як сол то се сол;

(д) аз се сол то панҷ сол; ва

(е) зиёда аз панҷ сол.

Б36 Агар якчанд муҳлати имконпазири бавуҷудоии маҷмуи воситаҳои пулӣ мавҷуд бошад, пас маҷмуи дахлдори воситаҳои пулӣ ба фосилаи вақти муқаррар дар асоси санаи аз ҳама пештар, ки дар он дар корхона уҳдадорӣ ё ҳуқуқи пардохт ба вуҷуд меояд, дохил карда мешавад.

## Маълумоти дорои хусусияти сифатӣ (банди 42Ғ(д))

Б37 Маълумоти дорои хусусияти сифатӣ, ки ифшои он тибқи банди 42Ғ(д) талаб карда мешавад, тавсифи дороиҳои молиявиеро фаро мегирад, ки эътирофи онҳо қатъ шудааст ва инчунин моҳият ва ҳадафи иштироки пайвастаи корхонаро пас аз интиқоли ин дороиҳо дар бар мегирад. Ба он инчунин тавсифи хавфе дохил мешавад, ки корхона ба он дучор мегардад, аз ҷумла:

(а) тавсифи он, ки корхона чӣ тавр хавфи марбут ба иштироки пайвастаи худро дар дороиҳои молиявие, ки эътирофи онҳо қатъ карда шудааст, идора менамояд;

(б) оё корхона уҳдадор аст пеш аз дигар тарафҳо зарар, инчунин тақсимот ва маблағи зарари тарафҳое, ки манфиати онҳо дар дороиҳо нисбат ба манфиатҳои корхона (яъне иштироки пайвастаи он дар дороиҳои мазкур) камтар мебошад, қабул намояд;

(в) тавсифи ҳама гуна омилҳое, ки аз корхона пешниҳоди дастгирии молиявӣ ё аз нав харидорӣ намудани дороии молиявии интиқолшударо талаб менамоянд.

## Фоида ё зарар ҳангоми қатъёбии эътироф (банди 42Е(а))

Б38 Тибқи банди 42Е(а) корхона бояд маълумот дар бораи фоида ё зарарро ҳангоми қатъёбии эътирофи марбут ба дороиҳои молиявӣ, ки дар он корхона дорои иштироки пайваста мебошад, ифшо намояд. Корхона бояд нишон диҳад, оё ба вуҷуд омадани фоида ё зарар дар лаҳзаи қатъи эътироф натиҷаи он аст, ки арзиши одилонаи ҷузъҳои дороии қаблан эътирофшуда (яъне ҳиссаи иштирок дар дороие, ки эътирофи он қаблан қатъ гардидааст ва ҳиссаи иштироке, ки аз ҷониби корхона ҳифз шудааст) аз арзиши одилонаи ҳамин дороии қаблан эътирофшуда дар маҷмуъ фарқ менамуд. Дар чунин ҳолат, корхона инчунин бояд ин маълумотро ифшо намояд, ки оё барои ин арзёбии арзиши одилона мушаххасоти муҳимро истифода намудааст, ки бо маълумоти бозории мушоҳидашаванда асос наёфтаанд, чӣ тавре, ки дар банди 27А тавсиф шудааст.

## Маълумоти иловагӣ (банди 42Ё)

Б39 Маълумоте, ки тибқи талаботи бандҳои 42Г-42Е ифшо карда мешавад, метавонад барои ноил гардидан ба ҳадафи ифшои маълумоти талабнамудаи банди 42Б кифоя набошад. Дар чунин ҳолат, корхона бояд ҳама маълумоти иловагиро, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои ифшои маълумот зарур мебошад, ифшо намояд. Корхона бояд дар асоси ҳолатҳои мушаххаси худ тасмим гирад, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти маълумотии истифодабарандагон чӣ қадар маълумоти иловагӣ зарур мебошад ва ба ҷанбаҳои гуногуни маълумоти иловагӣ чӣ тавр аҳамият додан лозим аст. Зарур аст мувозинати байни аз ҳад зиёд пурбор будани ҳисоботи молиявӣ бо тафсилоти нолозим, ки барои истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ кумак наменамоянд ва дар натиҷаи муттаҳидсозии барзиёдии он маълумот норавшан мегардад, муқаррар карда шавад.

## Ҳисоббаробарии дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои молиявӣ (бандҳои 13А-13Д)

### *Доираи татбиқ (банди 13А)*

Б40 Маълумоти пешбининамудаи бандҳои 13Б-13Ғ талаб менамояд, ки дар робита бо ҳама воситаҳои молиявии эътирофшуда, ки тибқи банди 42 СББМ 32 ҳисоббаробарӣ шудаанд, ифшо гардад. Илова бар ин, воситаҳои молиявӣ дар доираи татбиқи талаботи ифшои маълумоти дар бандҳои 13Б – 13Ғ зикршуда қарор мегиранд, агар онҳо василаи шартномаи асосии дорои таъминоти ҳуқуқӣ дар бораи неттинг ё созишномаи ҳаммонанди фарогири воситаҳои молиявӣ ё амалиёти ҳаммонанд махсуб ёбанд, новобаста аз он, ки ҳисоббаробарии ин воситаҳои молиявӣ тибқи банди 42 СББМ 32 анҷом пазируфта бошад.

Б41 Ба шартномаҳои ҳаммонанд, ки дар бандҳои 13А ва Б40 зикр шудаанд, созишнома дар бораи клиринги дериватившо, созишномаҳои асосии глобалӣ дар бораи бозпас харидан (РЕРО-РЕПО), созишномаҳои асосии глобалӣ дар бораи қабул ва пешниҳоди коғазҳои қиматнок бо вом, инчунин ҳуқуқҳои марбут ба онҳо вобаста ба таъминоти молиявӣ дохил мешаванд. Воситаҳои молиявӣ ва амалиёти ҳаммонанди дар банди Б40 зикршуда дериватившо, созишнома дар бораи бозпас харидан, созишномаҳои баръакс дар бораи бозпас харидан, созишномаҳо дар бораи қабул ва пешниҳоди коғазҳои қиматнок бо вомро дар бар мегиранд. Намунаҳои воситаҳои молиявие, ки ба доираи татбиқи банди 13А дохил намешаванд, қарз ва пасандозҳои муштариёни ҳамон як муассисаи молиявӣ (ба истиснои ҳолате, ки агар онҳо бо мақсади пешниҳод дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ ҳисоббаробарӣ шуда бошанд) ва воситаҳои молиявие, ки василаи танҳо шартнома дар бораи таъминот мебошанд, махсуб меёбанд.

### Ифшои маълумоти микдории дороиҳо ва уҳдадориҳои молиявии эътирофшуда, ки ба доираи татбиқи банди 13А дохил мешаванд (банди 13В)

Б42 Нисбат ба арзёбии воситаҳои молиявие, ки маълумот дар бораи онҳо тибқи банди 13В ифшо мегардад, талаботи гуногун метавонанд татбиқ карда шаванд (масалан, қарзи кредиторӣ метавонад бо арзиши истеҳлок арзёбӣ гардад, дар сурате, ки дериватив бо арзиши одилона арзёбӣ мегардад). Корхона бояд воситаҳоро бо маблағи эътирофшудаи онҳо дохил намояд ва фарқияти дар ин маврид бавуҷудомадаро ҳангоми ифшои дахлдор тавсиф намояд.


© Фонди СБҲМ

### Ифшои маълумот дар бораи маблағи умумии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявии эътирофшуда, ки ба доираи татбиқи банди 13А (банди 13В(а)) дохил мешаванд

Б43 Маблағе, ки банди 13В(а) барои ифшо талаб менамояд, ба воситаҳои молиявии эътирофшуда таалluқ доранд, ки тибқи банди 42 СББМ 32 ҳисоббаробарӣ шудаанд. Маблағе, ки ифшои он дар банди 13В(а) талаб карда шудааст, инчунин ба воситаҳои молиявии эътирофшуда мансуб буда, василаи шартномаи асосии дорои таъминоти ҳуқуқӣ дар бораи неттинг ё шартномаи ҳаммонанд мебошад, новобаста аз он ки ин воситаҳо ба меъёрҳои ҳисоббаробарӣ мувофиқат менамоянд. Аммо, талаботи ифшои маълумоти дар банди 13В(а) зикршуда ба маблағи дар натиҷаи шартнома дар бораи таъминот эътирофшуда масуб набуда, ба меъёрҳои ҳисоббаробарии дар банди 42 СББМ 32 ҷойдошта мувофиқат наменамоянд ва аз ин рӯ, ифшо нисбат ба ин маблағ татбиқ намегардад. Бар ивази ин ифшои маълумот дар бораи чунин маблағ дар банди 13В(г) талаб карда мешавад.

### Ифшои маълумот дар бораи маблағе, ки мувофиқи меъёрҳои пешбининамудаи банди 42 СББМ 32 (банди 13В(б)) ба эътибор гирифта шудааст

Б44 Банди 13В(б) талаб менамояд, ки корхона ифшои маълумот дар бораи маблағеро, ки тибқи банди 42 СББМ 32 талаб карда мешавад, ҳангоми муқаррар намудани маблағи софи дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ пешниҳодшуда ифшо намояд. Маблағи мансуб ба дороиҳои молиявии эътирофшуда ва ӯҳдадориҳои молиявии эътирофшуда, ки бояд тибқи як ё ҳамон шартнома ба эътибор гирифта шаванд, ҳам дар таркиби маълумоти мансуб ба дороиҳои молиявӣ ва ҳам дар таркиби маълумоти мансуб ба ӯҳдадориҳои молиявӣ ифшо карда мешаванд. Аммо, маблағи мавриди ифшо (масалан, дар ҷадвал) бо он маблағе маҳдуд карда мешавад, ки бояд ба эътибор гирифта шавад. Масалан, корхона метавонад дар робита бо дериватив҅о доро҅ ва ӯҳдадории эътирофшударо доро бошад, ки ба меъёрҳои ҳисоббаробарии банди 42 СББМ 32 мувофиқат намояд. Агар маблағи умумии чунин дороии деривативӣ аз маблағи умумии чунин ӯҳдадории деривативӣ зиёд бошад, пас дар ҷадвали ифшои дороиҳои молиявӣ маблағи пурраи ин дороии деривативӣ (тибқи банди 13В(а)) ва маблағи пурраи ин ӯҳдадории деривативӣ (тибқи банди 13В(б)) нишон дода мешавад. Аммо, дар ҷадвали ифшои маълумот дар бораи ӯҳдадориҳои молиявӣ ин ӯҳдадории деривативӣ пурра нишон дода мешавад (тибқи банди 13В(а)), дар ҳоле ки дороии деривативии дахлдор (тибқи банди 13В(б)) ба маблағи баробар ба маблағи ӯҳдадории деривативӣ нишон дода мешавад.

### Ифшои маълумот дар бораи нетто-бузургӣ, ки дар ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ пешниҳод гардидааст (банди 13В(в))

Б45 Агар корхона дорои воситаҳое бошад, ки нисбат ба онҳо талаботи ифшои маълумоти мазкур паҳн гардида (чӣ тавре, ки дар банди 13А нишон дода шудааст), вале ба меъёрҳои ҳисоббаробарии дар банди 42-и СББМ 32 пешбинигардида мувофиқат накунанд, маблағе, ки бояд тибқи банди 13В(в) ифшо гардад, ба маблағе, ки бояд тибқи банди 13В(а) ифшо гардад, баробар хоҳад буд.

Б46 Дар робита ба маблағе, ки тибқи банди 13В(в) ифшо карда мешавад, зарур аст муқоисаи он бо маблағе, ки аз рӯйи моддаи дахлдори ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ пешниҳод шудааст, талаб карда шавад. Масалан, агар корхона муқаррар намояд, ки ҳамроҳкунӣ ё ҷудокунии маблағи аз рӯи моддаҳои дахлдори ҳисоботи молиявӣ пешниҳодшуда маълумоти бештар мувофиқро фароҳам меорад, корхона бояд муқоисаи маблағи муттаҳидшуда ё ҷудошудаи тибқи банди 13В(в) ифшошударо бо маблағе, ки дар ҳисоботи молиявӣ дар бораи ҳолати молиявӣ оварда шудааст, нишон диҳад.

### Ифшои маълумот дар бораи воситаҳои молиявӣ, ки омили шартномаи асосии дорои ҳимояи ҳуқуқӣ дар бораи неттинг ё шартномаҳои ҳаммонанд маҳсуб ёфта, маблағи онҳо тибқи банди 13В(б) (банди 13В(г)) набояд мавриди ифшо қарор гирад

Б47 Банди 13В(г) талаб менамояд, корхона маълумот дар бораи маблағеро ифшо намояд, ки омили шартномаи асосии дорои таъминоти ҳуқуқӣ дар бораи неттинг ё шартномаи ҳаммонанд буда, тибқи банди 13В(б) мавриди ифшо қарор намегирад. Банди 13В(г)(i) ба маблағи марбут ба воситаҳои молиявии эътирофшуда мансуб мебошад, ки ба баъзе ё аксар меъёрҳои ҳисоббаробарии банди 42-и СББМ 32 мувофиқат наменамояд (масалан, ҳуқуқи ҷорӣ барои ҳисоббаробарӣ, ки ба меъёрҳои муқарраршудаи банди 42(б)-и СББМ 32 ҷавобгӯй намебошад ё ҳуқуқҳои шартии ҳисоббаробарӣ, ки

метавонанд ҳимояи ҳуқуқӣ қабул намуда, танҳо дар ҳолати муфлисшавӣ ё танҳо дар ҳолати ғайрифаъолият ё муфлисшавии ҳар кадом аз контрагентҳо иҷро карда шаванд).

Б48 Банди 13В(г) (ii) ба маблағи марбут ба гарави молиявӣ, аз ҷумла, таъминоти пулии ҳам гирифташуда ва ҳам пешниҳодгардида, таааллуқ дорад. Корхона бояд арзиши одилонаи он воситаҳои молиявиро, ки ба сифати таъминот гирифта шудаанд ё пешниҳод гардидаанд, ифшо намояд. Маблағе, ки тибқи банди 13В(г)(ii) ифшо карда шудааст, бояд таъминоти воқеан гирифташуда ё пешниҳодкардаи корхонаро инъикос намояд, на қарзи дебиторӣ ё кредитории дахлдор, ки нисбат ба ухдадории баргардонидани таъминоти гирифташуда ё пешниҳодшудаи корхона эътироф шудааст.

## Маҳдудиятҳо дар робита бо маблағе, ки тибқи банди 13В(г) ифшо мешавад (банди 13Г)

Б49 Ҳангоми ифшои маблағе, ки банди 13В(г) талаб менамояд, корхона бояд таъсири таъминоти зиёдатиро барои ҳар як воситаи молиявӣ дар алоҳидагӣ ба назар гирад. Барои ин, корхона бояд аввал маблағи ифшои тибқи банди 13В(в)-ро ба маблағи ифшошуда тибқи банди 13В(г)(i) кам кунад. Пас аз он, корхона бояд маблағи ифшошударо тибқи банди 13В(г)(ii) маҳдуд кунад, то онҳо аз маблағи боқимондаи банди 13В(в) барои воситаи дахлдори молиявӣ талабшуда зиёд набошад. Аммо, агар ҳуқуқ барои таъминот нисбат ба дигар воситаҳои молиявӣ паҳн гардад, чунин ҳуқуқҳо метавонанд ҳангоми ифшои маълумоти талабнамудаи банди 13Г ба назар гирифта шаванд.

## Тавсифи ҳуқуқи гузаронидани ҳисоббаробарӣ, ки тавассути созишномаҳои дорои ҳимояи ҳуқуқии генералӣ дар бораи неттинг ё созишномаҳои ҳаммонанд пешбинӣ гардидаанд (банди 13Ғ)

Б50 Корхона бояд намуди ҳуқуқҳои ҳисоббаробарӣ ва шартномаҳои ҳаммонандро, ки маълумот дар бораи онҳо дар банди 13В(г) ифшо мешавад, аз ҷумла, хусусияти ин ҳуқуқҳоро тавсиф намояд. Масалан, корхона бояд ҳуқуқҳои шартии худро тавсиф намояд. Барои воситаҳое, ки дар робита ба онҳо ҳуқуқи ҳисоббаробарии бидуни пайванд ба рӯйдоди минбаъда ҷой дошта, вале ин воситаҳо ба дигар меъёрҳои дар банди 42 СББМ 32 пешбинигардида мувофиқат наменамоянд, корхона бояд сабаб(ҳо)-и риоя накардани ин меъёрҳоро шарҳ диҳад. Барои таъминоти молиявии гирифташуда ё пешниҳодшуда корхона бояд шартҳои шартномаи дахлдори таъминотро (масалан, таъсири маҳдудиятҳо нисбат ба таъминоти мазкур) тавсиф намояд.

## Ифшои маълумот аз рӯйи намуди воситаҳои молиявӣ ё вобаста ба контрагентон

Б51 Маълумоти миқдорӣ, ки ифшои он дар банди 13В(а)–(ғ) талаб карда мешавад, метавонад аз рӯи намудҳои воситаҳои молиявӣ ё амалиёт гурӯҳбандӣ карда шавад (масалан, деривативҳо, созишномаҳо дар бораи бозпас харидан ва созишномаҳои баръакс дар бораи бозпас харидан ё созишномаҳо вобаста ба қабул ва пешниҳоди коғазҳои қиматнок).

Б52 Ба сифати алтернатива корхона метавонад маълумоти миқдориро, ки банди 13В(а)–(в) талаб менамояд, аз рӯйи намудҳои воситаи молиявӣ гурӯҳбандӣ намояд ва маълумоти миқдориро, ки банди 13В(в)–(ғ) аз ҷониби контрагент талаб менамояд, гурӯҳбандӣ намояд. Агар маълумоти зарурӣ аз ҷониби корхона дар бораи контрагент ифшо гардад, пас корхона уҳдадор нест, ки номгӯйи контрагентҳоро нишон диҳад. Бо вуҷуди ин, бо мақсади таъмини муқоисапазирӣ, ки аз ҷониби корхона барои ифодаи контрагентҳо истифода мешавад (контрагенти А, контрагенти Б, контрагенти В ва ғ.), бояд сол то сол дар тамоми давраҳои солонаи пешниҳодшуда ба таври пайдарҳам боқӣ монад. Зарур аст инчунин имконияти ифшои маълумоти дорои хусусияти миқдорӣ ҷиҳати маълумоти иловагӣ дар бораи навъҳои контрагентҳо пешниҳод карда шавад. Ҳангоме, ки маблағи дар бандҳои 13В(в)-(ғ) талабшуда аз ҷониби контрагент ифшо мегардад, маблағе, ки нисбат ба маблағи умумии контрагент дар алоҳидагӣ муҳим мебошад, бояд алоҳида ифшо гардад ва маблағи барои контрагентҳои боқимонда, ки дар алоҳидагӣ аҳамият надорад, зарур аст дар як хати муттаҳидшуда ифшо гардад.

## Ифшои дигар маълумот

Б53 Маълумоте, ки тибқи талаботи дар бандҳои 13В-13Ғ мавҷудбуда ифшо карда мешаванд, ҳадди ақалл маълумоти зарурӣ мебошад. Барои ноил гардидан ба ҳадафи дар банди 13Б зикршуда аз корхона эҳтимолан талаб карда шавад, ки маълумоти иловагиро (бо хусусияти сифатӣ) вобаста ба шартҳое, ки дар онҳо созишномаҳои асосии дорои таъминоти ҳуқуқӣ дар бораи неттинг ва созишномаҳои марбут ба он баста мешаванд, аз ҷумла, хусусияти ҳуқуқҳои пешбинишудаи ба роҳ мондани

ҳисоббаробарӣ ва таъсири онҳо ё таъсири эҳтимолии онҳо ба ҳолати молиявии корхона тавсиф карда мешавад.